Яке аз шеърҳои фалсафӣ-иҷтмоии Аскар Ҳаким, ки дар он масъалаи озодӣ ва бардагӣ таҷассуми басе хуби бадеии худро ёфтааст «Офтоби хуншор» мебошад, ки дар асоси воқеаи даҳшатбори зиндагии устод Айнӣ – маҳкум шудан ба ҳафтоду панҷ дурра задан – эҷод шудааст. Шоир дар он қувваҳои озодию бардагӣ, нуру тирагӣ, адолату разолат, мардумию номардумӣ, сарбаландию тамаллуқпешагиро ба ҳам бармехӯронад ва ҳолати шадиди драматик меофарад, ки дар як лаҳзаи кӯтоҳ замири ҳар ду тоифаи иштирокчиёнро ба таври аъло ба назар ҷилвагар сохта, дар мо нисбат ба фидоиёни озодӣ эҳсосоти сӯзони муҳаббат ва нисбат ба душманони он нафрати беандозаро бедор менамояд. Айнӣ ва «дутории фақире аз авом» намоди равшаноӣ ва озодӣ буда, дарбориёну атрофиёни қӯшбегӣ (сарвазири аморат) таҷассуми зулмату бардагиянд, ки бо вуҷуди дар айни

ҳол сари қудрат ва ҳукмраво будан дар назди таърих дар баробари нур тира ва дар баробари озодӣ ғ уломанд.

*Тираву пурбим буд паҳнои арк,*
*Рафта буд хуршед аз болои арк…*
*Хирагӣ мекард туф бар рӯйи нур,*
*То кунад чун хеш ӯро низ кӯр.*
*Лек Айнӣ бегумон медид дур,*
*Олами муздуру марги ин судур.*

Дар ин шеър ду табақаи ҷамъият на фақат аз ҷиҳати иҷтимоӣ, балки аз ҷиҳати ахлоқ ҳам ба ҳам муқобиланд, табақаи ҳоким тимсоли ахлоқи фосид ва табақаи авом таҷассуми маънавияти волост. Аҷаб ин аст, ки табақаи боло бо вуҷуди имкони фарохи зиндагӣ натавонистааст дар худ сарбаландию озодагӣ барин сифатҳоро тарбият диҳад, зеро ҳамеша бандаи сарвату молу чиз будааст, аммо як дутории оддӣ дар баробари онҳо он қадар шуҷоату фидокорӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо ба он қодир нест. Ҳангоме ки қӯшбегӣ аз рӯи шариати ислом барои муайян кардани шахсияти Айнӣ ба суоли худ, ки оё Айнӣ ин аст, мехоҳад аз се шоҳид ҷавоб гирад, тамоми атрофиёнаш бо нидои «бале» фарёд мезананд, ягона касе, ки Айниро хуб мешинохт вале намехост, ки ӯ ба он ҷазои марговар гирифтор гардад, аз хавфи ҷони худ сарфи назар карда, ин Айнӣ нест, мегӯяд. Ин аст ахлоқи инсонӣ ва иҷтимоии мардум, ки новобаста аз сахтиҳо ва ноҷавонмардиҳои рӯзгор дар замири ӯ тарбият меёбад, рушд мекунад ва роҳнамои зиндагии шарофатмандонаи ӯ мегардад.

*Қӯшбегӣ гуфт: «Ин Айнӣ бувад?»*
*«Ҳо, бале,»- гуфто гурӯҳе деву дад.*
*Ногаҳон омад садои синасӯз,*
*«Нест Айнӣ ин, Худоё, ин чӣ рӯз?»…*
*Ғ ӯлае бигрифт дар пушташ варо,*
*Доманаш бурданд то гардан фаро...*
*Кард сар мири ғ азаб: «Бир, экки, уч…»*
*Мефуромад зарбаҳо бар пушти луч…*
*Боз нуҳ зарби дигар омад ба пушт,*

*Ӯ нигаҳ бар қӯшбегӣ кард, кушт.*

Ва дар ин байти мақтаъ:

*Дид майдон, к-офтоби тозарӯ*
*Медамид аз шонаи хуншори ӯ! –*

ақидаи фалсафии зулм кушандаи худро мезояд бо воситаи ғ улӯвви хаёлпарастона (фантастикӣ) таҷассуми амиқ ва бадеии худро ёфтааст. Аз шонаи хуншор дамидани офтоби озодӣ ҷамъбасти амиқи фалсафӣ-иҷтимоиест, ки ҷараёни ногузири пешравандаи зиндагиро ифода намудааст.

Ҳамчунонки мебинем дар саросари ашъори Аскар Ҳаким масоили фалсафӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла озодиву бардагӣ ҳам на танҳо бо воситаҳои гуногуни бадеӣ бозтоби шоиронаи худро пайдо мекунанд, балки худ ҳам ба воситаи бадеӣ табдил мешаванд. Масалан, парвоз дар аксари шеърҳои ӯ киноя аз озодиву озодманишист:

*Дар ҳар раги ман ҳазорҳо овоз аст,*
*Дар ҳар нафасам ҳазорҳо оғ оз аст.*
*Гар ҷони маро шикастапар мехоҳӣ,*
*Дар ҳар шиканаш ҳазорҳо парвоз аст.*

Дар шеъри ғ иноӣ шахси шоир аксаран меҳвари тамоми масоиле мебошад, ки ба андешаву тасвир гирифта мешавад ва бештари ашъоре, ки то ин ҷо аз назари мо гузашт, ҳамин гуна хусусият доштанд. Чигунагии шахси шоир аз доираи масъалаҳое, ки ӯ ба онҳо рӯй овардааст, равшан мегардад. Дар аввалтари ин мақола мо дар бораи зиндагиро арсаи фаъолияти тунду тез шинохтани шоир сухан ронда, онро дар мисолҳои эҷодиёташ таҳлил кардем, ҳоло бар соҳаи фаъолияти аслии ӯ, яъне шеъру шоирӣ рӯй меорем, то бубинем, ки он ба худи шоир чӣ гуна тааллуқ мегирад. Таҳлили ин масъала ҳам мухтасар хоҳад буд, зеро Аскар Ҳаким дар бораи шеъру шоирӣ ашъори бисёре, тақрибан панҷоҳ-шаст шеър дорад, ки мо дар ин ҷо ба онҳо танҳо як назари иҷмолӣ андохта метавонему бас.Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки мавқеъ ва масъулияти шоир

дар ҷаҳони муосир, вазифаи ӯ дар ҳаёти ҷамъият аз масъалаҳое ҳастанд, ки барои ӯ аз асосиҳо ба шумор меоянд. Шоир аз нигоҳи ӯ дар ҷомеа рисолат ва мавқеу мақоми фавқулода дорад, зеро дорои қувваи ахлоқию маънавӣ ва зеҳнию ақлоние мебошад, ки метавонад мардумро ба таҳрик оварда, барои расидан ба ҳадафҳои бузурги инсонӣ мадад намояд. Аз ин рӯ мавқеи ӯ фаъоли андешаманд аст вале дар айни ҳол шоир як вуҷуди бисёр нозук аст, ки дили зудшодшавандаю зудранҷуршаванда дошта, худ ҳам эҳтиёҷ ба меҳрубониву ғ амхорӣ дорад:

*Фарёди дили маро кӣ фарёдрас аст,*
*Фарёди дил аст ин, на садои ҷарас аст.*
*Мо табл набошем, ки моро кӯбӣ,*
*Мо тори рубобем, ки як захма бас аст.*

Таҷассуми бадеии ҷиҳатҳои гуногуни ин мавқеи фаъолро, аз ҷумла дар шеърҳои «Шеъри Ватан (Ба ёди Мирзо Турсунзода)», «Шеъри сангар (Ба шоири размандаи Афғ онистон)», «Дуруд ба Фарзона», «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар», «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ», «Шоире ояд…», «Маро ба гиря маёвар (Ба ёди Жолаи Исфаҳонӣ)», «Эй шумо, даъвигарон!…», «Шоҳроҳи нанг ё девори санг (Ба Мӯъмин Қаноат)», «Анӯширвон дар додгоҳи адл» ва як силсила рубоиҳои ӯ метавон пайдо кард. Дар ин радиф махсусан дар шеъри «Шоире ояд…» аз шоир мавқеи фаъол талаб кардани Аскар Ҳаким хеле барҷаста баён шудааст:

*Дар замоне, ки башар дар хобҳои коҳилӣ хуфта,*
*Баъди хӯрданҳои барги оламе чун кирми абрешим,*
*Нест гӯё хоҳиши бедорияш то рӯзи растохез,*
*Бо садои бартар аз тундар*
*Ё салои сури Исрофил дар маҳшар*
*Шоире бояд,*
*Шоире ояд…*

Ин дар назди шоир гузоштани масъулияти гӯшношунид аст, аммо чӣ метавон кард, агар масъулият бузург набошад, ба чизи

шоистае ноил нахоҳӣ гашт. Мебинем, ки масъулияти шоир аз назари ӯ на танҳо дар ин ҷаҳон зангӯлаи бедорӣ будан аст, балки дар он ҷаҳон ҳам бедор кардан аз хоби абад мебошад. Шоире, ки масъулияти шоирро ин гуна мешиносад, ҳаргиз дар мавқеи мушоҳидагари коҳил қарор гирифта наметавонад ва аз ин рӯ дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ин талаботи бузурги фавқулинсонӣ дар шаклу намудҳои гуногун худогоҳу нохудогоҳ арзи ҳастӣ мекунад.

Дар шеъри «Анӯширвон дар додгоҳи адл» масъулияти шоир на фақат имрӯзу фардо, балки гузашта ва гузаштаи дурро низ фаро гирифта, шоир ва ҳар инсони огоҳро чунон ба андешаву таассурот водор менамояд, ки ӯ худро аз ҷараёни таърих бар канор гирифта наметавонад. Ин шеър дар баробари шеъри мухтасари «Шоире ояд…» шеъри муфассал, манзумаи бисёровоест, ки ҷиҳати дигари истеъдоди шоирро нишон дода, собит менамояд, ки ӯ дар гуфтани анвои гуногуни шеър, шеъри драмаи фоҷиавӣ ҳам дасти тавоно дорад. Шоҳаншоҳеро ҳамчун Анӯширвон, ки номаш дар давоми якунимҳазор сол рамзи адолат гаштааст, ба додгоҳи адл кашидани шоир худ ҷасорати адабӣ мехоҳад. Зарба задан ба ин тасаввуроти якунимҳазорсола кори содае нест, аммо шоир ба хотири ҳақиқат ва адолати ин қадар солҳо поймолшуда ба он даст мезанад ва тамоми имконоташро истифода мекунад, ки онро аз нав барқарор намояд.

*Эй Анӯширвон, ки то имрӯз ҳам*
*номи Шумо одилтарин*
*шоҳи шаҳаншоҳони сосонист,*
*Ман ҳазорон бор маъзурам,*
*агарчи пурсише аз Зоти Олӣ*
*н-аз адаб ҳасту на осонест,*
*Лек водорам кунад*
*рӯҳи ҳазорон марди қурбонӣ,*
*ки то ин дам*
*Ҷойи нафринҳои*
*нобарҷойи*
*садҳосолае аз мо –*
*Ворисонаш чашмдори*
*як дуои хайри инсонист.*

*З-ин сабаб акнун мани шоир*
*Шуморо мекашам*
*бар додгоҳи адл,*
*То бубинам ман*
*чӣ сон буданд эшон*
*подшоҳи адл.*

Ин намунаи хуби шеъри андешаи ҳаяҷономез аст, ки суҷааш (сюжеташ) бар воқеаи фоҷиабор асос ёфта, аз рӯи макру фиреби Анӯширвон парда мебардорад ва дар баробари Маздаки бародарию баробарихоҳ ва адолатҷӯ сурати ҳақиқии ӯро, ки як мустабиди маккор ва худхоҳи хунхор аст, бо тамоми қудрати суханварию суварнигорӣ нишон медиҳад. Шеър бо лаҳни лангардору ботааннӣ оғ оз шуда, мисраъҳои аввали он барои он ки гаронию пурмасъулиятии лаҳзаро нишон дода тавонанд, ҳар яке иборат аз бисту нуҳ ҳиҷои арӯзӣ сохта шудаанд, ки дар таҷрибаи шеъри муосири тоҷик нодиранд. Ҳамин тариқ, дарозию кӯтоҳии мисраъҳо аз рӯи талаботи андешаву ҳиссиёте, ки дар онҳо баён мегарданд, сурат мегиранд, яъне дар ин шеър ҳамаи воситаҳои шаклӣ, аз ҷумла вазну қофия барои ифодаи матлуби муҳтаво созгор сохта мешаванд. Муҳтаво фоҷиаи таърих аст, ки Маздак ва яксаду панҷоҳ ҳазор пайравони ӯ, ки ҷомеаи одилонаи баробарӣ мехостанд, бо макру фиреби Анӯширвон ноҷавонмардона ба қатл мерасанд. Ин ҳодиса чунон шадиду мухтасар, драматик, бо таассуроту ҳаяҷони сӯзон ба қалам оварда мешавад, ки кас фаромӯш мекунад, ки сухан дар бораи як ҳодисаи якунимҳазорсол пеш ба вуқӯъомада меравад ва худро беихтиёр дар ҷараёни он мебинад, таърихро дар худ мебинад ё худро дар таърих ва он фоҷиа фоҷиаи ӯ мешавад, зеро дилу ҷонаш месӯзад.

*«Ин ҳама ёрони ту,*
*Маздак,*
*ту худ андар*
*канори ман,*
*Бингар акнун*
*дар мусовоти*
*замину мол*

*кори ман»*
*В-аз камар боло*
*табарзин рафту*
*истибдод,*
*То сари боло*
*ба хони шоҳ*
*аз гардан*
*ҷудо уфтод.*
*Сар шуд он шӯре*
*ки мебоист,*
*сар мешуд,*
*Дар сари хони*
*шаҳию*
*Меҳргон*
*он рӯз*
*Як саду панҷоҳ ҳазор*
*аз маздакиён*
*каллапар мешуд,*
*Адл*
*сар мебохт,*
*бедоду разолат*
*тоҷвар мешуд…*
*Ин Шумову*
*адлатон,*
*эй Шоҳи Одил,*
*эй Анӯширвон?!*
*Бояд амри*
*қатлатон,*
*худхоҳи қотил,*
*эй Адӯширвон!*[1]

Қотилии Анӯширвон бо ин тамом намешавад, ӯ барои тахту тоҷ ду бародар, ду бародарзода ва ҳатто бобои модарии худро ба қатл расонида, ду чашми писарашро ҳам кӯр мекунонад. Ва бо

[1] Шоир Анӯширвонро ба сабаби золим ва мустабид буданаш «Адӯширвон» лақаб додааст.

ин ҳама аз ҷониби думравонаш ба ин шоҳ илҳоқ кардани номи Одил чӣ беадолатии бузурги таърихист, ки касро ба ҳайрат мегузорад. Ва шоир мегӯяд:

*То дурӯғ асло нагардад*
*бар ҳақу*
*бар ростӣ*
*пирӯз,*
*Меканад*
*дасти адолат*
*он ниқоб*
*аз рӯятон*
*имрӯз.*
*То замоне*
*дар ҷаҳон*
*зулму тааддӣ*
*ҳаст,*
*Маздаке*
*дар батни модар*
*нутфа хоҳад*
*баст!*
*Мешавад акнун,*
*ки ойини адолат*
*ғ олибу таъйин,*
*Шод бодо, шод,*
*рӯҳи маздакиёни*
*ҳама давру замон,*
*Омин!*

Ин шеър ҳушдор аз фалсафаи таърих аст, ки дурӯғ бар ростӣ, ҳарчанд ҳазор сол барҷо бошад ҳам, пирӯз нахоҳад шуд, зеро ғ алабаи дурӯғ муваққатӣ ва пирӯзии ростӣ ҷовидон аст. Ва дар ин шеър шоир масъулияти худро, ки на танҳо дар забони адолат ва ҳақиқат будан барои замони худ, балки барои тамоми дарозои таърих мебинад, ба таври аъло ба иҷро мерасонад.

Партави ин гуна масъулият дар шеърҳои «Дуруд ба Фарзона», «Имон», «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар», «Ойинаи нур», «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ», «Шоҳроҳи нанг ё девори санг»,

«Эй шумо, даъвигарон!..», достони «Санги ман – алмос», рубоиёту дубайтӣ ва дигар шеърҳои ӯ ба чашм мерасад, ки на танҳо худи шоирро, балки ҳар як хонандаро низ таҳрику ташвиқ ба фаъолиятҳои бузург мекунад, ки рисолати инсонӣ-халифагии Худовандро ба иҷро бирасонад, зеро шоир пеш аз он ки шоир бошад, аввал инсон аст, яъне масъулияти шоирии ӯ ба ҳамаи инсонҳо ҳам тааллуқ мегирад. Зиёда аз ин Аскар Ҳаким дар шеъри «Эй шумо, даъвигарон!..» тақозо дорад, ки ҳар инсоне шоири инсони дигар бошад, чӣ тақозои оличанобе, ки як ҷаҳон шефтагӣ ва муҳаббат ба ҳар инсон дорад:

*Маъние дар зиндагии мо,*
*агар бошад,*
*ҳамин бошад,*
*ки ҳар инсон*
*Шоири шоёни*
*инсони дигар бошад.*
*Яъне*
*ин мо ҳам,*
*Шоир астам ман барои ту,*
*Шоир астӣ ту барои ман.*

Як ҷиҳати рисолати шоир, бешубҳа, забони ҳақ ва забони халқ будан аст, иҷрои ин рисолат аст, ки баъзе шои- ронро ба маҳрумиятҳои сахте гирифтор карда, ҳатто то таҳи теғ у сари дор кашидааст, аммо дар баробари ин муҳаббати халқу номи ҷовидон додааст. Дар шеъри «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар» шоир дар ин бора бо рӯҳи падар суҳбат карда, аз шоирони ҷавон даргузаштаи тоҷик Ҳайрат, Пайрав, Юсуфӣ ва шахсиятҳои бузурге чун Носири Хусрав, Мансури Ҳаллоҷ ва дигарон, ки рисолати шоирӣ ва инсонии худро дуруст дарёфта буданд, ёд оварда, аз ҷумла чунин мегӯяд:

*Ё забони халқ*
*онон будаву ман нестам,*
*Гар набошам ман забони халқ,*
*пас ман кистам?!*

Воқеан барои касе, ки бар рисолати шоирӣ амиқ меандешад ва онро ҳамчунон ки ҳаст ба ҳақиқат дарк менамояд, қисмати шоирӣ дар замонҳои ба ҳақ носозгории таърих қисмати ниҳоят сахту талх ва ҳатто фоҷеавист. Носозгории таърих аз як тараф, боз ба болои он ҳақиқат ва зебоиеро, ки шоир бо мадади истеъдоди фавқулоддааш кашф кардааст, дарк ва ё қабул карда натавонистани ҷомеаи дар сатҳи пасти фарҳангӣ қарор дошта, аз дигар тараф, қисмати шоирро боз ҳам сангинтар мекунанд. Ин фоҷеа барои шоири асил қариб дар ҳамаи замону маконҳо вуҷуд доштааст, бинобар он дар мақтаи шеъри мазкур чунин суол гузоштани шоир:

*Кист донад,*
*хилқати шоир,*
*ки дар зоти ту ҷост,*
*Ин мукофот аст, ё шояд*
*муҷозоти Худост...–*

суолест, ки дар тӯли таърих аз таҷрибаи ҳаёти шоирони асил ба миён омада, хулосаи фалсафаи ҳастии ононро фаро гирифтааст. Чунонки донишманди эронӣ Ризо Бароҳанӣ дар яке аз мақолаҳояш қайд менамояд, «...шоирони равшанфикри муосири ҷаҳон, то ҳадде ҳамагӣ зидди таърих ҳастанд»[11] ва ин ҳарф дуруст ҳам ҳаст, зеро манзури шоир аз таърих ҷомеаи ормонӣ (идеалӣ) мебошад, ки дар он адолати иҷтимоӣ сад дар сад барқарор ва шоҳу гадо баробар бошад. Вале, мутаассифона, ҷомеаи башарӣ то ҳол ба эҷоди ҳамчунин ҷомеае, ба ҷуз дар асарҳои бадеӣ, даст наёфтааст. Пас ҳар шоире, ки моҳияти аслии ҳастии хешро дарк кардааст, дар мухолифат бо таърих қарор мегирад.

Ин ҳолат, ки дар сарнавишти шоирони асил ҷой дорад, дар шеъри «Шоҳроҳи нанг ё девори санг» бо тасвиру баёни драматик таҷассуми бадеии худро ёфтааст. Ин яке аз маҳкамтарин шеъроҳест, ки ҳар мисраи он ба мисли тори пӯлодии тарангкашидае ҷарангос мезанад ва аз худи ибтидо сахттарин вазъияти фоҷиавиро дар зеҳну ҳиссиёти хонанда эҷод карда, то ба охир нигоҳ медорад, ки ҳар лаҳза ба инфиҷор расиданаш

мумкин аст. Ва беҳуда нест, ки ин шеър ба устоди шеъри муосир М.Қаноат бахшида шудааст.

*Хоб дидам саҳаре, дар мошин*
*Биништаста ману ту танготанг…*
*Он қадар тунду парон мерафтем,*
*Ҳар кӣ медид, ҳамекандаш ҳанг.*
*Сад карат тезтар аз суръати тир,*
*Аз камоне, ки кашиданд таранг…*
*Лек ногоҳ фуруд омад меҳ,*
*Пеши раҳ парда зада сад фарсанг…*
*Мепаридем вале мо чу садо,*
*Гаҳ ману гоҳ ту фармон дар чанг…*
*Гуфтам, эй ҷон, дигар асло набувад,*
*Ки кунӣ суръати пасте оҳанг.*
*Ҳар чӣ пеш аст, ҳамон қисмати мост,*
*Суръат афзой, намебояд ланг.*
*Он чӣ мо хоста – шаҳроҳе нанг,*
*Он чӣ он хоста – деворе санг.*

Барандохтани ин devори нофаҳмӣ, ки дар роҳи расидани шоир ба шоҳроҳи нанг, яъне ба ҷомеаи ормонии баробарию бародарии инсонҳо вуҷуд дорад, мушкилтарин масъалаи таърих аст, ки сари он дурахшонтарин ақлҳои башарият асрҳои аср ба андеша нишастаанд ва шоири мутафаккири мо ҳам, ки дар паи даст ёфтан ба чунин ҷомеаи ормонӣ мебошад, аз вуруд ба ин масъала бар канор буда наметавонад, ҳарчанд ин кор на фақат ба дигарон, балки ба ӯ ҳам осон коре нест. Ин рубоӣ далели ин ҳол аст:

*Ман шохи анорам, кӣ бигирад ба канор,*
*Ҳар дони анор аст чу як дил хуншор.*
*Муште, ки марост, мушти кӯбидан нест,*
*Дар мушти анор аст ҳамон хуни анор.*

Кашфи ҳақиқату зебоӣ аз ҷониби шоир ва нафаҳмидани он аз ҷониби ҷомеа яке аз мушкилаҳоест, ки дар таърихи шеъру адаб қариб ҳамеша вуҷуд дошта, боиси озурдагии шоирони бисёре гаштааст. Шоир бо истеъдод ва заҳмати шабонарӯзии беқиёсаш,

ки инсони оддӣ ҳаргиз ба он қобил нест, ба дараҷае мерасад, ки ҳамзамононаш аксаран дар он дараҷа нестанд, зеро на танҳо он истеъдодро надоранд, ҳатто он гуна заҳматро ҳам таҳаммул карда наметавонанд ва дар натиҷа дигар аз қудрати дарк ва қабули он ҳақиқату зебоие, ки шоир пешниҳод мекунад, оҷиз мемонанд. Агар ба асли масъала андешида шавад, он фоҷеаи ҳар ду тараф аст, балки бештар фоҷеаи ҳамзамонон аст то шоир, зеро шоир имкони аз ҷониби насли дигар фаҳмида шудан дорад, аммо ба ҳамзамонон ҳамчунин имкони бо насли дигар боз омадан мавҷуд нест. Бинобар он хонандаи шоир ҳадди ақал заҳмати омӯзиши шоирро бояд бикашад, то ба дарки ҳақиқату зебоии сухани ӯ бирасад ва байни онон ҳусни тафоҳум ва пазириши дуҷониба ба амал ояд. Инро дар назар дошта, шоир дар яке аз рубоиҳояш бо бардошту иғ роқ мегӯяд:

*Аз аҳли башар кас ба ҳавоям нарасид,*
*Рафтам ба фалак, малак ба поям нарасид.*
*Гар гунбади аршро садоям бардошт,*
*Бар гунбади шаҳри худ садоям нарасид.*

Яке аз рукнҳои бунёдии ҷомеаи имрӯзӣ ва ормонии фардоӣ, баъд аз адолати иҷтимоӣ ва ё шояд дар баробари он, шукуфоии фарҳангист, зеро муайян кардан мушкил аст, ки кадоме аз инҳо дар ҷомеаи ормонӣ муқаддамтар аз дигаре барқарор хоҳад гашт. Аз ин ҷост, дар шеъри Аскар Ҳаким масъалаи шоир ва фарҳанг, ки таърихро ҳам дар бар мегирад, мақоми бузурге дошта, махсусан дар ашъори дар солҳои охир эҷодкардаи ӯ ифодаи гуногунранги ба- деии худро пайдо менамояд. Шеърҳои «Забони тоҷикӣ», «Бубахшо, эй Ватан!», «Наврӯзи фарвардин», «Аввалу охири дунё - Наврӯз», «Эй, ки пургул мешукуфӣ…», «Замини сабзи боварҳо», «Худ чароғ и хеш бош!», «Анӯширвон дар додгоҳи адл» аз шеърҳое ҳастанд, ки дар вусъати чашмандозу жарфои андеша, барангезандагии таассуроти фарогир, инсиҷоми баён, тару тозагии забону воситаҳои тасвир ва натиҷагириҳои фарохи фалсафӣ дар сарҳалқаи беҳтарин намунаҳои шеъри муосири тоҷик қарор доранд. Дар ҳар яке аз ин шеърҳо барои таҳқиқоти ҷудогогна маводи кофӣ мавҷуд аст вале мо, мутаассифона, барои иҷрои он маҷол надорем, бинобар он сухан

дар бораи онҳо хеле мухтасар хоҳад буд. Вале як хусусияти муштараки ин шеърҳоро дар ин ҷо ҳатман бояд қайд кунам, ки он аз сарчашмаи дониш об хӯрдани онон аст, зеро бе дониши фароху амиқи таърихию фарҳангӣ эҷод шудани онон ҳаргиз имконпазир нест. Аз муҳтавои ин шеърҳо бармеояд, ки шоири онҳо на танҳо аз таҳқиқоти таърихию фарҳангии маъмули пешин, балки аз навтарини онҳо ҳам бохабар аст, ки мисоли равшани он шеъри «Худ чароғ и хеш бош!» мебошад, ки бо нигоҳе ба ҳайкали 14-метраи Будо, ки дар Аҷинатеппа пайдо карда шуда, дар осорхонаи бостоншиносии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешавад, эҷод гашта, ба тамҷиди Будо бахшида шудааст, ки ӯро аслан эронитабор, яъне тоҷиктабори қадим дониста, решаи таълимоташро дар таълимоти Зардушти аввал дидааст, ки ҳафт ҳазор сол пеш аз ин зистааст:

*Нирвонои ту медорад маро ҳушёр,*
*То бубинам инҷилои бомдоди ҳастии худро*
*Дар Нишобуру Хуҷанду Омулу Фарғ онаву Фархор,*
*То канори Ҳинду дарёбор.*

*Омада – рафта,* ту дар хоки ниёконӣ,*
*Ганҷ дар вайрона, эй шаҳзодаи яктои эронӣ,*
*Яъне аз таҳреша тоҷику хуросонӣ,*
*Карда тахту тоҷи шоҳиро раҳо дар кӯйи инсонӣ.*
*То куҷо ё нокуҷоҳо мебарӣ худҷӯиям ин бор,*
*Бар чӣ рамзе мекушояд дидаамро чашми дилбинат,*
*Дар чӣ ранҷеву чӣ ганҷе мешиносонӣ маро осор,*
*Ё ки меёбам давоми хешро дар Чину Мочинат.*

Дар ин шеърҳо фарҳангу таърих на чун воқеъият, ки метавонад аввалу охир дошта бошад, дарку тасвир мешаванд, балки ҳамчун ҳақиқате, ки ҳамеша ҳаст, ба қалам меоянд ва инсонро бо ҷазба ба сӯи худ мекашанд ва ё доимо бо инсонанд, зеро онҳо фарҳангу таърихи инсониятанд. Аз ин ҷост воқеияте, ки дар ин шеърҳо тасвиру ифода мешаванд, бартар аз воқеият буда, шоирро барои дарёфти ҳақиқат илҳом додаанд ва ин ҳақиқат дар кӯраи дилу ҷони ӯ гудохта, бо ҳастии ӯ омехта, ҳақиқати шахсии ӯ гаштаанд, ки ҳақиқати соҳибони ин фарҳангу

таърих ҳам мебошад. Бинобар ин, ҳар соҳиби ин таъриху фарҳанг, ки ин шеърҳоро мехонад, онҳоро на фақат маҳсули дарёфти хеш, балки хешро офаринанда ва соҳиби он медонад.

«Замини сабзи боварҳо» шеърест, ки ғ ояи сарзамини боварҳо, яъне сарзамине, ки дар он аввалин боварҳои башарӣ, яъне сарзамини нахустфарҳангҳои инсоният будани ватани аҷдодии шоирро бо муҳташамии мавзӯъ, лангари сухан, ташбеҳу истиороти тоза, баёни фасеҳ, услуби корхӯрдаи матин дар пеши назар таҷассум менамояд.

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*
*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд.*

Таваҷҷуҳ мекунед, ки дар ин сатрҳо суханҳо чӣ қадар лангардор ва пурборанд, шоир махсус ба ҷои меситоям, тавсиф мекунам барин таъбирҳо, ки дар онҳо оҳанги пешакии ситоиш ҷой дорад, мисраъро дар назари аввал чун наср вале насри маҳками классикӣ «ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш» сохта, бо ин таъкид карданист, ки манзури ӯ ситоиш нест ва дар мисраи дуюм ҳам ин усулро давом дода «ҳар чӣ мегӯям вале з-ин хок…» мегӯяд ва гӯё худи маводи шеър беихтиёр иборои «ҳарфи осмон ояд»-ро дар услуби олӣ ба матн ворид месозад ва байт якбора шукӯҳу шаҳомати ғ айричашмдошт пайдо мекунад:

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*

Ва баъдан маълум мешавад, ин марзе, ки мо ба рӯи он пой мемонем, барои дигарон баробари Каҳкашон будааст. Каҳкашон, ки дар шеър намоди улвият ва бекаронагист, агар ҳамчунин марзе зери қадами мост, пас мо бояд чӣ гуна қадам монем ва бо чӣ мақсад ва ҳадафҳои бузургу олӣ.

*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд…*
*…Дар чунин хоке, ки дар ҳар зарраи хеш осмон дорад,*

*Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист.*
*Ман намедонам, вале медонам ин ҷо хокпош ар ҳаст,*
*Дил саройи ишқи гардунаш набошад, нест.*

Дар ҳар зарраи хеш осмон доштани ин хок ва дар дили ҳар хокпош ҷой доштани сарои гардун суханҳое ҳастанд, ки қудсияти ин сарзамин ва маънавияти ғ ании бошандагони онро таъйину таъйид менамоянд. Ҳарчанд ин ҳолат шоирро ба гардунҳо мебарад, аммо ӯ бо тавозӯъ бар хоки ин манзар бар замин фуруд меояд ва мегӯяд:

*То ба ҳарфи хомуши водӣ-ш гӯшамро фаро орам,*
*Вожаҳои рӯдҳоро бишнавам дар вижапардозӣ.*
*Гӯш бар хоки таҳаммулбор бигзорам,*
*Оядам аз Зардуҳишту Маздаку Монӣ-ш овозе,*
*Баски хоки покашон ин ҷост,*
*Саҷдагоҳу зинаи афлокашон ин ҷост.*

Ва дар саросари ин шеър шоир аз ҳақиқатҳое ҳарф мезанад, ки онҳо бо обу хоки ӯ омехтаанд, ё беҳтараш ӯро бо онҳо сириштаанд ва дар натиҷа шоир касе мешавад, ки на дар бораи ҳақиқат ҳарф мезанад, балки худ ба ҳақиқат табдил мегардад ва шеър ба паёми ҳақиқат.Ва ин далели он аст, ки ин ва ин гуна шеърҳо, аз қабили «Наврӯзи фарвардин», «Аввалу охири дунё – Наврӯз», «Ҳадиси Одам дар офариниши Ҳавво», «Анӯширвон дар додгоҳи адл» на танҳо имрӯз, балки фардоҳо ҳам ҳамчун паёми ҳақиқат дарк хоҳанд шуд, зеро онҳо ҳамчун ҳақиқатҳое ба забон омадаанд, ки гӯяндаи онон бо ҳақиқатҳои кашфнамудааш даромехта, худ ҳақиқат гаштааст. Ва муҳимтараш боз ин аст, ҳар хонандае, ки соҳиби ин замину таъриху фарҳанги он аст, бо хондани ин шеър-ҳо онҳоро паёми хеш аз ҳақиқати хеш медонад. Воқеан ин паём аз ҳақиқати ӯву сарзамини ӯст:

*Ҳамди исломат, ки ҷуз исломи некӣ нест,*
*Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист?*
*То расад насли башар бар ҳадди инсонӣ,*
*Боядаш омухт аз ин ҳар ду мусалмонӣ…*

*...Эй диёри кӯчаки аз чор дарё ҳам фарохотар,*
*Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон*
*Кард гардуни баландахтар,*
*К-ин мани сарводагӯ дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёнат*
*Мезанам акнун ба авҷи ҳафт гардун сар.*

Осори Аскар Ҳаким дар шеъри муосири тоҷик намунаи бозтоби шоиронаи фалсафаи ҳастӣ мебошад, ки ин ба шеъри ӯ тароват ва ҷаззобият бахшида, онро мавриди андешаи ҳамаи онҳое менамояд, ки шинохти муҳимтарин фазилатҳои одаму оламро суроғ доранд. Шеъри асили имрӯз наметавонад бе андешаҳои амиқи фалсафӣ, ахлоқию иҷтимоӣ бошад, зеро савияи ҷомеа рӯз ба рӯз боло меравад ва хонандаи соҳибмаълумоту бофарҳанг ба шеъре ниёз дорад, ки талаботи фикрию завқӣ ва рӯҳии ӯро қонеъ кунонида тавонад. Ҳанӯз тақрибан 170 сол қабл аз ин адабиётшиноси ҷаҳоншумули рус В. Белинский навишта буд, ки «акнун ҳамаи шоирон, ҳатто бузургон дар айни ҳол мутафаккир ҳам бояд бошанд вагарна истеъдод ҳам мадад карда наметавонад...»[12]. Адабиёти мо дар мисоли осори Аскар Ҳаким ҳамин гуна асарҳоеро дорад, ки дар онҳо истеъдоди шои- рӣ бо беҳтарин ваҷҳ бо дониш ва тафаккури амиқ ба ҳам даромехта, дар баҳамҷӯшхӯрдагии эҳсосоту андеша намунаҳои хуби шеърро ба вуҷуд овардааст.

Ман ин ҷо бояд қайд кунам, ки дар ин мақола танҳо тарҳи таҳқиқе, ки бояд карда шавад, ба қалам омад, ҳар мавзӯе, ки зикр шуд, метавонад мавриди таҳқиқоти алоҳидае қарор бигирад, зеро дар осори Аскар Ҳаким оид ба он маводи кофӣ вуҷуд дорад. Ман иҷрои онро аз муҳаққиқони ҷавонтар, ки маҷоли бештари кор дошта, дар соҳаи робитаи адабиёту фалсафа пажӯҳиш мекунанд, чашм дорам, зеро дар ин соҳа дар эҷодиёти Аскар Ҳаким ва умуман дар шеъри муосири тоҷик барои таҳқиқоти арзишманд маводи фаровони ҷолиби таваҷҷуҳ мавҷуд аст.

## Пайнавишт

1. Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким. Интишороти байналмилалии «Ал- худо», 1373. Алиасғ ари Шеърдӯст «Муқаддимаи ношир», саҳ. «д».

2. Добролюбов Н.А. Собр.соч. в 3-х томах, т.3. М.,Гослитиздат, 1952, стр.171.
3. Денисова, Искра. Обсуждение новой поэмы А. Хакима «Мой камень – алмаз» на творческой встрече в Москве, в МСПС 6 апреля 2000 г., «Памир», №№1-6, 2000 г., стр. 126.
4. Гайрат Гулом Сахи. «Обсуждение …», там же, стр. 129.
5. Зулфикаров , Тимур. «Обсуждение…», там же, стр. 128.
6. Золотцев, Станислав. «Обсуждение…», там же, стр. 123.
7. Алиасғ ари Шеърдӯст. «Баргузида…», саҳ. «д».
8. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. «Нигоҳе кӯтоҳ ба қомати баланди шеър», «Адабиёт ва санъат», 16 июли соли 2009, №29, саҳ. 14.
9. Толстой Л. Н. Квинтэссенция. Философский альманах. М., Политиздат, 1990. Н. Н. Трубников (Проспект книги о смысле жизни), стр. 446.
10. Қазва, Алиризо. «Аскар Ҳаким – ғ азалсарои мутафовит». «Адабиёт ва санъат», 27 январи соли 2005, №4.
11. Бароҳанӣ, Ризо. Тило дар мис. Дар се ҷилд. Ҷилди 1. Теҳрон, 1371. саҳ. 248.
12. Белинский В. Г. Собр. соч. в 3-х томах, т.2, М., Гослитиздат, 1948, стр. 445.



**Нозим НУРЗОДА**
*муҳаққиқ*

# ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР РӮ БА РӮЙИ РАВАНДИ БЕГОНАШАВӢ

Раванди муосири ҳаводиси сиёсӣ дар баъзе мамолики шарқӣ собит сохта истодааст, ки бидуни доштани иммунитети фарҳангӣ ва сиёсӣ дар шароити сиёсии глобалӣ зиндагӣ кардан ва, муҳимтар аз ин, зинда мондан мушкил аст. Мушкил ин ҷост, ки падидаҳои номақбул, хашин, мазарратовар ва ғайриинсоние монанди бунёдгаройӣ (фундаментализм), ифротгаройӣ (экстремизм), тундгаройӣ (радикализм) ва натиҷатан, даҳшатафканӣ (терроризм)-и динӣ-мазҳабӣ фазои фарҳангӣ ва маънавии мамолики Шарқи мусулмониро фаро гирифта, роҳи бурунрафтро аз ҳар тараф бастаанд. Падидаҳои мазкур, ки зоидаи табъу зеҳни ҷаҳолатмаобони давранд, ҳамеша аз ҷониби қудратҳои бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ шуда, вазъи куллиро дар манотиқи гуногуни шарқӣ, ба вижа, Шарқи мусулмонӣ ноҷур месозанд. Сухан сари ин аст, ки фарҳангҳои миллию бумӣ дар ҷараёни ташаннуҷи ифротгаройӣ ва тундгаройии динӣ таҳти хатари азим гирифтор шуда, дар маърази нобудӣ қарор мегиранд.

Аз таърих хуб дар ёд мондааст, ки идеологияҳои динӣ-мазҳабӣ дар ҳама давру замон бо мақсади дар инҳисори фикрӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ қарор додани мардум аз силоҳи таҷрибашудаи таърихӣ -- ҷаҳлу ҷаҳолат ва зулму истибдод, ки пояҳои асосии низомҳои сиёсии диктаторӣ маҳсуб меёбанд, васеъ истифода намуда, бад-ин тариқ тӯдаҳои мардумро таҳти султаи худ мегиранд. Инҳитоти фарҳангӣ ва ё тазъифу ниҳоятан аз байн бурдани фарҳанги миллӣ роҳи аз ҳама қавӣ ва санҷидашудаи таърихиест, ки тавассути он фарҳангҳо, дину ойинҳо, расму маросим, диду андешаҳо, бинишу донишҳои мардум таҳриф шуда, бар пояи ҷаҳлу зулми маънавӣ нигаҳ дошта мешаванд ва саранҷом, дар зеҳни мардум бадгумониҳои фарҳангӣ реша давонда, раванди ҳувиятсозии сунъӣ ва бегонашавӣ (процесс

отчуждение) дар ҷавомеи авомписанд тасаллут пайдо мекунад ва охируламр аз асли миллӣ ва бумӣ канда шудани комплексҳои фарҳанги мардумӣ ба миён меояд.

Бегонашавӣ раванди глобалиест, ки тайи таърихи тӯлонӣ ҳувияти қавмию миллии мардумони гуногуннажодро хароб сохта, ба онҳо ҳувияти сунъию сохта «ҳадя» намудааст. Таҷриботи ҳаводиси таърихии давраҳои гуногун гувоҳи онанд, ки тавассути ҷаҳлу зӯрӣ ва тарсу ҳаросафканӣ интишор додан ва истеҳком бахшидани сиёсат ва фарҳанги бегона қисмати зиёди мардумро ба истилоҳ, манқурт сохта, иҷборан аз бовару эътиқодоти милливу бумиаш маҳрум намудааст. Аз ҷониби дигар, мардум ва қишрҳои маърифатии ҷавомеи таҳти тасаллути сиёсат ва фарҳанги бегона қарордошта ба хотири амнияти фардӣ аз арзишҳо ва боварҳои худӣ даст мекашанд. Хатарҳои вуҷудӣ (ниг.: Бобоёров Ҳафиз. Методологияи «бехатарии вуҷудӣ»: мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб. –Душанбе: Дониш, 2015. -С.6-7) инсонро дар баробари қудратҳои фикрию ҷисмонии бегона заиф месозанд ва ҷониби қабулу пазириши иҷбории қавонини бегонагон савқ медиҳанд. Дар ин росто, агарчи фарҳанги миллӣ тайи таърихи тӯлонӣ ҳамеша таҳти тасаллут ва контроли аҷнабиён қарор дошт ва дар натиҷаи «бориши барзиёди сели андеша ва фарҳанги бегона» тахриб шуд, вале, қатъи назар аз ситезҳои бардавоми бегонагон аз рӯйи қудрат ва тавон бори гарони фарҳанги бумиро баркашонд. Аммо, бар хилофи ҷуръату ҷасорати миллию инсонии Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва соири бузургони миллӣ, бар асари ҷаҳолатписандӣ ва хурофотпарастӣ дар масири бегонасолорӣ иқдом бардоштем ва ба қавли устод Лоиқ:

Мо на онем, ки сад чашми ҷаҳонбин дорем,

Мо ҳамонем, ки ду чашми даҳонбин дорем – ҷодаи тираву норӯшани бегонасолориро тайи асрҳои мутааддид паймудем(ниг.: Шакурӣ Муҳаммадҷон. Хуросон аст ин ҷо. -Душанбе: Маориф, 1991. –С.19). «Ду чашми даҳонбин доштан» нишони камхирадӣ, камандешӣ, кӯрзавқӣ, сатҳинигарӣ, нодурандешӣ ва таҷрибанописандии мардум аст, ки сарнавишташро бо зулму ситам ва ҷаҳлу разолат даромехта, роҳҳои бунбастиро интихоб намуд. Агар либоси фарҳанг бо хирад, ростӣ, адолат ва ҷуръату ҷасорат пероста шуда бошад, сарнавишти неку сазовор ӯро интизор аст, дар акси ҳол, дар

қолаби фарҳангҳои бегона ва тамаддуни аҷнабӣ ба сар мебарад ва ҳамеша дар ҳолатҳои хатарнок сари таъзим ба бутҳои фарҳангҳои бегона фуруд меоварад ва дар нобасомониҳо аз онҳо мадад меҷӯяд. Саранҷоми бад доштан аз бехирадӣ, беҳавсалагӣ, саҳлангорӣ, бетаваҷҷуҳӣ, бепарвоӣ ва беинсофии сардамдорони миллӣ ва мардумӣ сарчашма мегирад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳанӯз дар замони худ ин нуктаи калидиро дар муносиботи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъкид карда буд:

*Ба Яздон, ки гар мо хирад доштем,*
*Куҷо ин саранҷоми бад доштем.*

**Раванди бегонашавӣ** ва бегонасолорӣ дар даҳсолаи ахир дар муҳити сиёсӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии қаламрави ҷумҳурӣ истеҳком ёфта, ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ фазои иттилоотӣ ва расонаии моро фаро гирифтааст. Мутолиаи ҷароиди мустақили миллӣ дар даҳ соли охир ин даъвиро матраҳ мекунад, ки раванди бегонашавӣ ва, гузашта аз ин, бегонасолорӣ дар ҳавзаи сиёсӣ ва фарҳангии мо рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта ва сол ба сол таҳкиму тақвият ёфта, дар садади татбиқ шудан қарор дорад. Бегонашавӣ (alienation – The Oxford Rassion Dictionary. New York: Oxford University Press, 1993. -P.325) раванди фарогирест, ки тавассути он инсон дар доираи хусусият ва характери худ бо таъсири авомил ва падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз қабили дин, мазҳаб, синф, сиёсат, фарҳанг ва амсоли инҳо бегона мешавад (ниг.: Бобоёров Ҳафиз. Озодандешӣ, бегонашавӣ ва ҳувиятсозӣ дар ислом. //Ҷумҳурият №249 (22554), 19 декабри соли 2014.-С.2) ва комплекси муносиботи иҷтимоӣ -- олами афкор, гуфтору кирдори рӯзмарраи худро дар партави фарҳанги бегона таҷассум мекунад. Бегонашавӣ, ки аксаран, дар бардошт ё нусхабардорӣ (простое копирование)-и одии фарҳангу адён, расму русум ва ойину мазоҳиби бегона-аҷнабӣ зоҳир мегардад, ба тадриҷ зеҳниёти миллатро мунҳасир сохта, дар имтидоди муайяни замонӣ онро ба як ашё ё объекти истифода ва роҳандозӣ намудани ҳадафҳои геосиёсӣ ва геостратегии абарқудратони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ табдил медиҳад. Раванди бегонашавӣ (процесс отчуждение) ҳарҷу марҷи сиёсӣ, фикрӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба дунбол дорад ва он роҳи сарбаста ва бунбастиро барои қавму миллиятҳои мухталиф ба вуҷуд меоварад. **Бегонашавии фикрӣ ва идеологӣ** хатарноктарин навъи бегонашавист, ки оқибат ба **бегонасолорӣ** бурда мерасонад. Дар

имтидоди тӯлонии замонӣ ҷомеаҳои мутеъ таҳти фишорҳои равонӣ, фикрӣ, идеологӣ ва ҷисмонӣ бевосита ва бавосита фарҳанг ва идеологияи ғайрро пазируфта, ба таври тадриҷӣ дар тафаккуру тахайюли хеш ҷо медиҳанд. Дар натиҷа тафаккури истеъморӣ шакл мегирад ва роҳи озодиҳои фикрию эҷодии онҳоро банд мекунад. Ба таври маснӯӣ банд шудани ҳофизаи таърихӣ (историческая память) ба фаромӯшии хотираи миллӣ оварда мерасонад. Дар ин мавқеъ инсон ва мушаххасан, миллияту халқият ба гирдоби бетафовутӣ ва саҳлангорӣ нисбат ба сарнавишти миллӣ меафтад ва баромадан аз чунин гирдоби вахим, ки бо амвоҷи бегонасолорӣ муназзам гардидааст, кори саҳлу осон нест. Дар натиҷа, инсон на танҳо аз фарҳангу маънавиёти бумӣ ё худӣ маҳрум мемонад, балки ба бегонапараст ва бегонасолор табдил меёбад. Махсусан, дар замони даргириҳои фикрию ақидатӣ ва геосиёсӣ, ки онро дар забон ва истилоҳи сиёсӣ «бархӯрди тамаддунҳо» унвон кардаанд, ҷараёни бегонашавӣ манофеи миллӣ ва мардумиро ба хатар мувоҷеҳ месозад. Ба қавли назарияпардози геосиёсӣ ва бархӯрдҳои тамаддунӣ Самюэл Ҳантингтон: «Сиёсати глобалӣ ин сиёсати тамаддунҳост. Рақобати давлатҳои абарқудрат бар пояи бархӯрди тамаддунҳо сурат мегирад» (ниг.: Хантингтон Самюэль. Столкновение цивилизаций. –Москва: АСТ, 2006. –С.7). **Дурнамои сиёсати глобалиро Ҳантингтон дар бархӯрдҳои тамаддунҳое мушаххас намудааст, ки аслан, динмеҳваранд.** Ба сухани сареҳтар, набарду бархӯрдҳои динӣ-мазҳабӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон ба нақша гирифта шуда буд ва он дар асри бисту як дар шакли тунд (револютсионӣ) татбиқ шуда истодааст. Бо назардошти шароит ва вазъи номусоиди глобалӣ, таҳкими фарҳанги бумӣ бар мабнои ҷаҳонбинӣ ва идеологияи воқеъбинонаи миллӣ, ки дар бовару асотири паҳлавӣ ва манобеи асримиёнагӣ дарҷ гардидаанд, хукми зарурат аст (ниг.: Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе, 2012. -С388-389). Хатти марказии фарҳанг ва сиёсати миллӣ дар симои шаҳриёри нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшед чарх мезанад ва асотири ориёӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ на фарраи паёмбарӣ, балки фарраи шаҳриёриро ихтиёр намуда, дар ин дунё лаззат бурдан ва онро ободу зебо сохтанро меъёр ва шеваи зиндагии худ талаққӣ карда, дар татбиқи он калидғоя кӯшидааст(ниг.: Баҳор Меҳрдод. Аз устура

то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. -С. 360). Бар қолаби фарҳанги ҷамшедӣ ҷашнҳои бостонии миллӣ (Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада) рехта шуда, ҳамагӣ барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ офарида шудаанд (ниг.: Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, чопи аввал, 1376. –С.15). Аз ин лиҳоз, пуштибонӣ аз фарҳанги ҷамшедӣ ва татбиқи он дар низоми сиёсӣ ва иҷтимоии ватанӣ ба сифати идеологияи миллӣ дар ҷараёни инҳисороти фарҳангӣ ва бархӯрдҳои сиёсию тамаддунӣ тадбири калидӣ маҳсуб меёбад.

Геополитика ва геостратегия, қабл аз ҳама, бо ҳувияти миллӣ сари кор мегирад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки онро дар ҷанинаш тағйир дода, масири ҳаракати тахайюл ва тафаккури объектро ҷониби ба худ мувофиқ майл диҳад. Заъфи фикрӣ ва фарҳангӣ, зарфиятҳои тангу маҳдуди зеҳнию миллӣ боиси он мегардад, ки халқу миллиятҳо дар масири таърихи муосир аз ҷониби бозигарони бузург мавриди суиистифода ва ба истилоҳ, манипулятсия қарор гирифта, ба даргириҳою низоъҳои хашин кашида мешаванд. Ба вежа, ашхос ва миллатҳое ба доми найрангҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ меафтанд, ки фаъол нестанд ва дар олами хурофоту тақдирпарастӣ (фатализм) зиндагӣ мекунанд(ниг.: Бобоёров Ҳафиз. Моҳияти ифротгароии динӣ аз рӯйи сенарияи «бархӯрди тамаддунҳо»-и Самуэл Ҳантингтон. //Садои мардум №4 (3305), 7 январи соли 2015. –С.3). Зарфиятҳои фикрӣ ва фарҳангии миллӣ, ба қавли донишманди тоҷик С. Ятимов, дар мафҳуми «одоби миллӣ ё характери миллӣ» меғунҷанд, ки маҷмӯаи муносиботи ахлоқии имрӯзу ояндаи миллатро дар бар мегирад (ниг.: С. Ятимов. Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ. //Ҷумҳурият №252 (22557), 24 декабри соли 2014. –С.3). Ҳар қадар одоб ва характери миллӣ заиф ва камзарфият бошад, дар ҷараёни бархӯрдҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ ҳамон қадар осебпазиртар мегардад.

Фарҳанги миллӣ на танҳо илму маърифат ва одобу маросим, балки маҷмӯан, рӯҳи миллию мардумиро таҷассум мекунад ва дар ҳофизаи таърихии миллат (историческая память) нигаҳ медорад. Хотираи таърихӣ маҷмӯаи андешавӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии як қавм ва миллатро дар масири таърихи вуҷуд ҳифз мекунад ва ба ояндагони миллат эҳдо менамояд. Дар ин радиф, андеша ва тафаккури миллат муносибати худро, чи ба фарҳанги

миллӣ ва чи ба фарҳангҳои умумибашарӣ муайян сохта, барои рушду такомули инсон, ҷомеа ва давлати миллӣ роҳ мекушояд (ниг.: Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. –Душанбе: Дониш, 2007.-С.38). Фарҳанг ва тамаддунро фарҳангшиноси маъруфи амрикоӣ Вил Дюрант назми иҷтимоие медонад, ки дар натиҷаи мавҷудияташ халлоқияти он имконпазир гардида, ҷараён пайдо мекунад (ниг.: Дюрант Вил. Таърихи тамаддун. Ҷилди 1. –Теҳрон, 1343. -С.3). Ба таври куллӣ, фарҳанг бавуҷудорандаи назми иҷтимоӣ буда, тайи таърих инсон ва муҳити инсонӣ месозад. Дар муҳитҳои инсонӣ муносибатҳои мутақобилаи судманд ташаккул ва ривоҷ меёбанд. Аз ин нигоҳ, фарҳанги миллӣ, қабл аз ҳама, махсусият ва атрибутҳои писандидаи мардумиро инъикос намуда, роҳи минбаъдаи таҳаввулу тараққиро барои наслҳо мушаххас мекунад.

Ба таври куллӣ, дар раванди ҷаҳонишавӣ фарҳанги миллӣ дар инҳисор(изолятсия)-и хатарҳои зерин қарор дорад: а) пантуркизм, ки ҳанӯз аз ибтидои садаи бист таҳрифи ҳувият ва чеҳраи миллиро ҳадафи ниҳоӣ, стратегӣ ва ниҳоятан, идеологӣ қарор дода(ниг.: Шакурӣ М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. –Душанбе: Адиб, 2010. –С.97), дар ин замина, ба сохтани симои ҷаълӣ ва фарҳанги маснӯии миллӣ пардохт. Тайи беш аз бист соли истиқлолият тавассути муассисаҳои таҳсилоти мутавассита (мактабу литсейҳо), филмҳои мутааддид ва дигар васоити муассири идеологӣ густариш ёфта истодааст; б) панисломизм-панарабизм, ки тавассути мавъизаҳои ба истилоҳ, муллоҳои маҳаллӣ ва берунӣ пиёда мешавад ва, мутаассифона, фазои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва сиёсии миллиро мағшуш сохтааст; в) панрусизм, ки русгаройии ифротиро дар минтақа роҳандозӣ намуда, роҳро барои бегона шудани ҳувияти миллӣ ҳамвор кардааст. Ҳамчунин, урупоигаройӣ ё ғарбгаройии ифротӣ низ дар баробари соири авомили ҳувиятситез вуҷуд дорад. Мо, аслан дар зоҳир ғарбгаро ва чуноне ки баъзан киноя мезананд «ғарбзада» ҳастем. Аллома Иқбол ин масъаларо пайгирӣ намуда, таъкид дошта буд, ки қудрати Мағриб аз илму дониш аст, на аз либос ва дар ин росто, ба насли ҷавони ҷомеа ҳушдор дода буд:

*Илму фанро, эй ҷавони шӯху шанг,*
*Магз мебояд, на малбуси фаранг.*

Аз хатароти фарҳангии фавқ зиёдтар пантуркизм ва панисломизм дар минтақа таъсири амиқ ва густурдатар доранд. Онҳо ҳатто дар сатҳи расмӣ дастгирӣ меёбанд ва қисмати аъзами армияи илму маориф онҳоро ҷонибдорӣ мекунанд. Идеологияи пантуркистӣ имрӯз дар қолаби таълимоти мазҳабӣ ба арсаи фарҳанги миллӣ ворид гардидааст. Миёни авом аз эътибор ва нуфузи зиёд бархӯрдор будани тоифаи ба истилоҳ, мулло ва домулло баёнгари вазъи номутаносиби сиёсӣ ва фарҳангии минтақавӣ (ниг.: Холиқзода Ҳафиз. Оё дин, илм ва мулло равшанфикр аст? //Садои мардум.№148 (3294), 10 декабри соли 2014.-С.3), илова бар ин, салтанати безавқӣ ва камхирадӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки аз охири садаи бистум дар тарҳи нави сиёсӣ масъалаи б**а ислом рӯ овардани масеҳиён ва умуман, фарҳангиёну нухбагони урупоӣ матраҳ аст.** Бо ин **фиреби назар** дастандаркорон исломгаройиро дар шакли таҷаммуи мардумӣ тавсеа додан мехоҳанд ва ин падидаро дида, ҷомеа аз диёнати исломӣ ва бартарияти он аз дигар ақоиду мазоҳиб ифтихор мекунад**.** Ҳол он ки ҳанӯз нависанда ва мутафаккири шаҳири иронӣ **Содиқ Ҳидоят** дар нимаи аввали садаи бистум ин масъаларо дарк намуда, таъкид дошта буд, ки **фаронсавиён (фарангиён – урупоиён –Н.Н.) ба ислом ин қадар зиёд часпидаанд, то мусулмононро беҳтар савор шаванд** (ниг.: Ҳидоят Содиқ. Корвони ислом. Интишороти Созмони ҷунбиши натсионалистии донишгоҳиёну донишпажӯҳон ва равшанбинони Ирон, 1361. – С.6). Чашми насли ҷавони ҷомеаи тоҷикӣ таҳти таъсири ин манипулятсия, мисли ин ки ихтиёран баста шудааст. Ин насл намехоҳад чашмашро боз карда, воқеият ва ҳақиқатро ошкоро бубинад. Охир, кори эҳсосоту тасаввурот, ки дин ва мазҳаб бар мабнои онҳо асос ёфтааст, дар сарҳади бехудӣ анҷом меёбад. Ҳувияти динӣ-мазҳабӣ, дар ҳар  шакли зуҳур баёнгари ҳувияти миллӣ нест, чаро ки побанди маҳдудиятҳои ақидатист. Тайи таърихи тӯлонӣ марзи андеша, фарҳанг ва дар маҷмӯъ, рӯҳи миллӣ дар инҳисороти идеологӣ  қарор дошт ва ин раванд дар шароити имрӯза, ки бархӯрдҳои тамаддунии динмеҳвар рӯз ба рӯз ташанну҅ҷ мекунанд, таҳкиму тақвият ёфта истодааст. Дар ҳоле ки дар таърихи миллӣ нахустин маротиба Куруши Кабир ба тамаддун, эътиқод, афкор, мазҳаб ва сунани иҷтимоии миллатҳои мағлуб ба дидаи эҳтиром менигарист (ниг.: Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Ирон. Ҷилди аввал. Теҳрон,

1368.–С.249), аксари наслҳои имрӯзии мо, ки бар асари фишору таҳоҷуми мағзии ифротӣ ҳувияти бегонаро пазируфтаанд, дар масири бегонагӣ ҳаракат карданро авло медонанд.

Раванди бегонашавӣ роҳи мустақимро барои бурузи ифротгаройии динӣ ҳамвор месозад. Решаю авомили бурузи ифротгаройӣ ва ба истилоҳ, экстремизми динӣ-мазҳабӣ, қабл аз ҳама, дар ақибмондагии саросарии иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Ҳар қадар иҷтимоъ мутамоили ҷаҳолату афкори пӯсидаи гузашта бошад, ҳамон қадар хатари ҳама гуна ифроту тафритгарӣ, ки бар ҳасби истилоҳ, «авомзадагӣ» талаққӣ мешавад, онро таҳдид мекунад. **Ба назари ҷомеашиноси ironӣ Алӣ Ризоқулӣ, авомзадагӣ, ки дар асоси ҷаҳолату нодонӣ рӯйи кор меояд, як бемории риққатбор ва андешакуши иҷтимоӣ (ва миллӣ –Н.Н.) аст** (ниг.: Ризоқулӣ Алӣ. Ҷомеашиносии нухбакушӣ: таҳлили ҷомеашинохтии бархе аз решаҳои истибдод ва ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Нашри Най, 1377. -С.227-228). Авомзадагӣ, дар асл, хирадситезӣ ё ба қавли Абдулҳодӣ Ҳоирӣ, «яксуянигарӣ» (ниг.: Зебокалом Содиқ. Мо чӣ гуна мо шудем: решаёбии илали ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Интишороти Равзана, 1378.-С.206) буда, мунҷар ба афзоиши бемайлони ифротгаройӣ ва ба ин монанд истибдоди равонию ҷисмонӣ мегардад. Ин аст, ки маҳз салтанати тадриҷии ҷаҳолати минтақавӣ боиси вусъат пайдо кардани раванди бегонашавӣ гардида истодааст. Ҳарчанд ки илму дониши ҷаҳонӣ имрӯз вусъати кайҳонӣ касб мекунад, мо ҳанӯз дар фикри побарҷо доштани хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ зиндагӣ мекунем ва ақаллан фармудаю насиҳати Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро, ки ифтихори дину мазҳаб аст, ба эътибор намегирем:

*Сахтгириву таассуб хомӣ аст,*
*То ҷанинӣ, кор хуношомӣ аст.*

Таассубу хурофот аз нодонӣ ва ҷаҳолати иҷтимоъ маншаъ мегирад. Дар ҳолати ҷаҳолат қарор доштани ҷомеа ҳамеша ба манфиати гурӯҳҳои манфиатҷӯйи байналмилалӣ, ҳамчунин табақаҳои муфтхӯри дохилӣ буда ва ҳаст. Бинобар ин, аз ин вартаи ногувори фикрӣ ва идеологӣ, ки моро ба сӯйи бегонашавӣ ва бегонасолорӣ кашида истодааст, бо дониши зиндаи дунявӣ ва замонавӣ мебояд раҳо шуд. Дар акси ҳол, фарҳанги миллиро буҳронҳои шадид интизоранд, ки то ба ҳадди нобудии он таҳдид мекунанд. Ташаккул ва рушди тафаккури

интиқодӣ (критическое мышление) яке аз роҳҳои баланд бардоштани қудрат, масуният ё иммунитети фарҳангӣ ва сиёсии мо маҳсуб меёбад. Аз назари интиқодӣ таваҷҷуҳ намудан ба арзишҳои сиёсӣ ва фарҳангии башарӣ ва дар айни замон ба фарҳанги миллӣ, имкон медиҳад, ки зеҳни ҷустуҷӯгар ва халлоқи миллат рушду тавсеа ёбад. Гузашта аз ин, мо тайи солҳои тӯлонӣ аз як навъ эпидемияи иҷтимоии ифтихороти сатҳӣ ранҷ мебарем ва ҳамеша аз гузаштагони худ бебаркаш ифтихор мекунем, дар ҳоле ки осори онҳоро ҷиддӣ намеомӯзем, афкори пешқадамашонро дар амал татбиқ намекунем. Ҳолати мо ҳолати назариявӣ (теоретикӣ) буда, ба амалгаройӣ (прагматизм) кам таваҷҷуҳ дорем ва ё ба он, аслан эътино намекунем. Равиши муосири идеологӣ ва сиёсию фарҳангӣ ба амалгаройӣ такя мекунад, аз ин рӯ, вазъи имрӯзӣ зарурати аз назария ба амалия гузаштанро тақозо менамояд. Дар шакли шиорпароканӣ садо аз ифтихороти миллӣ дардодан басанда нест, ин ифтихоротро дар амал татбиқ бояд кард ва, албатта, на бо забон, балки бо кору пайкори самимӣ, содиқонаи ватанпарастона ва орӣ аз худнамоиву фахрфурӯшӣ. Файласуф ва мутафаккири франсавӣ Волтер гуфта буд: «Барои шинохти қавонини табиат садаҳои тӯлонӣ лозим аст, аммо барои шинохтани вазифаи инсон як рӯз кифоят мекунад, то инсон вазоифи худро шиносад» (ниг.: Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384.-С.132). Бо такя ба гуфтаи Волтер, афроди солимақли халқу миллатро зарур аст, ки рисолат ва вазифаи миллӣ ва инсонии худро шиносанд ва дар пайи дифоъ аз ҳувият, ҳайсият ва фарҳанги миллӣ дар баробари фишору таҳоҷуми сиёсию иттилоотии мухарриби аҷнабӣ гомҳои устувор бардоранд. Зимнан, дар замони тавтеаҳо, иттиҳомзаниҳо ва иғвогарию дасисабозиҳои гурӯҳҳои манфиатхоҳи дохилию хориҷӣ зиндагӣ карда истодаем ва метавон ҳар навъ иттиҳомро мунтазир шуд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, муаллифи матлаб, ба ҳеҷ ваҷҳ, муқобили навгаройиву таҷаддуд нест. Аммо намояндагони созмону гурӯҳҳои иғвогар, фурсатталаб ва авомфиреб метавонанд аъмоли зиддимиллӣ ва ё миллатситезонаи худро бо либосу пӯшишҳои «суннатписандӣ», «навгаройӣ», «тамаддуни умумибашарӣ», «арзишҳои умумибашарӣ» ва амсоли инҳо музайян карда, вориди бозӣ бигарданд ва ба қавли мардумӣ, «обро лой» намуда, моҳӣ бидоранд.

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА ТАҚВИЯТИ ҶАҲОНБИНӢ



**Хоҷамуродов ОЛИМҶОН**
*доктори илмҳои филология, профессор*

# АНДЕШАҲОИ СОДИҚ ҲИДОЯТ ПЕРОМУНИ МАСЪАЛАИ ХАТТИ ПАҲЛАВӢ ВА АЛИФБОИ ОВОЗӢ

Дар нимаҳои даҳаи сеюм ва чаҳоруми қарни XX мавзӯи нақсу мушкилоти алифбои кунунии форсӣ дубора дар матбуоти Эрон мавриди ҷаҳру баҳс қарор гирифт, ки дар он тарафдорони тағийри алифбо ва мухолифони сарсахти он баҳсҳои доманадореро ба роҳ андохтанд.

Дар сафаҳоти маҷаллаи вазини "Сухан" низ мақола ва тарҳҳое доири зарурати тағйири алифбо ва мушкилоти расмулхатти кунунӣ, ки мисли хатти паҳлавӣ решаи сомӣ дошта, алифбои ҳиҷоӣ ва ба табиати забони форсӣ бегона аст, ба чоп расидаанд. Солҳои чилуми қарни гузашта дар қатори Парвиз Нотили Хонларӣ, Саъид Нафисӣ ва дигар донишмандон, нависандаи маъруфи Эрон ва донандаи хуби забони паҳлавӣ Содиқ Ҳидоят низ дар ин баҳс ширкат варзидааст. Дар яке аз шумораҳои маҷаллаи "Сухан", ки узви ҳайати таҳририяи он маҳсуб мешуд, Содиқ Ҳидоят мақолаи хело муҳаққиқона ва арзишмандеро зери унвони "Хатти паҳлавӣ ва алифбои савтӣ" ба чоп мерасонад. Муаллиф дар муқаддимаи мақола ёдрас мешавад,ки дар робита бо мушкилоти алифбои кунунии форсӣ, пеш аз ҳама, бояд бидонем, ки қабл аз иқтибоси алифбои арабӣ дар Эрони бостон чӣ дабирае маъмул будаву " масъалаи сабти ҳаракот ё асвоти каламот то чӣ андоза муроот шудааст?" [1,543].

Аз ин рӯ, Содиқ Ҳидоят, пеш аз он ки вориди баҳс гардад, мехоҳад дар бораи пайдоиши расмулхатти паҳлавӣ ва мавҷудияти навоқиси он изҳори назар намояд.

Чун ироаи Содиқ Ҳидоят аз таърихи хатти паҳлавӣ хело сода ва оммафаҳм аст, дареғ донистем, то онро барои хонандагони тоҷик иқтибос накунем:

“Ба таври куллӣ он чӣ “паҳлавӣ” меномад, шомили тамоми ашколи забони “форсии миёна” мегардад, яъне, аз замоне ки фурси қадим мансух шуд, то ҳангоме ки алифбои ҷадиди форсӣ аз арабӣ иқтибос гардид. Забони паҳлавӣ ба ду дастаи **ҷанубӣ** ва **шимолӣ** тақсим мешавад:

1. Забони китобҳои зардуштӣ ва катибаҳои ҷанубии Сосониро “форсии миёна” мегӯянд ва тарзи навиштани онро”порсик” мехонанд ва забони бумии вобаста ба он мутуни монавии Осиёи Марказӣ мебошад.

2. Забони катибаҳои шимолии Сосонӣ “парсовии миёна ва навиштаи он “паҳлавик” номида мешавад ва забони бумии шимолу шарқии Эрон, чунонки дар қитаоти монавӣ омада “ паҳлавоник” мебошад.

Лафзи “паҳлавӣ” ҳар ҷо меояд, мақсуд китобҳои зардуштиён, ки дар он “uzvorichin узворишин” ба кор рафтааст.

Куҳнатарин асаре, ки аз луғоту ҷумалоти паҳлавӣ ба даст омада, иборат аз маскукоти ҷонишинони Искандар аст, ки дар давраи **Ашконӣ** ривоҷ ёфта ва ба ҳуруфи сомии қадим навишта дорад. Валекин, амалан даврони забони паҳлавӣ ё катиба ва маскук аз Ардашери Попакон шурӯъ мешавад ва ба китобҳои динии мубадони форсии пас аз ислом то 881 мелодӣ поён мепазирад. Ҳаргоҳ қатаоте аз паҳлавӣ ба даст биёяд, ки пас аз ҳазораи мелодӣ навишта шуда бошад, як навъ тақлид аз забони мурда хоҳад буд ва ҷузви асноди паҳлавӣ ба шумор намеояд.

Забони паҳлавӣ расмулхатти фишурда ва дар ҳам печида дорад, ба илова, як мушт луғати сомӣ дар навиштаҳои паҳлавӣ роҳ ёфта, ки муодили форсии он вуҷуд доштааст [1,542-43].

Сипас Содиқ Ҳидоят тахмин мекунад, ки шумори ин луғати сомӣ, ки онҳоро “ uzvarich узворишин” меноманд, беш аз чорсад то набудааст. Аз он ҷо ки ин чорсад вожа аз маъмултарин луғоти забон аст, аз ҷумла исм, шумора, феълҳо, пайвандакҳо

ва калимаҳои бисёр маъмулӣ мебошанд, зоҳиран нисфи матнро пур мекунанд. Баъдан, Содиқ Ҳидоят тазаккур медиҳад, муодили форсии ин калимаҳои сомӣ бо ҳарфҳои авестоӣ ё форсии ҷадид навишта шуда онҳоро "**позанд**" номиданд. Шубҳае нест, ки узворишҳои луғати сомӣ навишта мешуд, аммо хонда намешуд. Ба қавли С. Ҳидоят, "зеро забони муҳовараи порсӣ сара буда ва луғати сомӣ фақат ба манзалаи аломат ва намояндаи муодили форсии он ба шумор мерафтааст. Масалан, эрониён "**маликон малико**" менавиштанду "**шоҳоншоҳ**" мехонданд [1,544]. Содиҳ Ҳидоят муътақид аст, ки " узворишин" дар забони форсӣ хонда намешудааст ва агар хонда мешуд, фарҳанги махсусе барояш таҳия намекарданд.

Далели мувассақи С. Ҳидоят барои исботи андешааш ин аст, ки бо қабули алифбои арабӣ тамоми қисмати сомии навиштаҳои паҳлавӣ ногаҳон аз забони форсӣ аз байн меравад. "Нобуд шудани ин калимот дар форсии ҷадид собит мекунад, ки калимоти сомӣ ҷуз аломате барои хондани форсӣ беш набудааст. Ин луғот бо навиштаи паҳлавӣ нопадид шуд ва луғати форсӣ чунон, ки дар позанд менавиштанд, ба колбади алифбои ҷадид даромад" [6,545].

Содиқ Ҳидоят таваҷҷуҳи хешро бештар рӯи масъалаи сабаби иқтибоси калимоти сомӣ ба шакли "узвориш" мабзул дошта, андешаҳои мусташриқини ғарбӣ, аз ҷумла Юнкер ва Вартоломей, ҳамчунин назари Ибни Надимро аз қавли Ибни Муқаффаъ дар китоби " ал- феҳрист" арзёбӣ кардааст.

Ба андешаи Содиқ Ҳидоят, иллати асосии истеъмоли " узвориш" дар навиштаҳои паҳлавӣ равшан нашудааст. Зеро " узворишҳо " дар катибаҳои Ҳахоманишӣ ва дар форсии бостон, ҳатто баъдан дар мутуни буддоии забони суғдӣ ёфтшуда низ, вуҷуд доштааст.

Содиқ Ҳидоят баъд аз дастабандиву таҷзияву таҳлили андешаҳои муҳаққиқони таъриху фарҳанги забони форсии бостону паҳлавӣ ба чунин натиҷагирии мантиқӣ мерасад, ки "**узворишҳо**" ҷузъи ҷудонашавандаи навиштаҳои паҳлавӣ буда, "дар ҳеҷ замоне ба садои аслии худ хонда намешуда ва фақат ба манзалаи аломате буда, ки ҳар ҷо муодили форсии онро ба лаҳҷаву забони бумӣ мехондаанд" [1,549].

Дар ин пажӯҳиши худ Содиқ Ҳидоят таъкид медорад, ки аз расмулхатҳои эроние, ки дар он калимоти сомии узворишӣ ба кор нарафтааст, танҳо дар навиштаҳои монавӣ мушоҳида мегардад. “Ин китобҳоро мубаллиғини монавӣ ба забони порсӣ ё паҳлавоник ва ё суғдӣ барои пайравони худ тадвин мекардаанд ”[1,553].

Аз ин рӯ, Содиқ Ҳидоят ба хулосаи дуруст меояд, ки узворишҳоро дар забонҳои маҳаллӣ метавонистанд истифода накунанд, аммо чун хатти паҳлавӣ расмулхати расмии саросари Эронзамин маҳсуб мешуда, аз ин рӯ, маҷбур буд, узворишҳоро истифода кунад. Яке аз комилтарину дақиқтарин алифбои савтии дунё, ба қавли Содиқ Ҳидоят, ки муъҷизаосо ба назар меояд, ин хатти авастоист. Ба қавли Содиқ Ҳидоят, ин алифбо тамоми садоҳои ин забони бостонро инъикос кардааст. Масъудӣ ин алифборо дар китобаш “ат–танбеҳ ва-л ишроф” “диндабира” номида, созандаи онро Зардушт меҳисобад. Аммо ба андешаи Содиқ Ҳидоят, аксари донишмандони” Аврупо муътақиданд, алифбои диндабирӣ, ки барои ҳар силоб аломате дорад ва бо хатти паҳлавӣ мутафовит мебошад, дар авохири сулолаи Сосониён ихтироъ шудааст”[1,554].

Сипас, С. Ҳидоят ривоятҳоеро дар китобҳои зардуштӣ дар бораи аз тарафи Искандари Мақдунӣ сӯзонда шудани нусхаи хаттии “Авасто”-ро, ки рӯи пӯсти гов ба хатти заррин навишта шуда буд, оварда, ақидаи нависандаи “ Бундаҳешни бузург ”-ро низ зикр мекунад: Искандар “Авесто”-ро сӯзонид, аммо “Занд” (тафсири”Авесто”)-ро ба Рум (Византия) фиристод. Ва гӯё тибқи тавзеҳи Динкарт як нусхаро Искандар сӯзонд, аммо нусхаи асосиро ба Рум фиристод ва ба забони юнонӣ тарҷума шуд.

Муҳаққиқ ба он ақида аст, “Авасто” ба алифбои савтӣ, дар замони Ардашери Бобакон навишта шудааст. Ва чунин хулосабарой мекунад:

“... қисматҳои “Авасто”, ки нобуд шуда буда, ба воситаи суннати шифоҳӣ ва ба муҷиби талаффузи дақиқи мубадҳо такмил гардида ва ба хатти диндабира забт шудааст. Ва бар хилофи хатти паҳлавӣ, ки бисёр хулосаву фишурда будаву луғати сомӣ дар он истеъмол мешуда, алифбои авастой ба ҳадди

кофӣ дорои ҳуруф ва садоҳои гуногун мебошад ва ҳатто, як луғати сомӣ дар он вуҷуд надорад"[1,555].

Баъд аз таҳқиқу муқоисаи забонҳои бумии замони шоҳаншоҳии Сосонӣ С. Ҳидоят бо вуҷуди мавҷудияти алифбои диндабира, дар хатти паҳлавӣ боқӣ мондани луғати иқтибоси сомиро ба шакли узворишҳо, ба масобаи расмулхатти расмӣ-давлатӣ ва умумии тамоми қаламрави шоҳаншоҳӣ будани он медонад. Зеро ин калимаҳо дар забонҳо (саҳеҳтараш лаҳҷаҳо-О.Х)-и бумӣ талаффуз ё сохтмони фоҳише аз забони паҳлавӣ доштанд, аз ин рӯ, онҳо "ба забони оромӣ ё дураға навишта мешуда, барои ин ки дар ҳар маҳал ба забони бумӣ талаффуз шавад" [1,557]. Ва сабаби мавҷудияти узворишҳоро дар хатти паҳлавӣ ва ба ҷои он қабул накардани алифбои савтии "диндабираро", ки "Авасто" ба он сабт шуда, ҳаққи аввалият надодан ба ҳеҷ як аз лаҳҷаҳо ё забонҳои роиҷи он замон меҳисобад.

Ба қавли ӯ, узворишҳо «ба манзалаи аломате ба шумор мерафтааст», то он калима ба талаффузи он забон ё лаҳҷаи бумӣ хонда шавад. Иловатан, С. Ҳидоят тазаккур медиҳад, ки талаффузи вожагон на танҳо дар лаҳҷаҳо ё забонҳои бумӣ ба тарзи мухталиф будааст, балки дар худи забон ва хаттӣ паҳлавӣ низ ин мушкилот вучуд доштааст. Зеро дар алифбои паҳлавӣ табдили ҳарф ё овоз ба якдигар низ ба мушоҳида мерасад. Барои тақвияти андешаи худ С. Ҳидоят чанд мисол меорад, аз ҷумла, ҳарфҳои R ва L ба ҷои ягдигар меоянд: девор – дефол, барг – балг ё ҳарфи v,p,f: гӯсфанд, гӯспанд. " ҳуруфи j,z з, с монанди бизишк, биҷишк, бичишк, бизишк ва ғайра" [1,557].

Сипас Содиқ Ҳидоят таъкид мекунад , ки дар расмулхатти пахлавӣ бидуни узворишҳо низ луғати форсии миёна ба шаклҳои гуногун хонда ва навишта мешудааст. Барои мисол, "вожаҳои обастан-овастан, опастан, опустан" –ро шоҳид меорад. Ва чунин андешаронӣ мекунад, ки мақсади Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ибни Надиму Масъудӣ аз "виспдобира" шояд ҳамин хатти паҳлавӣ бошад, ки ҳамчун расмулхатти воҳид дар миёни лаҳҷаҳову забонҳои бумии гуногуни қаламравии шоҳаншоҳӣ нақши расмӣ- давлатиро доштааст. Зеро он аснодеро, ки ба позанд бармегардониданд, умумият барои ҳамаи гӯшиҳои

забонҳои бумӣ надошта, дар ҳар маҳал зери таъсири забони бумӣ ба тарзи худ хонда мешудааст.

Гузашта аз ин, С. Ҳидоят ёдовар мешавад, ки он чӣ аз асноди Позанд то замони мо расида, мутааллиқ ба давраи баъд аз ислом буда, ҳама дар Ҳиндустон таълиф шуда “таъсири лаҳҷаи яздиву кирмониву гуҷаротӣ дар он машҳуд мебошад”[ 1,559].

Билохира, муҳаққиқ чунин суолгузорӣ мекунад, ки чаро ба ҷузъ “диндабира” дигар намунаҳои хатҳо, ки дар китобҳои қудамо зикр шудаанд, боқӣ намондааст?

Худаш посух медиҳад,ки иллати асосиро дар ҷаҳлу таассуб бояд ҷустуҷӯ кард. Дар он давра он чӣ ки аз адабиёти то исломӣ дар Эронзамин боқӣ монда буд, қасдан маҳву нобуд кардаанд ва “ ба ҳамин далел- таъкид медорад. С. Ҳидоят, аз адабиёти Эрони бостон нисбат ба аҳамияти тавсеае, ки дошта (масалан, бо муқоисаи осори санскрит) ҷузъи ночизе тавассути порсиёни Ҳинд нигаҳдорӣ шудааст” [ 1, 559].

Дар асари баррасии узворишҳо ва расмулхатти паҳлавӣ ва сабаби ҷойгузини расмулхатти паҳлавӣ нашудани алифбои савтии “дин дабира”-и авастоиро, Содиқ Ҳидоят дар давраи салтанати Сосониён ба вуҷуд наомадани як забони умумии адабии меъёр, ки битавонад бар соири лаҳҷаҳову забонҳои бумӣ тасаллут дошта бошад, медонад. Зеро дар ин давра танҳо расмулхатти паҳлавӣ бо узворшиҳои сомӣ ягона хатти умумӣ барои ҳамаи забонҳо ва лаҳҷаҳои бумии қаламрави шоҳоншоҳии Эрон маҳсуб мешуд. Содиқ Ҳидоят муътақид аст, ки баъд аз Ислом, ҷунбиши тағйири алифбо аз шарқи Эронзамин, яъне аз Хуросону Мовароуннаҳр оғоз шуд, яъне “пас аз иқтибоси алифбои араб ба унвони ягона василаи китобат забони Мовароуннаҳру лаҳҷаи хуросонӣ забони расмӣ гардид ва калимоти форсии он ҷонишини аломати сомии узворишин шуд, валекин дар амал ҳамон вазифаи узворишинро анҷом дод ва ишколоти расмулхатти паҳлавиро ба ҳеҷ ваҷҳ ҳал накард” [1,559-60].

Содиқ Ҳидоят бар ин ақида аст, ки чун алифбои арабӣ низ алифбои ҳиҷоисту садонокҳои кӯтоҳ навишта намешаванд, мушкили забони форсиро бароварда накард, баръакс, “**ишколоти** тозае барои забони форсӣ ба вуҷуд овард” [1,560].

Агарчи пас аз иқтибоси алифбои арабӣ ”ногаҳон” тамоми луғоти узворишин аз миён рафт ва расмулхатҳои гуногуне , ки вуҷуд дошт матрук гардид,” аммо мушкилот ҳал нашуд. Содиқ Ҳидоят дуруст натиҷа мегирад, ки яке аз забонҳои бумии Эрон (мовароуннаҳрӣ, хуросонӣ ) “... вазифаи узворишро уҳдадор шуд ва бар бисёр забонҳои бумӣ ғалаба кард” [1,560].

Зеро қудрати сиёсӣ дар ин давра дар Мовароуннаҳру Хуросон тамаркуз ёфта буд (Сулолаҳои Саффориёну Сомониён). Аз ин рӯ, гӯиши форсии Мовароуннаҳру Хуросон асос ва пояи забони форсии ҷадид қарор гирифт.

Дар мавриди қабули алифбои арабӣ ба ҷои расмулхатти паҳлавӣ, ки маншаъ аз забонҳои сомӣ низ дошт, Содиқ Ҳидоят бо қотеият ёдрас мешавад, ки ин алифбо низ аз рӯи тамаллуқ ва хушомади зӯрмандони замон гирифта шуда буд. Илова бар он ин алифбои нав “ҷавлонгоҳи тозае ба дасти луғоти арабӣ дод, ки монанди сел вориди забони форсӣ гардид ва чун алифбои ноқис буд ва садоҳои ҳуруфро ҳифз намекард, бисёре аз луғоту калимоти форсӣ муарраб шуд ва кам-кам лафзи қаломи сохтагӣ ривоҷ ёфту луғати бегона ҷузви забони муҳовара гардид”[1,560].

Сипас муҳаққиқ алифбои паҳлавӣ ва алифбои арабиро муқоиса намуда нишон медиҳад, ки чун ҳар ду алифбо решаҳое аз забонҳои сомӣ доранду ҳарфҳо занҷиравӣ ва ҳиҷоианд, аз ин рӯ тағйироту таҳаввулоти забонро нишон номдиҳанд. Барои тақвияти ашдешаи хеш забони Шекспирро бо забони имрӯзи англисӣ дар муқоиса мегирад, ки хеле аз ҳам фарқ мекунанд, аммо забони Фирдавсӣ бо забони форсии имрӯз кам тафовут дорад.

Ин иллатро С. Ҳидоят маҳз дар алифбои арабии иқтибос шуда медонад. Аз ин рӯ, таъкид медорад, ки” забон заъиф шуда, қуввати собиқи худро аз даст дода ва ниёзманд ба мутародифот гардидаву хондани он бисёр душвор ва фақат ба одати чашм аст” [1.561]. Агарчи, аз назари муалллиф, забони форсӣ яке аз куҳнатарину осонтарин забонҳои ориёист “аммо дар қолаби сомӣ рехта шудаву қарордодҳои сохтагӣ барояш вазъ гардида, ки аз решаи аслии худ мунҳариф гаштааст” [ҳамон ҷо]. Сипас С. Ҳидоят таъкид медорад, ки забони форсӣ қоидаи (дастури) мӯшикофе дорад, аммо дар асари беалоқагии мо ба мутолиаи

забони “Авесто” ва паҳлавӣ онро фаромӯш ва “қавоиди сохтагӣ аз забони сомӣ барояш вазъ“ кардаем. Зеро луғоту калимоти паҳлавӣ дорои маонии дақиқ мебошад,ки форсии имрӯз дар асари саҳалонгорӣ аз даст додааст.” [ҳамон ҷо]. Барои бурҳони андешаи худ чанд феъли зерро оварда тазаккур медиҳад, ки ҳар яке дар мавриди муайян истеъмол мешудаву маънии хосеро ба дӯш доранд: **шунидан, шунудан, шунухтан, нинюшидан, нинюхшидан, ашнудан** ва ғайра.

Содиқ Ҳидоят аз мушкилоти дигари хатти форсии ҷадид, яъне алифбои арабӣ, дандонаҳо, нуқтагузорӣ ва надоштани ҳуруфи савтӣ данинста, эрод мегирад, ки маҳз ин мушкилот боиси он шудааст, то “луғати форсӣ маҳҷуру номаънус дар фарҳангҳо ба сад ҷур навишта шуда, магар ба шакли аслии худ ва бисёре аз луғати форсӣ ба сурати ғалати машҳур даромада, монанди “**пизишк**” ба ҷои “**бизишк**”, “**каждум**” ба ҷои “**газдум** ”, “**пинҳон**” ба ҷои “**бинҳон**”, “**басиҷ**” ба ҷои “**пасич**” ва ғайра ” [ҳамон ҷо].

Бад-ин робита муаллиф ислоҳи хатти имрӯзи форсиро ногузир меҳисобад ва чунин ибрози андеша мекунад:

“Аз ин рӯ, масъалаи ислоҳи хат мавзӯи бисёр муҳим ва ҳаётӣ барои забони форсӣ ба шумор меравад ва бидуни ин ислоҳ ҳар гуна роҳи таҳқиқ дар забони форсӣ масдуд хоҳад буд, яъне иқтибоси ҳуруфи савтии лотинӣ, ки мутаносиб бо садоҳо ва мухтасоти забони форсӣ бошад”[1,562].

Содиқ Ҳидоят барои тақвияти пешниҳоди хеш ба алифбои лотинӣ гузаштани ҳамзабонони хеш тоҷикҳо ва курдҳои хориҷ аз Эронро мисол оварда, тазаккур медиҳад:

“Дар ин замина озмоиши муҳимме анҷом гирифта, яъне курдҳои хориҷ аз Эрон ва тоҷикҳо, ки ба забони бумии форсӣ гуфтугӯ мекунанд, алифбои савтии лотиниро пазируфтаанд ва натоиҷи бисёр судманд ба даст овардаанд” [Ҳамон ҷо].

Муаллиф дар ин мақолаи таҳқиқотии ҷолиби хеш, ки перомуни хатти паҳлавӣ ва алифбои савтӣ анҷом додааст, ба чунин натиҷагирии мантиқӣ меояд, ки чун дар Эрон бостон забонҳои маҳаллӣ ва шеваҳои китобатии мухталифе ривоҷ доштааст, барои умумият додан ё расмӣ кардан, хатти паҳлавӣ ва истеъмоли узворишҳои сомиро иқтибос кардаанд ва алифбои савтии “дин дабира” –ро барои китоби “Авесто” ва забонҳои

маҳаллӣ, ки дар доираи қаламравии маҳдуди он забон мавриди истеъмол будааст, истифода мекарданд. Аз ин рӯ, Содиқ Ҳидоят бар он таъқид дорад, ки мутаассифона, алифбои форсии ҷадид, ки решаи сомӣ дорад, он нақсҳои расмулхатти паҳлавиро рафъ накард ва посухгӯи табиати забони форсӣ нест. Аз чумла, иброз медорад:

“Алифбои форсии ҷадид бисёр ноқис аст ва илова бар ин ки нуқси расмулхатти паҳлавиро муртафеъ насохта, ишколоти дигаре ба он афзуда, ки форсиро ба шакли як забони душвору хушку қарордодӣ даровarда ва ба ҳеҷ ваҷҳ шоистаи муқтазиёти забони зинда дар дунёи имрӯз намебошад” [1, 562].

Содиқ Ҳидоят дар повараки мақолааш дар иртиботи камтаваҷҷуҳии донишмандони эронӣ ба таҳқиқи забони форсии бостон, забони “Авесто” ва забони паҳлавӣ изҳори таассуф карда, таъкид медорад, ки “аз лиҳози забонишиносӣ ва қавоиди сарфу наҳв форсии кунунӣ муҳтоҷ ба мутолиаи бисёр дақиқи паҳлавӣ мебошад ва бидуни таҳқиқи комил дар забони “Авесто” ва паҳлавӣ бисёре аз ишколоти луғавӣ ва сарфу наҳви форсӣ ҳаргиз ҳал нахоҳад шуд” [1, 561].

Басо ҷои таассуф аст, ки то ба имрӯз на дар Эрон ва на дар Тоҷикистон таҳқиқи ҷиддии таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла, паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ дар сатҳи хело пойин қарор дошта, ба забоншиносии муқоисавии таърихии забонҳои эронӣ аслан таваҷҷуҳ намешавад.

Адабиёт

1. Содиқ Ҳидоят. Хатти паҳлавӣ ва алифбои савтӣ // Содиқ Ҳидоят. Навиштаҳои пароканда. Муассисаи интишороти “Нигоҳ”, Теҳрон, 1384/2005 ҳ.ш. 647 с.



**Аслиддин САЛИМОВ**
*устоди ДДЗТ ба номи С.Улугзода*

# ИДЕЯИ НЕКӢ ВА САРВАТМАНДӢ ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

Яке аз асолатҳои замони мо ва хусусан, проблемаи равоншиносии навтарин, аз муайян кардани ҳаёти инсон, ки оё маҳсули воқеият ва ё истеъдод аст, иборат мебошад. Равоншиносони муосир Роберт Киёсакӣ, Ҷон Шоул, Боддо Шеффер, Наполеон Хил ва олими тоҷик Саидмурод Давлатов ба хулосае омадаанд, ки ҳаёти одамон маҳсули идеяҳояшон мебошанд. Онҳо худи ҳамин идеяро сарчашмаи комёбӣ ва нокомӣ мебинанд. Лекин инсонро маҳсули қобилият ва тарзи афкор ҳисобида, муҳити иҷтимоиро батамом инкор намекунанд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои олии тамоми илми муосир, аз ҷумла антропология ва психология, аз равшан сохтани муҳити иҷтимоӣ ва дар он муҳит чӣ гуна ташаккул ёфтани шахсият иборат мебошад. То ҳол илм ҷавоби қонеъкунандаи масъалаи муҳит ва истеъдодро ошкор накардааст. Ҳар дуи онро аз ҳамдигар ҷудо тасаввур намудан монеаи ҷиддӣ барои шинохти воқеият мегардад. Чунки идеяҳо, назарияҳо ва ҳама чизи мавҷуда хосияти абадӣ надорад. Аз ҳамин сабаб Маркс аз шарҳ ва маънидод кардани ҳаёти инсон дида, дигаргун сохтани онро афзал медонист. Лекин худи ӯ исбот мекард, ки “одамон пеш аз он ки бо сиёсат, илм, санъат, дин” машғул шуда тавонанд, дар навбати аввал бояд “хӯранд, нӯшанд, хонаю ҷой ва сару либос” дошта бошанд. Аммо имрӯз иддае аз инсонҳо дар дунё бо сабабҳои сердаромадӣ контрол кардани шахсияти худро аз даст додаанд, гурӯҳи дигар бо сабабҳои танқисии молиявӣ ба ҳар гуна амалҳои бадахлоқӣ даст мезананд. Чунин одамон ба ҳамин сабаб худро нашинохтанд, ба ҷони худ ҷавр кардаанд, ба эҳсосот

дода мешаванд. Шахсияти худро эҳтиром карда натавонистанд. Инсон барои он ки саломатии тани худро нигоҳ дорад, бояд ӯ аввал идеяи солими ҷисмро дошта бошад. Аксарияти инсонҳое, ки ба сахттарин бемориҳо (СПИД) гирифтор шудаанд, маҳз одамони аз лиҳози ҷаҳонбинии тиббӣ ақибмонда мебошанд. Шахсиятҳое, ки аз худ қаҳрамониро ба мерос гузоштаанд, онҳо аз ҳар ҷиҳат идеяи қаҳрамониро доштанд. Ба ҳамин тариқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки инсон ба ғайр аз муҳити ҷамъиятӣ маҳсули истеъдод, идея, қобилият мебошад.

## Идеяи некӣ

Ман фикр мекунам, ки инсон бояд мисли Замин бошад. Ба монанди он ки ҳама чизи хушкро Замин сабз месозад, инсон низ қобилияти дигаргун сохтани ҷаҳонбинии худ ва одамони дар як давр зиндагикунандаро дорад. Аммо боз ҳамин инсон аст, ки дар рӯи Замин тухми сулҳу ҷангро мекорад. Онро ба мерос мегузорад. То рӯзе, ки мо ҳастем, проблема ҳаст. Аммо ҳамаи инсонҳои номуваффақ аз муаммоҳо фоҷиа месозанд. Аз нигоҳи мо идеяи некӣ ва бадӣ моҳияти инсонро ташкил медиҳад. Даст задан ба некӯкорӣ на ба хотири қаҳрамонӣ ва шуҳратпарастӣ, балки болотар аз он-расидан ба мартабаи инсонӣ мебошад. Ба вуҷуд омадани хислати некӯкорӣ азалӣ набуда, он маҳсули тарбия ва муҳити иҷтимоӣ мебошад. Ман фикр мекунам ҳама чиз аз байн меравад, аммо некӣ хусусияти ҷовидонӣ дорад. Инсонҳо дар натиҷаи тарбия ислоҳ мешаванд ва ба корҳои бузург даст мезананд. Лекин моҳияти тарбия асоси хислатҳои одамонро ташкил медиҳад. Инсонҳо мумкин аст, дар рӯҳияи бадахлоқӣ тарбия гиранд ва дар муҳити носолим ба воя расанд. Одамон маҳсули тарбияе мебошанд, ки аз кӯдаки ба онҳо таълим додаанд. Агар дар ҷомеа бадахлоқӣ зиёд аст, ба ин тарбиядиҳандагон гунаҳкор мебошанд. Мо бо идеяҳои некӯкорӣ аз инсонҳо нобуд кардани қувваҳои бадиро, ки дар вуҷуди онҳо зуҳур дорад, баркандан мехоҳем. Аммо чунин тарбияҳои некхоҳонаро аз кӯдакӣ, навҷавонӣ, ҷавонии инсонҳо оғоз намудан зарур аст. Некӣ идеяи абадӣ мебошад. Ҳеҷ як андеша монанди он одамонро ба ҳамдигар наздик намесозад. Фикри некӣ ба некӣ ва фикри бадӣ ба бадӣ мебарад. Нахуст инсонҳо бояд тафаккур, тасаввур, хислат, ҷаҳонбинӣ, ботин, ақида ва

дигар муҳимтарин арзишҳояшонро рушд диҳанд. Барои рушд додани ин арзишҳо одамон ба як таълимоти ҷиддӣ ниёз доранд. Ҳамаи одамон мувофиқи ахлоқашон ва ақлашон амал мекунанд, аммо боз дар навбати худ ба иштибоҳҳои таърихӣ даст мезананд. Хатогиҳо маҳсули сустии ҷаҳонбинии одамон ва тасаввуроти носолим нисбат ба ҳаёт мебошад. Хатогиҳо хусусияти зиёдшавӣ ва бозтакроршавиро доранд. Танҳо халқҳои солим тарбия аз гузаштаи пурифтихор ва ноком метавонанд, ибрат гиранд. Некӣ намудан бар одамон, торикиҳои равонӣ ва норасоиҳои инсонро аз байн мебарад. Некӯкорӣ одамонро аз бешарафӣ ва корҳои ҷиноятко̄рӣ боз медорад. Ба назари мо, адолат дар некӯкории умум ҳосил мешавад. Одамони эгоист ҳеҷ гоҳ забонашон бо қалбашон мувофиқ намеояд. Бо ин гуна одамон наздик будан боиси коҳиш ёфтани хирад ва ахлоқ мешавад. Одамони дурӯя ҳамеша дар зиндагӣ аз фаъолияти шахсиятҳои нотакрор маҳдудият меҷӯянд ва ба иштибоҳ роҳ додани ононро мунтазир мешаванд. Дар бисёр лаҳзаҳои муҳимми ҳаёт ин ранг одамон ба дигарон такя намуда, аммо дар вақтҳои заруриашон худро аз мардум пинҳон мекунанд. Вафодорӣ ва содиқ будан ба арзишҳои азалии инсонӣ барои онҳо беаҳамият мебошад. Инсонҳое, ки ба воситаи фиреб ба шӯҳрат майл доранд, бояд аз чунин фикрҳои маҳдуд ва амалинашаванда даст кашанд. Зеро ҳеҷ гуна бадӣ, то абад дар қабати пардаҳои ҳаёт пинҳон намемонад. Одамони якзабон ҳамеша дар муносибат ба халқ на аз рӯи мансаб, на аз рӯи шӯҳрат, балки бо сабаби нерӯҳои ақлонии ботиниашон баробар ба ҳамагон сухан меронанд. Дар замири чунин инсонҳо ҳаёт ва одамон арзиши муқаддас мебошанд. Маҳз одамон бо сабаби моҳияти ҳаётро дарк намуданашон некхӯ мешаванд. Аз ҳама чизи моддӣ арзишҳои маънавӣ боло гузошта мешавад. Дар ҳаёт инсонҳои якхӯ ҳамеша иродаи қавӣ ва маънавиёти мағлубнашаванда доранд. Инсонҳои зиёд некиро барои манфиатҳои шахсӣ мекунанд. Некӣ танҳо дар ҳамон вақт ба одамон рӯҳ мебахшад, ки аз ғаразҳо пок бошад. Зебоӣ ва шӯҳрати инсонро ҳаёт бо мурури даври худ аз байн мебарад ва ин ҳолат барои ҳамаи одамон яксон мебошад. Аммо одамон некӯкориро гоҳо дар масири зиндагӣ фаромӯш мекунанд. Сабаби чунин фаромӯшкориҳо сустии эътимоди одамон ба идеяи некӣ мебошад. Аксарияти инсонҳо аз ҳодисаҳои оддӣ ба дараҷаи баланди фикрӣ ва рӯҳӣ маюс мешаванд ва ба оянда умед

бастанро ба худ ҳатто иҷозат намедиҳанд. Ин гуна инсонҳо ноумедиро ҳамчунон дар ботини худ ҷой додаанд, ки ҳама чизи воқеиро бад меҳисобанд. Дар чунин мардум хислатҳои эгоистӣ ва пессимистӣ ба андозаи боло рушд мекунад. Онҳо наметавонанд дар ҳаёт хушбин бошанд. Ҳақиқат танҳо он чизе аст, ки онҳо меҳисобанд. Бинобарон мо дар ҳар гуна монеаҳои ҳаёт рӯҳафтода нашуданро ба инсонҳо зарур медонем. Ҳеҷ гуна ғаму дард, ормону ҳасрат, бадбинӣ ва бадфикрӣ ҳаётро тайғир намедиҳад. Одамон набояд ҳангоми навмедӣ аз ҳаёт ва сохти мавҷудаи иҷтимоӣ норозӣ гарданд. Зеро бо чунин роҳҳо ҳаракати ҷомеа ғайриимкон мебошад. Одамон ҳангоми нотавониҳояшон ба Худованд рӯ меоранд ва ҳамачиро аз ӯ мехоҳанд. Ҳамачиро аз Худованд талаб доштан нишони коҳилии инсонҳо мебошад. Одамон бояд ба ирода ва илм такя кунанд ва нақши худро дар зиндагӣ фаромӯш насозанд. Шодӣ ба саломатӣ ва сарватмандшавии одамон кӯмак мерасонад. Онро аз вуҷуди худ баркандан, нишони эҳтиром накардани шахсияти худ мебошад. Одамони зиёд ҳатто сабаби ғусса ва рӯҳан ранҷ кашиданашонро намедонанд. Аз ин рӯ, илм ва дониш бар он заруранд, ки ба қалби миллионҳо одамони рӯҳшикаста умед банданд. Ба назари мо заминаи ҷомеаи боадолат, маҳз аз хислатҳои миллӣ ва рӯҳияи умум иборат дониста мешавад. Ҳалли масъалаи шодӣ ва ғам аз нигоҳи мо сухани оромкунанда ва ё як чизи ба хаёлот асосёфта набуда, ҳамчун воқеият ба ҳаёти инсонҳо наздикӣ дорад. Ҳар гуна рӯҳияи шодмонӣ ва гамангез дар охир ба худ хос натиҷа меорад. Ҳар як шодӣ ба шодмонии дигар ва ҳар як рӯҳафтодагӣ ва рӯҳшикастагии дигар сабаб мешавад. Ҳар як эҳсосоти бад ба ҳаёти бад сабаб мегардад. Бинобарон ранҷро таҳаммул кардан, ба меҳнат одат намудан хеле муҳим мебошад. Ҳар як шахсият ҳаёти умумиинсониятро мушоҳида меронад ва дар ҳолатҳои ақибмондагӣ дидани зиндагии худ ва аз сабаби танқисии шароитҳои иқтисодӣ мумкин аст, ки аз ҳаёт дилгир шавад. Аз ин рӯ, мо тарафдори ғамандешии инсонҳо нестем, аз категорияҳои имконият, хушбахтӣ, комёбӣ, боварӣ, худсозӣ, ва фаровонӣ андеша намудан зарур медонем. Инсонҳо дар замин абадӣ намемонанд, лекин ҳамеша аз пайи расидан ба рӯзгори саодатманд шуда муттасил ба кӯшишҳои идеалӣ даст мезананд. Зеро ҳамин ахлоқ ва ақле, ки дар вуҷуди онҳо ниҳон аст, имкон медиҳад, то ба

ояндаи худ умед банданд. Ҷомеаи бомаърифат маҳз ҳамон ҷомеаест, ки дар он инсонҳо ба ояндаи бузург доштани зиндагиашон эътимод доранд. Ба назари мо ҳар як шахсият бояд ранҷу алами дилро бар дили худ нигоҳ дорад ва вазнинии мушкилоти хештанро бар дӯши дигарон нагузорад. Аммо инсонҳо баъзан аз зудбоварӣ ва сустиродабуданашон дарду ранҷашонро ҳарчи зудтар ба дигарон изҳор мекунанд. Ин гуна муносибат метавонад эҳтироми шахсро дар назди атрофиён паст созад. Барои он, ки инсонҳо ҳамеша аз ҳаёт наноланд, бояд иродаи қавӣ, дили мустаҳкам ва дониши амиқ дошта бошанд. Вазифаи инсонҳои некӯкор аз умед бахшидан ба ҳаёти одамони заҳматкаш ва бепарастор мебошад. Ҳар як одамон новобаста аз иқтидори маънавӣ ва моддӣ дар баробари ҳам ба эҳтиром ва эътибор сазовор мебошанд. Аз ин лиҳоз, чунин баробарбинӣ натиҷаи идеяи некӣ мебошад, ки ба зиндагии дигарон умед мебахшад. Инсонҳо қобилияти шинохтани ҳамдигарро дошта бошанд ва барои дуруст шинохтани одамон зарур аст, ки дониш ва истеъдоди баланд дошта бошӣ. Зеро мумкин аст, ки бо сабаби таҷрибаи ҳаётӣ надоштан, инсонҳои бадахлоқро нексиришт пиндорӣ ва баръакс нобиғагонро девона ҳисобӣ. Ҳар он чизе, ки дар асоси дониш таҳлил намешавад, маҳз ҳақиқати дурӯғ мебошад. Ҳамаи одамон дар ботинашон қобилияти худсозӣ доранд, аммо бештари онҳо онро дарк намекунанд. Сабаби чунин нашинохтани ҳақиқат аз заифии шуур ва ҷаҳонбинӣ аст. Инсонҳо дар мавридҳои зиёд ба зоҳири фард нигариста ба шахсияти он баҳо мегузоранд. Одамоне, ки бо нигоҳи зоҳирӣ ба ҷаҳони ботинӣ баҳо медиҳанд, иштибоҳи бузург мекунанд. Инсон бояд ҳақро аз дурӯғ, некро аз бад, хирадмандро аз ҷоҳил, паҳрезкорро аз зишткор ҷудо карда тавонад. Мо ҷараёни шинохти одамонро аз амалкардҳояшон пай мебарем ва на аз тарзи суханпардозиҳои философиашон. Инсонҳо дар мавридҳои зиёд дар бобати шинохти ҳамдигар ба иштибоҳ даст мезананд. Тавассути эҳсосот фикри ҳамдигарро қабул мекунанд ва бо ҳамин ҳиссиёт мехоҳанд эътиқод варзанд. Ҳар чизе, ки бо эҳсосот қабул мешавад дар охир мумкин аст, ки пушаймонӣ орад. Аз ин рӯ, ба фикри одамон бо назари ҳиссиётӣ не, балки маърифатӣ нигарист. Зеро на ҳар шахсони бисёрдон ва китобхон паҳрезкор мебошанд. Агар одамон ҳамдигарро ҳамон тавре, ки ҳастанд, шиносанд, ин дар ҳақиқат мӯъҷиза мешавад. Дар ин

гуна ҷомеаи худшинохта фақат онҳое комёб мешаванд, ки истеъдод ва қобилият доранд. Пас дар ин ҷомеа ҷои тақлидкориро эҷодкорӣ, эҳсосотро ақлгароӣ, худсӯзиро худсозӣ мегирад. Дар ин ҷомеа ҳиссиёти одамон нисбат ба ҳаёт гарм мешавад ва ба қалби онон умед пайдо мегардад. Инсонҳои нодон дар мавқеи паст мемонанд ва онҳо маҳсули ҳаракатҳояшон мебошанд. Ин одамон вуҷуди худ ва дигаронро ҳис карда наметавонанд. Эҳсосоти бадашонро идора карда, онро аз байн намебаранд ва ҳамеша дар як поя қарор мегиранд. Дар вуҷуди онҳо коҳилӣ, бахилӣ ва ин қабил иллатҳо мавҷуданд. Онҳо чизи зиёдро меомӯзанд, вале худро такон дода наметавонанд. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бояд сиёсатмадорон ва идоракунандагон қобилияти инсоншиносӣ дошта бошанд. Агар дар ҷомеа одамони соҳибистеъдод ҳукмронӣ намоянд, адолати воқеӣ бунёд мешавад. Зеро идоракунандагони қобилиятнок ба рушди қобилияти дигарон сабаб мешаванд. Рушди шуури маърифатии инсонҳо аз муҳити иҳотакунанда вобастагӣ дорад. Ҳукмронии ғояи ташаббус маҳз аз мавҷудияти одамони эҷодкор сар мезанад. Барои мо чизи аз ҳама асосӣ аз байн бурдани сустсаводии умум мебошад. Бемаърифатӣ боиси сар задани беадолатиҳо, ҷангҳо ва дигар бадбахтиҳои куллӣ мегардад. Барои одамони бемаърифат на мутафаккири нобиғавӣ, на шахсияти некӯкор, на инсони ахлоқӣ будани дигарон аҳамияти муҳим надорад. Барои онҳо ҳама чизи берун аз ахлоқ воқеияти оқилона фаҳмида мешавад. Дар ин маврид илм бояд решаҳои сустмаърифатиро чуқур омӯзад ва роҳҳои наҷот аз онро ба инсонҳо тавсия диҳад. Ба назари мо нахустсабаби нобаробариҳо заифии қобилияти шинохт ва маърифати омма мебошад. Одамони нодон ҳаёти номуваффақона доранд. Гузашта аз ин чунин одамон таҷриба ва сохтори нодурусти фикррониашонро ба дигарон медиҳанд. Чун одамони нодон фикр кардан дар зеҳни атрофиён шакл мегирад ва дар натиҷа муҳити ҷомеа ба бӯҳрони ақл ва ахлоқ гирифтор мешавад. Мубориза асосии инсонҳо дар ҳаёт аз шинохт ва рушд додани дониш иборат мебошад. Танҳо худи инсонҳо маънавиёташонро бунёд мекунанд. Одамон дар мавридҳои зиёд эҳсос мекунанд, ки бояд дар зиндагӣ некӯкорӣ намоянд, раҳмдил бошанд ва соҳибистеъдод гарданд.

### Идеяи сарват

Иқтисодчӣ ва равоншиноси маъруф Роберт Кийосакӣ навиштаст, ки "фарқият вуҷуд дорад, байни камбизоатӣ ва муфлисшавӣ. Муфлисшавӣ ҳолати гузаранда, аммо камбизоатӣ ин абадӣ аст"[1.с.11]. Масъалаи мубрами дигар дар зиндагии инсонҳо ин чӣ гуна "ҷамъ кардани мол" ва дар кадом роҳ сарф кардани он мебошад. Дар мавриди тадбиқ шудани принсипҳои идоракардани пул дар роҳи некӣ ҳаёти инсонҳо дигаргун шуда, натиҷаҳои судмандро ба миён меоранд. Идора карда тавонистани пул ва инкишоф додани он боиси қонеъ гардидани талаботи моддӣ мешавад ва бечуну чаро хусусияти созандагиро соҳиб мегардад. Инсон бо истифода аз захираҳои зеҳнӣ ва ақлонӣ неъматҳои табиат атокардаро истифода мебарад. Истифодаи оқилонаи неъматҳо аз одамон қобилият ва дониши молиявиро талаб мекунад. Фикр мекунам, инсонҳо пулу сарваташонро дар кадом роҳ сарф месозанд, хеле муҳим мебошад. Зеро одамони зиёд дар мавриди ҷамъ кардан ва сарф намудани пул ба эҳсосот дода мешаванд. Онро як маротиба пайдо намуда боз зуд аз даст медиҳанд. Барои рушди сарват инсонҳо бояд аввалан сохтори тафаккурашонро сарватманд намоянд. Бо қашшоқии ақл сарватманд шудан ғайриимкон мебошад. Одамони аз лиҳози маънавӣ камбизоат сарватро дар роҳи ботил истифода мебаранд. Барои ин гурӯҳ одамон сарват танҳо худқонеъсозии талаботҳои бепоён мешавад. Чунин одамон наметавонанд эҳсонкорӣ намоянд ва ба зиндагии дигарон кӯмак расонанд. Аксарияти инсонҳо аз он сабаб камбизоат боқӣ мемонанд, ки сарвати андакро идора карда наметавонанд. Дар ҳолати каме хуб гардидани шароитҳои иқтисодиашон ба коҳилӣ роҳ медиҳанд. Агар одамон ба пул эҳтиромкорона ва зиракона муносибат нанамоянд, ҳеҷ гоҳ сарватманд намешаванд. Моликияти шахсӣ доштанро қонуни асосии зиндагии имрӯза инкор намекунад. То он даме, ки одамон доираи андешаҳои иқтисодиашонро устувор насозанд, ҳаёти минбаъдаашонро ба тавре, ки мехоҳанд, нахоҳанд дид. Бояд одамон оромона ҳаёт ба сар баранд, аз бенавоӣ наҷот ёбанд ва шоистаи сарватмандӣ бошанд. Танҳо инсонҳо метавонанд коҳилиро ба заҳмат иваз намоянд. Созандагони ҷомеа худи одамонанд, ки байни ҳам

муносибатҳои гуногун доранд. Идеяи асосии олимони сатҳи ҷаҳонӣ оид ба рушди сарватмандшавӣ ин бартарафнамоии коҳилии худи одамон мебошад. Агар муносибати инсонҳо дар маркази худшиносӣ қарор гирад, онгоҳ ҳиссиёти онон нисбат ба ҳаёт тайғир меёбад. Инсонҳо бе мол зиндагӣ карда наметавонанд ва тавассути шароитҳои иқтисодӣ ба ҳам вобастагӣ доранд. Чунин муносибатҳоро таърихи ақлонии инсоният гувоҳ аст. Бинобарон муваффақиятҳои моддӣ натиҷаи заҳмати пайвастаи инсонҳо аст. Аз рӯзҳои аввали зиндагӣ шахсияти инсонҳо дар дохили муносибатҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад. Дар ин маврид шахс наметавонад, ки муҳим будани шароитҳои моддиро фаромӯш созад. Инсони заҳматкаше, ки мо тасвир менамоем, дар комёбӣ ва нокомии молии худ танҳо худро сабабгор медонад. Чунин шахс талаботҳояшро тавассути қобилияти кордонӣ қонеъ мегардонад. Дар шинохти муносибатҳои молӣ ва роҳи рушди он, камолоти маънавии инсонҳо зарур мебошад. Ҳамаи одамон торафт бештар дар раванди маърифатнокӣ аз ӯҳдаи идоракунии иқтисодӣ мебароянд. Рафти воқеаҳои ҳаётӣ нишон медиҳад, ки одамон роҳи ҷамъ кардани сарватро меомӯзанду, аммо чӣ гуна зиёд кардани онро намедонанд. Моликияти давомдор ин равандест, ки барои дар ҳамагуна вазъияти иҷтимоӣ ба инсонҳо хизмат мекунад. Аммо ҳар кас аз таҷрибаҳои ҳаётиаш хулоса мебарорад ва вобаста ба он соҳиби моликият мегардад. Андешаҳои иқтисодии инсонҳо қобилияти инкишоф, дигаршавӣ ва хусусияти зиндагисоз доранд. Мақсади ниҳоӣ на расидан ба моликият ва шӯҳрат аст, балки болотар аз он аз чунин моликият некӯкорӣ карда тавонистан ва дасти бепарасторонро гирифтан мебошад. Агар одамон идеяҳои ахлоқии рушди иқсодиро наомӯзанд, онгоҳ онон тасаввур менамоянд, ки танҳо бо роҳи нодуруст даромади худро баланд мекунанд. Ин андешаи нодуруст ҳамчунон инсонро фаро мегирад, ки худи ӯ ин ҳолатро эҳсос намекунад. Агар аз забони Саидмурод Давлатов гӯям: «сарватмандон меандешанд, ки танҳо бо роҳи рост сарватманд шудан имкон дорад. Камбизоатон бошанд, баръакси он фикр мекунанд»[2]. Сарватмандии асосӣ дар ҳаёт сарвати маънавӣ мебошад. Камбизоатии асосӣ қашшоқии ақли инсон аст.

**Қобилияти шинохт**

Мо одамонеро медонем, ки “Қуръонро” аз ёд медонанд. Одамоне ҳам ҳастанд, ки ғазалиёти Румию Саъдию Лоиқро медонанд. Дар ҳамин партав ҳастанд, одамоне, ки “Капитал” – и Марксро такрор ба такрор мехонанд (ин асар бояд сатҳи даромадро тағйир диҳад). Лекин аҷобати кор дар он аст, ки ҳамин одамон худашон дигар нашуданд. Ҳаёташон дигар нашуд. Проблема дар китоб нест, мушкилот дар вуҷуди инсон аст. Бисёр “донистан” ҳоло кафолати хушбахтии инсон нест, аммо бисёр “фаҳмидан” сабаби дигаргунии ҳаёти реалии инсон мегардад. Одамоне ҳастанд, ки дар як вақти муайян се сериали дарозмуддатро тамошо карда, маҳдудиятҳои равонӣ ва ҷаҳонбинии худро дарк намекунанд. Хондан ва дарк кардан маънои дигар сохтани ҳаётро дорад. Дигаргун шудани характер. Дигаршавии сатҳи даромад. Хондан ин аз бар кардани миллион фактҳои иҷтимоӣ нест. Фикр мекунам, маҳдудияти маорифи дунё дар он аст, ки ба мо чӣ хел хушрӯ навиштанро ёд медиҳанд, аммо чи тавр зебо зиндагӣ карданро не. Ба мо математикаро меомӯзонанд, лекин чӣ тарз идора кардани пулро не.

Ба ҳамин тариқ, мо дар боло дидем, ки инсонҳо, барои он ки некӯкор, поквиҷдон, хушбахт ва сарватманд зиндагӣ кунанд, бояд, пеш аз ҳама, онҳо ҳамин идеяҳоро дошта бошанд.

**Адабиёт**


1. Кийосаки Р. Богатый папа, бедный папа. – Минск: Попурри, 2016. – 224 с.
2. Давлатов С. Стратегия мышления бедных и багатих людей. - Бишкек., 2012.

**Мухбирҷон КЕНҶАЕВ**
**Шодиҷони РАМАЗОН**
*ходимони илмии Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*



# ОЛИМИ МУМТОЗ ВА ИНСОНИ КОМИЛ

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*

**Олимҷон ҚОСИМОВ 15-уми январи соли 1959 дар шаҳри бостонии Панҷакент, дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Дастпарвари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва доктори илмҳои филологӣ - яке аз мутахассисони шинохтаи риштаи забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Аз соли 1982 инҷониб ба омӯзиши масъалаҳои калимасозӣ ва вожашиносии забони тоҷикӣ, маданияти гуфтор, фарҳанги номгузорӣ ва дигар паҳлуҳои забони адабии тоҷик машғул аст. Номбурда, мувофиқ ба номаш олими маъруф ва инсони комил буда, дар рушди илму фарҳанг ва маорифи кишвар хидматҳои зиёд карда меояд.**

Қосимов Олимҷон Ҳабибович муаллиф ва мураттиби зиёда аз 300 рисолаву мақолаҳои гуногуни илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад. Фаъолияти илмии мавсуф аслан масоили муҳим ва мубрами забони тоҷикӣ, вижагиҳои луғавии “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, таърихи вожаҳо ва номвожаҳои тоҷикӣ, таҳқиқи меъёрҳои вожагузинӣ ва истилоҳсозии забони тоҷикиро фаро мегирад.

Нигоштаҳои илмӣ-интиқодии ӯ, хусусан роҷеъ ба омӯзиши хусусиятҳои сохториву маънoии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ басо ҷолиби таҳқиқу таваҷҷуҳ мебошанд. Рисолаҳои номзадӣ ва доктории ӯ ба таҳқиқи калимасозӣ ва вожашиносии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ бахшида шудаанд, ки аз ҷониби аҳли тадқиқ мавриди эътироф қарор гирифтаанд. Мондатарин асарҳои

илмии Қосимов О.Ҳ. ба забонҳои русӣ зери унвонҳои «Деривация в «Шахнаме» Фирдавси» (соли 2006), “Картина животного мира в «Шахнаме» Фирдавси” (с. 2011), “Лексика растений в “Шахнаме” Абулкасима Фирдавси” (с.2011),“Лексика и словообразование в “Шахнаме” Абулкасима Фирдавси” (с.2016) ва 6 номгӯи китобу беш аз 300 мақолаҳои илмиву таълимӣ дониста шудаанд. Ҳамзамон Қосимов Олимҷон муаллифи китоби дарсии “Забони давлатӣ” барои синфҳои 5-уми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон (с.2018), муҳаррири масъули ҷилди 2-юми “Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ” (ҳарфи Б), яке аз мураттибон ва муҳаррирони “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (с.2008-2010, дар 2 ҷилд), “Фарҳанги русӣ ба тоҷикӣ” (ҷилди 1, с. 2018) мебошад. Бар замми ин муҳаррири чандин асарҳои илмӣ, аз он ҷумла, муҳаррири илмии нашри тоҷикии китоби дарсии «Таърихи фалсафа» (муаллифон-олимони норвегӣ Г. Скирбекк ва Н. Гиле, М., 2000, -887 с.) аст, ки дар шаҳри Тошканд соли 2004 ба забони тоҷикӣ ба табъ расидааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар асарҳои худ муаллиф бар асоси матни комили “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва дигар осори насрию назмии адабиёти тоҷикии форсӣ масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули вожагони забони тоҷикиро дар мисоли забони “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Қосимов О.Ҳ. дар натиҷаи тадқиқоти чандинсолаи худ дар асоси матни “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба хулосае омадааст, ки забон ва назми Ҳаким Фирдавсӣ намунаи беҳтарини забони адабии тоҷик дар асрҳои IX–X мебошад. Он чун забони бою пурғановат дорои хусусиятҳои зиёде буда, дар асоси омӯзиши амиқ чандин паҳлуи забон ва услуби шоирро муайян кардан мумкин аст.

Муҳаққиқи маъруф ҳамзамон зимни баррасии вижагиҳои луғавии забони шоир яке аз масоили мубрами забон -баромади таркиби луғавии “Шоҳнома” –ро дар маркази пажӯҳиши худ қарор додааст. Ба андешаи муҳаққиқ, асоси таркиби луғавии “Шоҳнома” -ро бештар калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил мекунанд ва ин шаҳодат бар он аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ дар эҷоди асари безаволи худ ба забони зиндаи мардум ва осори гузаштаи ба забони паҳлавӣ ва форсии қадиму миёна, ки аз

таъсироти унсурҳои бегона эмин буд, такя намудааст. Дар натиҷа “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ҳамчун намунаи барҷастаи забони ноби тоҷикӣ эътибори баландро соҳиб гардидааст.

Қосимов О.Ҳ. дар асоси чунин хулосаҳои ҷолиби илмӣ 19-майи соли 1988 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Калимасозии пасвандии исм дар “Шоҳнома”- и Абулқосим Фирдавсӣ” таҳти роҳбарии узви вобастаи АИ ҶТ Шарофиддин Рустамов бомуваффақият ҳимоя намудааст.

Зимнан, бояд қайд кард, ки Олимҷон Қосимов дар тарбияи муҳаққиқони ҷавони соҳаи забоншиносӣ низ саҳми хеле арзандаи худро гузоштааст. Аллакай, чандин нафар шогирдони ӯ дар соҳаи мазкур рисолаҳои номзадӣ дифоъ кардаанд. Ӯ дар давоми панҷ сол (солҳои 2007-2012) масъулияти котиби илмии Шӯрои ҳимояи Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакиро бар уҳда дошт ва дар ин давра ҳимояву танзими санадҳои бештар аз 60 нафар унвонҷӯёнро муваффақона созмон додаву ба анҷом расонидааст.

Феълан дар корҳои ҷамъиятии якчанд мактабҳои олии кишвар ва институтҳои мухталифи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок мекунад. Бо Шӯроҳои илмии муассисаҳои гуногун ҳамкории қавӣ дорад, чандин экспертизаҳои забоншиносӣ ва коршиносии лоиҳаҳоро анҷом додааст. Узви сексияҳои забоншиносӣ ва узви Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории ИЗА ба номи Рӯдакӣ, ДМТ ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ мебошад.

Тавре ки дар фавқ иброз доштем, олими мумтоз Олимҷон Қосимов солиёни зиёдест, ки ба масъалаҳои калимасозиву вожашиносии забони тоҷикӣ дар заминаи воҳидҳои луғавии “Шоҳнома” машғул мебошад ва дар ин бобат як қатор асару мақолаҳои илмӣ - назариявӣ ва илмӣ- таҳқиқотӣ низ ба нашр расонидааст.

Рисолаи доктории мавсуф зери унвони «Лексикаи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ», ки мавзӯи он дар Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ таҳти суратҷаласаи № 5 аз 18.05.2004 сол тасдиқ гардида буд, дар таърихи 22.12.2011 аз рӯйи ихтисоси 10.02.22.-“Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни

Амрико ва Австралия (забонҳои эронӣ)” бомуваффақият дифоъ гардидааст.

Олими маъруф дар заминаи вожашиносии “Шоҳнома” даҳҳо мақолаҳои илмӣ роҷеъ ба вожа ва номҳои хоси ин асари безавол таҳия ва нашр кардааст, ки тадқиқот роҷеъ ба шоҳмот ва истилоҳоти он, номҳои бурҷҳои осмон, номи растаниву ҷонварон, номвожаҳои топоними Суғду Бохтар, Марв, Урганҷу Урметан, Хутан, Фароб, Ҳинд, Ганг, Чину Мочин ва истилоҳоти марбути он ва чандин номҳои дигар дорои иттилооти ҷолиб буда, намунаи беҳтарини мақолаҳои ӯ ба ҳисоб меравaнд.

Олимҷон Қосимов дар чандин конфронсҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла дар шаҳрҳои Ереван (1989), Ленинград (1989), Самарқанд (2003), Улан-Батор (2010), Ашқобод (2010, 2011, 2012, 2013, 2014), Теҳрон (2010, 2011, 2012), Қарочӣ (2011), Машҳад (2011), Табрез (2014), Урумчӣ (2014), Қизил-Ӯрда (2015), Қазон (Россия, 2017), Деҳлӣ (2018), Душанбе (1985 -2016) бо гузоришҳои ҷолиби илмӣ-тадқиқотии хеш иштирок намудааст, ки маводи онҳо ба шакли маҷмӯа низ ба табъ расидаанд.

Зиёда аз 100 мақолаи илмӣ-интиқодии мавсуф ба масъалаҳои назарияву амалии забоншиносии тоҷик бахшида шуда, дар “Донишномаи Рӯдакӣ” ва дар ҷилдҳои аввали нашри нави “Энсиклопедияи миллии тоҷик” ба чоп расидаанд. Ӯ дар ҷашни 1150-солагии Рӯдакӣ фаъолона ширкат варзида, роҷеъ ба вожашиносии осори Рӯдакӣ беш аз 60 мақола ба нашр расонида, дар таҳрири мақолаҳои ба масоили забони осори Рӯдакӣ бахшидаи “Донишномаи Рӯдакӣ” саҳми бориз гузоштааст. Мақолаи ӯ бо номи “Юсуф дар шеъри устод Рӯдакӣ”, “Вожаи “бӯй” дар шеъри устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Шайх Камоли Хуҷандӣ” дар маҷмӯаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Номбурда инчунин дар ҳамоишҳои байналмилаливу ҷумҳуриявие, ки ба масоили забони шеъри Рӯдакӣ ва даврони ӯ бахшида шудаанд, бо гузоришҳои илмӣ фаъолона иштирок намудааст.

Қосимов О. дорои чандин ифтихорномаҳои Вазоратҳои маориф, илм, фарҳанг, саноат, Ҳукумати шаҳрҳои Душанбею Панҷакент мебошад. Ӯ дабири масъули маҷаллаи илмии “Ахбори Академияи илмҳои ҶТ, Шуъбаи илмҳои

ҷамъиятшиносӣ", узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ "Суханшиносӣ", узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи илмии "Маҷмӯаи таҳқиқотҳои фарҳангии Осиёи Марказӣ"-и Донишгоҳи Кангнами Ҷумҳурии Корея мебошад.

Мавсуф ҳамчунин узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон ва Конфедератсияи байналмилалии журналистон, Ҳаками (судяи) ҷумҳуриявии судҳои ҳакамӣ ва узви Шӯрои ҷанговарони интернатсионалисти ИДМ буда, соҳиби медалҳои "Ветерани амалиёти низомӣ", медали ҷашнии 5-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, ифтихорномаҳои КМ ЛКСМ Тоҷикистон (1987), Кумитаи иқтисодиёт ва саноат (1994), Вазорати маориф (1997), Вазорати фарҳанг (1998), Академияи илмҳои ҶТ (2017), Ҳукумати шаҳри Панҷакент (1998, 2000) мебошад. Инчунин муддати мадиде сардабирии нашрияи бонуфузи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент – рӯзномаи шаҳрии "Зарафшон"-ро ба уҳда дошт.

Аз таҳқиқоти ӯ маълум аст, ки дар соҳаи лексикология имрӯз дар ҷумҳурӣ яке аз мутахассисони варзида маҳсуб ёфта, нигоштаҳои ӯ барои рушду таблиғи забони давлатӣ ва эҳёи арзишҳои асили он нақши муҳим доранд. Фаъолияти ӯ чун олими сермаҳсули соҳаи забоншиносӣ сазовори эътироф аст, дар ин самт рисолаву мақолаи арзишманд дар маҷаллаҳои илмии муътабар ба табъ расонидааст.

Таълифоту мақолаҳои ӯ ки ба забонҳои русӣ, англисӣ, чинӣ, кореягӣ ва забонҳои туркӣ тарҷума шудаанд, барои муаррифии арзишҳои асили забони миллӣ, хусусан, забони "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ ва паҳлуҳои фарҳангии он нақши муҳим мебозанд.

Соли 1997 моҳи апрел аз рӯи барномаи мубодилаи мутахассисони Авруосиё дар Донишгоҳи Небраскаи Иёлоти Муттаҳидаи Америко ҳамроҳи гурӯҳи устодон машғули коромӯзӣ будааст.

Дар тӯли понздаҳ соли охир дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои гуногуни ватаниву байналхалқӣ дар рушди соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ сохтани бисёр

барномаҳои омӯзишӣ, аз қабили “Усулҳои фаъоли таълим” ва “Усулҳои таълими калонсолон” дар ҳамкорӣ бо созмонҳои номбаршуда ҳиссаи сазовори худро гузоштааст.

Аз соли 1985 дар вазифаҳои гуногуни соҳаи илму маорифу фарҳанг фаъолияти густурда намуда, аз моҳи октябри соли 2006 вазифаи мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, аз соли 2017 вазифаи мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро ба уҳда дорад.

Фаъолияти омӯзгории Қосимов Олимҷон низ васеъ буда, дар давраҳои гуногун дар вазифаҳои мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, сардори Департаменти фанҳои башарӣ, декани факултет (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат), мудири кафедраи илмҳои иҷтимоӣ, ноиби ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи озоди Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент кор кардааст. Айни замон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои магистрҳо ва аспирантҳо аз фанҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ дарс мегӯяд. Инчунин дар ДМТ (2013-2014), ДДОТ (2017) ва Донишгоҳи давлатии Данғара (с.2018) ба ҳайси раиси Комиссияи имтиҳони хатм фаъолият кардааст.

Меҳнатдӯстӣ, рушди мунтазами маънавӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва муносибати некбинона бо ҳамкорону ҳамкасбон заминаи обрӯю эҳтироми ӯ дар байни ҷомеа гаштааст. Дар тарбияи оила ва фарзандон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад, ки ҳамаи 4 нафар фарзандаш таҳсилкардаи макотиби олӣ ва пайрави падари хеш ҳастанд.

Олимҷон Қосимов аз ҷумлаи шахсонест, ки сифатҳои шарифи инсонӣ насибаш гаштаанд. Ӯ бо шарофати фитрати азалӣ ва хислатҳои илмдӯстию заҳматкашии хеш ба қуллаҳои баланди илми забоншиносии тоҷик расида, пайваста машғули таҳияи осори гаронбаҳои илмию таълимӣ буда, дар баробари сертараддуд буданаш дар қалби шогирдону ҳампешагони худ

ҳамчун инсони комил ва намунаи ибрату пайравӣ маъво гирифтааст.

Ӯ фардест, ки дорои сифатҳои шоистаи инсонӣ, аз қабили ҳалимию фурӯтанӣ, хоксорию дақиққорӣ, серталабӣ, эҳтироми инсон, новобаста аз миллату маҳаллу мазҳаб ва амсоли инҳост, ки манзалату эътиборашро дар байни шогирдону ҳамкасбони сершумораш боз ҳам афзун менамоянд.

Дар анҷом мо, нигорандагони ин сатрҳо, ки бо ӯ насиби ҳамкорӣ дорем, зиёд сабақ омӯхтаему аз маслиҳату раҳнамоиҳои беғаразонааш зимни иҷрои корҳои илмӣ баҳравар гардидаем, аз мавриди муносиб истифода бурда, ҷашни зодрӯзашро самимона шодбош менамоем:

*Эй дӯст, таваллудат муборак бодо,*
*Шодӣ ба ману худат муборак бодо.*
*Хуршед ба хидмати ту бархостааст,*
*Ҳар лаҳза буду шудат муборак бодо!*

**Нурова МАТЛУБА**
*омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №91 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе*

# ОМӮЗГОР ВА ВАЗЪИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ (ГУЗОРИШИ МАСЪАЛА)

Башарият дар тӯли таърих тамоми мушкилот: дарду ранҷ, заъфу нотавонӣ, мусибату хатарот, яъсу ноумедӣ, бархӯрди нобаробару номутавозин бо ҳаводиси даҳшатбори табиӣ, фалокату фоҷеот ва амсоли инҳоро бо неруи ақлу хирад ва илму дониш таҳаммул ва ҷуброн намуда, ҷараёни муқовимату муборизаҳои худро алайҳи мушкилоти рӯзгор то имрӯз идома дода истодааст ва ин раванд оянда низ вусъат хоҳад ёфт. Ногуфта намонад, ки дар ҷаҳони муосири мутамаддин, бо назардошти шароити фаннию техникӣ ҷараёни муборизаи инсони боақл, ҳушманд, донишманду бофаросат суръати тоза касб мекунад. Аммо, мутаассифона, протсесси муҷаҳҳазшавӣ бо илму дониши зинда ва замонавӣ дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ кунду заиф ба назар мерасад (ҳарчанд дар ин самт баъзе пешравиҳо мушоҳида мешаванд, аммо, ба таври куллӣ, вазъи фарогирии донишу ҷаҳонбинии илмӣ дар минтақа ба талаботи имрӯзӣ ҷавобгӯ нест). Албатта. мушкилот зиёданд, вале мушкили асосӣ, ба назари мо, заъфи биниши илмӣ дар ҷомеа мебошад.

Дар зимн, ҷаҳонбинӣ маҷмӯи огоҳӣ, тасаввурот ва донишҳои инсон дар бораи олами ҳастӣ ва ҷомеа мебошад. Муҳимтар аз ҳама, ковишу ҷустуҷӯйи маънои вуҷуд ва мақоми инсон дар олами ҳасту буд аз вижагии ҷаҳонбинӣ маҳсуб меёбад. Инсон маҳз тавассути фарогирии анвои ҷаҳонбинӣ – бинишҳои асотирӣ, динӣ, илмӣ ва фалсафӣ аз як давру марҳила ба давру марҳилаи дигари таърихӣ ворид гардида, дар қолаби бинишҳо зиндагиашро созмон дода, ба рушду таҳаввул расидааст. Ҷараёни рушду таҳаввули шахсияти инсон, ки бар асоси биниши илмӣ ва фалсафӣ имконпазир гардидааст, то имрӯз муваффақона идома меёбад. Аммо чигунагии ҷаҳонбинӣ дар ташаккул ва

рушди шахсияти инсон ва дар маҷмӯъ, ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Агар аҳли зиё, ки омӯзгор ба ин табақа шомил аст, дар рақобатҳои имрӯзии фикрӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ, ғолибан бар ҷаҳонбинии динӣ такя кунад, хурофоту таассуб дар ҳар шакле бар ҷомеа мусаллат ва билохира вазъи бӯҳронӣ дар минтақа ҳукмфармо мегардад. Бинобар ин, оромиши фикрию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ ба нуфузи ҷаҳонбинии илмию фалсафӣ дар ҷомеа вобаста аст.

Маълум аст, ки дар саргаҳи тараққиёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ омӯзгор қарор дорад. Омӯзгоре, ки бо неру ва тавони зарурии зеҳнӣ, илмӣ ва ақлонӣ масири зиндагии ҷомеаро, сифатан тағйир медиҳад ва насли наврасу ҷавонро ба сӯйи хирадварзӣ ва фазилатмандӣ раҳнамун месозад. Маҳз омӯзгор бо дониш, биниш ва фазилату фаросати худ наврас, насли ҷавон ва дар маҷмӯъ, ҷомеаро аз вартаи хатарбори ҷаҳолату таассуб. ки тавлидгари торикию зулмот аст, мераҳонад ва ба сӯйи рӯшанию доноӣ раҳсипор мекунад. Албатта, манзури мо омӯзгорест, ки донишу ҷаҳонбинии илмӣ дорад ва тарзу тариқи фаҳму дарки олам, ҳодисаю воқеаҳо, шикасту рехт ва бурду бохти ҷаҳони инсониро бо диди тоза ва орӣ аз таассубу хурофот ба хонанда мерасонад. Мутаассифона, вазъи имрӯзаи фикрӣ ва маънавӣ баёнгари он аст, ки на ҳама омӯзгор дониши хуби ихтисосӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ҷаҳонбинии илмӣ дорад ва дар шарҳу тавзеҳи масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангию иқтисодӣ, илмию фалсафӣ ва ахлоқию зебоишиносӣ, ки дар ҷараёни дарс, ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ, ихтиёрию беихтиёр зоҳир мешаванд, моҳир аст. Маҳорати омӯзгор дар баррасӣ ва муҳокимаи мавзӯъҳо ва шарҳи ҳодисаҳо ӯро миёни на танҳо хонандагон, балки байни табақаҳои гуногуни ҷомеа обрӯманд месозад.

Бояд зикр кард, ки пешравию инкишофи мактабу маорифи кишвар танҳо ва танҳо ба донишу ҷаҳонбинии зарурии омӯзгор бастагӣ дорад. Агар, фарз кунем, омӯзгор тамоми методу усулҳои танзими дарсро донаду онҳоро ба таври бояду шояд дар раванди тадрис истифода намояд ҳам, дар сурати надоштани ҷаҳонбинии илмӣ ҳадафмандии дарс, ки дар илмияти маводи таълимӣ зоҳир мегардад, таъмин намешавад ва ин заъфи фикрӣ, аз устод ба таври силсила ва занҷир ба шогирд ва ниҳоятан ба ҷомеа интиқол меёбад. Шогирдон минбаъд мактабро хатм

намуда, дар байни мардум кору фаъолият мекунанд ва зарфиятҳои маҳдуди фикрию ақлониро бо худ -- ба ҷойи кору фаъолият мебаранд. Аслан, сабаби ба самти донишу биниши илмӣ нагаравидани омӯзгорон дар камхонию камҷустории онҳо зоҳир мегардад. Ба таъбири дигар, муаллимони имрӯза, аксаран, завқи кунҷковӣ, шавқи ковишу ҷустуҷӯи масъалаҳои муҳиму ҷолиби илмӣ-фалсафӣ, таърихӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангиро надоранд ва зиёда аз ҳама, дар дарёфт ва мутолеаи маводи илмӣ-таҳқиқӣ, аслан беҳавсалаанд. Албатта, шароити иқтисодӣ, камбуди молию пулӣ, буҳрони молиявӣ дар коҳиш ёфтани сатҳи ковишу ҷустуҷӯ ва мутолеаи омӯзгорон таъсири манфӣ расондааст ва имрӯз низ ба раванди бинишмандии омӯзгор аз ҳар ҷиҳат таҳдид мекунанд. Дар деҳот омӯзгор шояд ба адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои илмӣ-таҳлилӣ, ки маҳз дар онҳо масъалаҳои мухталифи илмӣ-фалсафӣ бозгӯ ва баррасӣ мегарданд, кам дастрасӣ дошта бошад. Воқеан, дар деҳот мушкилоти зиёди молиявию пулӣ, хонаводагию хоҷагидорӣ зиндагии омӯзгорро дунболагирӣ намуда, фурсати мутолеот, огоҳӣ аз масоили муҳимми илмӣ-фалсафиро хеле маҳдуд мекунад. Аммо дар шаҳр низ дар робита ба ин масъала вазъ чандон беҳтар нест, балки дар бисёр ҳолатҳо нигароникунанда аст.

Дар шароити ҳозир надоштани ҷаҳонбинии илмӣ-таҳлилӣ дар байни табақаи омӯзгор ба як мушкилии саросарӣ табдил ёфта истодааст ва ҳалли бетаъхири он вазифаи тамоми ниҳодҳои фарҳангӣ ва маърифатии кишвар ба ҳисоб меравад. Ба доми таассубу хурофот гирифтор шудани ҷомеа ва баъзе ашхоси фарҳангии кишвар гувоҳи он аст, ки биниши илмӣ дар минтақа ба буҳрон ё кризиси амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Ин аст, ки ҷаҳолату хурофот ва таассуб ниҳодҳои гуногуни иҷтимоиро фаро гирифта, ҷомеаро ба ҳолати карахтӣ вомедорад. Барҳақ, шоире муносиби ҳол рубоии зеринро сурудааст:

*Бо ҷаҳл бубаста дасту фарёд кунем,*
*Мушкил пайи мушкилот эҷод кунем.*
*Бо ҷаҳлу таассубу хурофоти азим,*
*Ин умри азизи хеш барбод кунем.*

Дар ҳақиқат, ҷаҳлу хурофот дар миёни қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ реша давонида истодааст ва рафъи ин нуқсони даҳшатбор ва хатарзо аз мо — ходимони мактабу маорифи

кишвар масъулияти фаровонеро тақозо мекунад. Кор то ба ҷое расидааст, ки аксарияти омӯзгорон дар доираи хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ қарор дошта, шеваи тафаккури ҷадид ва ҷаҳонбинии илмиро на танҳо намеписанданд, балки аз он дурӣ меҷӯянд (ва дар бисёр мавридҳо аз биниши илмӣ ва фалсафӣ, ки аз дигар анвои ҷаҳонбинӣ бо шакку тардид, чуну чаро ва интиқодоти мудаллал фарқ мекунад, сахт меҳаросанд). Ростӣ, вазъи номусоиди фикрию биниши ба дурнамои сиёсати маорифи кишвар бетаъсир намемонад ва ба ояндаи дурахшони миллати тоҷик як навъ таҳдиду хатар эҷод мекунад. Тасаввур кунед: агар муаллим ва омӯзгор дар ҳолати фақри фикрӣ ва бӯҳрони андешавӣ қарор дошта бошад, чӣ гуна метавонад ба насли наврас ва натиҷатан, ба ҷомеа таъсири мусбат расонад? Ба ҳар сурат, иддае аз омӯзгорон имрӯз ба вартаи хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ афтида, ба сабаби кӯрзавқӣ, камҳавсалагӣ, фориғболӣ, камандешӣ, каммутолеагӣ ва саранҷом бемасъулиятӣ дар ҳолати фақри қарор гирифта, дар баробари ҳуҷумҳои идеологии бегона истодагарӣ карда наметавонанд (аксар маврид, ба сабаби безавқию камҳавсалагӣ ба домони хурофот часпида, аз мутаассибони динӣ-мазҳабӣ дифоъ мекунанд). Ин вазъияти ногувор боиси нигарониҳои ҷиддӣ мегардад ва воқеан, ҷойи нигаронӣ вуҷуд дорад.

Рафъи бӯҳрони мавҷуда, пеш аз ҳама, ба дӯши ниҳодҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ, ки пешсафи онҳо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд, вогузор мешавад. Дар замони шӯравӣ омӯзгорон яке аз пешсафони асосӣ дар самти тарғиби илму фарҳанг ва сиёсати давлатӣ шинохта шуда буданд ва ҳалли мушкилоти фикрӣ-идеологӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, ахлоқӣ дар доираи салоҳияти онҳо ғунҷоиш ёфта буд. Дар шароити имрӯза омӯзгор мавқеъ ва мақоми сиёсию иҷтимоӣ ва фикрию фарҳангии қаблиашро тақрибан аз даст дода истодааст. Аз рӯйи мушоҳидаҳо, баъзе аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низ аз ин бӯҳрон дар канор намондаанд ва аз камбуду нуқсони биниши илмӣ ва фалсафӣ ранҷ мебаранд. Барои он ки вазъи куллӣ дар самти омӯзиши ҷиддии масъалаҳои илмию ихтисосӣ ва андӯхтани таҷрибаи пешқадами илми ватанию ҷаҳонӣ то андозае тағйир ёбад, зарур аст, ки омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла забону адабиёт ва таърих ҳуқуқ ба ҷустуҷӯйи маводи илмӣ-тадқиқотӣ доир ба

ихтисосҳои худ машғул шаванд ва бо ин васила дар ташаккули шуурнокии насли наврас ва ҷавон саҳми муносиб бигиранд.

Бояд зикр кард, ки ҷаҳонбинии инсон вақте шакл мегирад, ки ба омӯзиши илмҳои фалсафӣ ҷиддӣ машғул шавад, на аз рӯйи ҳавою ҳавас. Танҳо дар натиҷаи омӯзиш ва мутолеаи адабиёти фалсафӣ биниши инсон ташаккул меёбад ва сатҳи илмӣ-мантиқӣ мегирад.

Таҷрибаи фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар чанд соли ахир моро ба чунин натиҷа мерасонад, ки зуҳури бухронҳои ахлоқию фикрӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикӣ маҳз ба тамоюли дур шудан аз биниши илмӣ-фалсафӣ ва мувоҷеҳ шудан ба биниши хурофотӣ иртибот мегирад. Аксари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз камбуди ҷаҳонбинии илмӣ мушкил мекашанд ва ҷиҳати рафъи камбуд, ки хатароти даҳшатборро дар пай дорад, саъю талош намеварзанд. Ин мушкил рӯ ба афзоиш аст ва мо ҳам ба хотири гӯшзад кардани мушкилот ва рафъи камбуду навоқиси ҷойдошта дар самти ҷаҳонбинии омӯзгори имрӯза чунин матлаби кӯтоҳро иншо намудем. Ба ин минвол, ҷомеаи дар гирдоби хурофоту таассуб ғутидаро танҳо неруи зеҳнӣ (интеллигенсия), ки дар саргаҳи он омӯзгор меистад, наҷот дода метавонад, ҳол он ки як қисми зиёиёни мо дар банди хурофот гирифторанд. Ин аст, ки бидуни доштани ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафӣ халос шудан аз гирдобҳои ҷаҳолату хурофот имконнопазир аст. Ба қавли Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ:

*Эй басо, олим зи дониш бенасиб,*
*Ҳофизи ом аст он кас, не ҳабиб.*

Дурнамои рушди ҷомеаи тоҷикӣ ба омӯзгор бастагии зич дорад. Ба омӯзгоре, ки биниши илмӣ дорад, на дар доираи хурофоту таассуб меандешад ва насли наврасу ҷавонро мисли худаш ба гирдоби ҷаҳолат мубтало мекунад. Ин аст, ки мо, омӯзгорон бояд дар роҳи иҷрои рисолати асосӣ ва ҷавҳарии худ – шиносондани арзишҳои миллию инсонӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмию фалсафӣ ва ба ин восита берун кашидани мардум аз вартаи нодонию хурофотпарастӣ аз тамоми имконоти фикрию равонӣ истифода намуда, дар ин масир қадамҳои устувор бардорем.

## Адабиёт

1.Антология мировой философии. –Том 2.–Москва: Мысль, 1970.
2.Гросс Джо-Анн. Мусульманская Центральная Азия. –Душанбе, 2004.
3.Малоирӣ Муҳаммадӣ. Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри Сосонӣ ба асри исломӣ, ҷилди аввал,- Теҳрон, 1372.
4.Нӯъмон Неъматов. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои 1Х-Х. –Душанбе: Ирфон, 1989.
5.Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Баргардон: доктор Луқмон Бойматов. Виростор: доктор Сайфуллоҳ Муллоҷон. –Душанбе, 2011.
6.Ҷаъфарӣ Муҳаммадтақӣ. Мавлавӣ ва ҷаҳонбиниҳо. Теҳрон, 1377.

**Кайхусрави СУБҲОНЗОД**
*ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

# СОХТОРИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН

Номи расмӣ – Ҷумҳурии Федеративии Олмон. Масоҳат – 357,021км[2]. мураббаъ, аҳолӣ – 82 800 000. млн нафар (2018). Таркиби миллӣ – олмониҳо (91,5%), туркҳо (2,4%), итолиёвиҳо (0,7%) ва дигарон (асосан зодагони Югославияи собиқ). Забони давлатӣ – олмонӣ. Дин – протестантҳо (38%), католикҳо (34%), мусулмонҳо (1,7%). Пойтахт – шаҳри Берлин. Баъзе аз муассисаҳои давлатӣ ҳанӯз дар шаҳри Бонн қарор доранд.

Ҳудуди маъмурӣ – 16 сарзамин. Шакли идораи давлат – ҷумҳурии федералӣ. Сарвари давлат – Президенти федералӣ Франк-Валтер Штайнмайер. Садори ҳукумат – Канслери федералӣ Ангела Меркел. пул– евро (то 2002 – маркаи олмонӣ) [1].

**Олмон ҳамчун давлати ягона** беш аз 100 сол аст, ки арзи вуҷуд дорад. Дар ин муддат се конститутсияи умумиолмонӣ қабул карда шудааст. Қабули ҳар кадоми онҳо дар марҳилаҳои муҳими ин кишвар сурат гирифаанд. Конститутсияи якум 18 январи соли 1871 аз тарафи Вилгелми I қабул карда шуд, ки он иттиҳоди «бо оҳану хун бадастомада»-ро қонунӣ кард. То ин замон дар ҳудуди Олмони имрӯза даҳҳо давлати хурд-хурди мустақил арзи вуҷуд доштанд. Соли 1919 Маҷлиси миллӣ, ки аз тариқи интихоботи умумӣ ташкил шуда ва дорои салоҳияти таъсисдиҳандагӣ гардида буд, конститутсияи дувуми умумиолмониро қабул кард. Он дар таърих бо номи Конститутсияи Веймарк (номи шаҳре, ки ҷаласаи Маҷлиси миллӣ дар он ҷо баргузор гардида буд) машҳур аст. ин яке аз демократитарин конститутсияҳои он замон ба шумор мерафт[2]. Ин Конститутсияро, бо вуҷуди бартариҳои зиёдаш, бебарор меҳисобанд. Салоҳияти аз ҳад зиёди рейхспрезидент бо муҳлати

[1] https://de.wikipedia.org/wiki/Politisches_System_der_Bundesrepublik_Deutschland
[2] https://www.indexmundi.com/de/deutschland/unabhangigkeit.html

тӯлонӣ (7 сол), вуҷуд надоштани рақиби ҳамвазн дар симои парламент (рейхстаг), ки ҳуқуқҳои он дар конститутсия хеле маҳдуд шуда буд, Ҷумҳурии Веймаркро ба нокомӣ дучор кард, барои ба сари ҳукумат омадани фашистҳо имкони қонунӣ фароҳам овард ва саранҷом онро барбод дод.

**Соли 1945 Олмон** ба чор минтақаи ишғолшуда тақсим шуд ва ҳукумат ба дасти губернаторҳои ҳарбӣ гузашт. Маъмурияти миллии Олмон аввал дар сатҳи коммуналӣ ва баъдтар дар сатҳи сарзаминҳо ташкил гардид.

Оғози рӯзафзуни «ҷанги сард» миёни ИҶШС ва давлатҳои Ғарб барқарор гардидани давлати ягонаи олмониро ғайриимкон гардонид. Давлатҳои Ғарб тасмим гирифтанд барои дар заминаи минтақа ташкил кардани давлати олмонӣ мусоидат намоянд. Соли 1948 ИМА, Британияи Кабир, Франсия, Белгия, Нидерланд, Люксембург, губернаторҳои ҳарбии ИМА, Британияи Кабир, Франсия, ки дар се минтақаи ишғолӣ фаъолият доштанд, дар Лондон чунин нақшаро таҳия намуданд. Моҳи майи соли 1949 намояндагони сарзаминҳо Қонуни асосӣ қабул намуданд, ки он ташкили Ҷумҳурии Федеративии Олмонро эълон кард. Сабаби ба ҷойи қонуни асосӣ аз он сабаб контститутсия номида нашуд, ки онро то муттаҳид шудани минтақаи чорум муваққатӣ меҳисобиданд ва он барои ҳамроҳ шудани дигар сарзаминҳо кушода буд. 7 октябри соли 1949 минтақаи чорум, ки таҳти ишғоли ИҶШС қарор дошт, конститутсияи худро қабул кард ва Ҷумҳурии Демократии Олмон эълон гардид. 2 октябри соли 1990 ҳарду давлати олмонӣ муттаҳид гардиданд ва Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон бо каме тағйирот Конститусияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон ном гирифт. Бо вуҷуди ин таҳияи конститутсияи нав аз рӯзнома соқит нашудааст, балки ба муддати номаълум мавқуф гузошта шудааст.[3]

Заминаи ҳуқуқии вахдати Олмон Шартномаи бисёртарафи байни ҶФО, ҶДО, ИҶШС, ИМА, Британияи Кабир ва Франсия

[3] http://universal_lexikon.deacademic.com/227537/Deutschland%3A_Politisches_System_der_Bundesrepublik_Deutschland

буд. ҶДО ба ҶФО ҳамроҳ нашудааст, балки дар ҳудуди он заминҳо ташкил гардида, ба ҳайати ҶФО ворид шуданд.

**Порлумон** аз ду палата иборат аст: Бундестаг ва Бундесрат.

**Бундестаг** дар ҳайати 656 вакил дар асоси низоми мураккаби интихоботӣ ба муҳлати чор сол интихоб карда мешавад: ниме аз депутатҳо дар округҳо бо аксарияти онро мустақиман интихоб мешаванд, нимаи дигар тибқи рӯйхатҳои ҳизбӣ, ки дар ҳар сарзамин гузошта мешаванд, интихоб мегарданд. Дар интихобот барои ҳизбҳо садди 5% аз шумораи умумии интихобкунандагони кишвар вуҷуд дорад. Бо гузаштан аз ин садд ҳизб соҳиби се мандати вакил мешавад. Бундестаг дорои раис, бюрои худ ва фраксияҳо мебошад. Барои ташкили фраксияи намояндагӣ маҳдудият вуҷуд дорад. Бино бар муқаррароти Бундестаг барои ташкили фраксия 5%-и шумораи умумии вакилон, яъне 25 нафар ва дар сурати зиёд шудани вакилон беш аз он зарур аст. Раванди қонунгузорӣ аз Бундестаг оғоз меёбад: ҳар гуна тарҳи қонун, пеш аз он, ки ба қонун табдил ёбад, бояд дар Бендестаг тасвиб гардад. Бундестаг (дар баробари Бундесрат) лоиҳаи буҷет ва ҳамчунин ҳисоботи ҳукумати иҷроияро тасдиқ мекунад. Дар коғаз ҳуқуқи ба истеъфо равон кардани ҳукуматро дорад, аммо дар амал не.[4]

**Бундесрат** барои ширкати сарзаминҳо ба қонунгузорӣ ва идоракунии федератсия сохта шудааст, яъне бояд манфиатҳои субъекҳоро ифода кунад. Бундесрат аз аъзоёни ҳукумати сарзаминҳо иборат буда, шумораи онҳо ба шумораи аҳолии ҳар замин вобаста аст (сарзамине, ки камтар аз 2 млн аҳолӣ дорад, се овоз, аз 2 то 6 млн – чор, беш аз 6 млн панҷ овоз дорад). Ба ин тартиб, шумораи ҳайъати Бундесрат (65) аз шумораи намояндагони Бундестаг камтар аст. Фарқи асосии Бундесрат аз Бундестаг дар тарзи овоздиҳии онҳост: ҳама овозҳои аъзои як замин як овоз ҳисоб карда мешавад, ҳукумати замин ба намояндагони худ дастур медиҳад, ки дар мавриди мушаххас чӣ гуна овоз диҳад. Ҳукуматҳои заминҳо ҳақ доранд намояндагони худро аз Бундесрат пас хонанд. Салоҳияти Бундесрат, чун Бундестаг маҳдуд аст. Тибқи Конститутсия қонунҳои марбут ба

[4] https://de.wikipedia.org/wiki/Deutscher_Bundestag

зиёд кардани хароҷотҳои буҷавӣ танҳо бо ризоияти ҳукумати федералӣ қабул карда мешавад.[5]

**Сарвари ҶФО Президенти Федератсия** мебошад, ки он ба муҳлати панҷ сол дар Анҷумани Федералӣ, ки махсусан даъват мегардад ва аз намояндагони порлумонҳои сарзаминҳо ва Бундестаг фароҳам меояд, интихоб карда мешавад. Аксари санадҳои президент контрассигнатсияи Канслери федералӣ ё вазири дахлдорро талаб мекунад, ба ғайр аз пешбарии номзади канслер, таъйини он, қарор дар бораи бозхонди канслер, ба корашон идома додани вазирҳои федералӣ ва ҳамчунин аз мақоми худ даст кашидани президент. Дар қонуни асосӣ дақиқ гуфта шудааст, ки ҳукумати иҷроия аз канслер ва вазирон иборат мебошад. Аз ин ҷост, ки президент сарвари ҳукумат нест ва ҳукуматро асосан канслер идора мекунад. Бинобар ин президент камтар машҳур аст.[6]

Бо вуҷуди ин доираи салоҳияти президент хеле васеъ мебошад. Ӯ метавонад дар ҷаласаҳои ҳукумат ширкат варзад, қонунҳоро барои тасвиб пешниҳод кунад, Бундестагро бо ташаббуси худ ё бо хоҳиши канслер, агар ӯ дар ақаллият монда бошад, пароканда кунад. Нақши президент махсусан баланд аст, дар ҳолате ки дар Бундестаг ҳеҷ як аз ҳизбҳо аксарияти куллиро ба даст наоварда бошанд. Президент бо пешниҳоди ҳукумати федералӣ ва ризояти Бундестаг метавонад вазъияти қонунгузории ногузир эълон кунад, ки дар ин вазъият қонунҳои федералӣ метавонанд бе Бундастаг қабул карда шаванд. Дар ин сурат президент ҷавобгарии сиёсӣ бар дӯш надорад.

**Ҳукумати Федералӣ**

Ҳукумати федералӣ, ки аз канслер ва вазирҳо иборат аст, дар низоми мақомоти ҳукумати ҶФО ҷойи марказӣ дорад. Ба дӯши ҳукумат роҳабрии мамлакат гузошта шудааст, аммо дар амал он тамоми вазифаҳои давлатиро иҷро мекунад. Канслер аз байни аъзоёни ҳукумат ягона касест, ки бо аксари овозҳо дар Бундестаг интихоб карда мешавад. Номзадии канслерро президент пешбарӣ мекунад, ташаббуси Бундестаг дар ин масъла хеле маҳдуд аст. Канслер танҳо бо роҳи интихоби канслери нав

[5] https://de.wikipedia.org/wiki/Bundesrat_(Deutschland)
[6] https://comp-pro.ru/prezidenty-koroli-i-imperatory/prezident-germanii.html

метавонад аз вазифа барканор карда шавад. Канслер дар назди Бундестаг ҳисоботдиҳанда буда, сиёсати дохиливу хориҷии давлатро муайян мекунад. Вазиронро, ки шумораашон дар конститутсия маҳдуд аст, амалан маҳз канслер таъйин ва барканор мекунад. Тасдиқи таъйин ва барканор кардани вазирон салоҳияти президенти федералӣ аст. Ҳукумати федералӣ ҳақ дорад бо мақсади иҷрои қонунҳои федералӣ ва санадҳои маъмурӣ қарор барорад. Ба ғайр аз ин, он ҳуқуқ дорад ба президенти ҷумҳурӣ дар бораи эълон кардани вазъияти қонунгузории ногузир пешниҳод ироа карда, бо ризоияти Бундесрат Бундестагро аз қабули қонунҳо барканор намояд.[7]

**Фаъолияти судӣ.** Дар сатҳи федератсия Суди федералии конститутсионӣ, Палатаи суди умумии федералӣ, Суди маъмурии федералӣ, Палатаи молиявии федералӣ, Суди федералӣ оид ба баҳсҳои меҳнатӣ, Суди федералӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолият мекунанд. Довариҳои дигар ба зиммаи судҳои сарзаминҳо гузошта шудааст.[8]

**Заминҳои федералӣ** конститутсияҳои худро доранд, ки он ба усулҳои асосии Қонуни асосии мамлакат мувофиқ мебошад ва тасдиқи федератсияро талаб намекунад. Ҳамчунин низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва додгоҳии худро доранд. Дар интихоботи ландтагҳо садди 5% дар аксари сарзаминҳо вуҷуд дорад, танҳо дар сарзамини Рейнланд-Пфалс он 3,3% аст. Дар шаш сарзамин дар натиҷаи овоздиҳии интихобкунандагон имкони пеш аз муҳлат пароканда кардани порлумон пешбинӣ шудааст. Инҳо Бавария, Баден-Вюртемберг, Берлин, Бремен, Бранденбург, Рейнланд-Пфалст мебошанд.

Порлумони сарзаминҳо якпалатагӣ мебошанд (танҳо дар Бавария дупалатагист), ки онҳо ҳукумат, сарвазир-сардори ҳукумати иҷроия ва сарвари сарзамин, судяҳои умумии олӣ ва судяҳои мақоми якуму дуввум, судяҳои сарзамин оид ба меҳнат, иҷтимоиёт, молия ва корҳои маъмурӣ ва ҳамчунин суди конститутсиониро ташкил медиҳанд. Танҳо дар сарзамини Шлезвиг-Ҳолштейн вазифаи назорати иҷрои конститутсияи сарзаминро Суди конститутсионии федералӣ анҷом медиҳад.

---

[7] https://de.wikipedia.org/wiki/Bundesregierung_(Deutschland)
[8] https://de.wikipedia.org/wiki/Gerichtsverfassungsgesetz

Мақомоти давлатии сарзаминҳо доираи салоҳияти худро доранд. Онҳо буҷети мустақил, ҳуқуқи бастани шартномаҳои давлатӣ байни худ ва бо ризоияти марказ бо давлатҳои хориҷӣ оид ба иқтисодиёт, ва фарҳангро доранд. Ҳамаи сарзаминҳо дар муносибат бо Федератсия баробарҳуқуқанд. Ба Федератсия салоҳияти ҳуқуқии зиёд дода шудааст. Қабули қонунҳо дар бораи сиёсатҳои хориҷӣ, шаҳрвандӣ, мудофеа, муомилоти пулӣ, иттиҳоди гумрук ва савдо танҳо ба салоҳияти Федератсия тааллуқ доранд. Салоҳиятҳои Федератсия ва сарзаминҳоро конститутсия танзим мекунад.[9] Сарзаминҳо асосан салоҳияти қонунгузорӣ дар соҳаи маориф, фарҳанг, сохтори ҷамъиятӣ, корҳои полис ва ғайраро доранд. Дар соҳаи идоракунӣ, яъне иҷрои қонунҳо, чанд соҳаи маҳдуд ба зиммаи ҳукумати федералӣ аст, аз ҷумла масъалаҳои гумрук, ҳифзи марзҳо ва ғайра.

Ҳамчунин се шаҳр – Ҳамбург, Берлин, Бремен шаҳр – давлат мебошанд.

Танзими худидора ва идораи маҳаллӣ асосан ба заминҳо тааллуқ дорад. Ҷомеаҳо дар маҳалҳои худ соҳибони мутлақи салоҳияти идоракунӣ мебошанд. Ҷомеаҳо тибқи конститутсия ба корҳои худ мустақилона маъмурият мекунанд ва ҳамчунин давлат метавонад ба дӯши онҳо вазифаҳо гузорад. Давлат вазифадор аст ҷомеаҳо ва иттиҳодияҳоро бо маблағи зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои худ ё вазифаҳое, ки давлат ба дӯши онҳо гузоштааст, таъмин намояд.

[9] https://www.bundeslaenderdeutschland.de

**Сиддиқов ДӮСТМУРОД**
*магистри курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# НАМУДҲОИ РАВОБИТИ ДАВЛАТ ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ ДАР ҒАРБ

Тавре ба ҳамагон маълум аст, тибқи Конститутсия Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, ин хислати давлат бо хусусияти ҷамъият, ки дар он таъсири дин хеле калон аст, вобаста мебошад. Мазмуни асосии хусусияти дунявӣ доштани давлати Тоҷикистон дар Конститутсияи он инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар қисми чоруми моддаи 8 муайян шудааст, ки ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд [1]. Чунин хусусияти давлат бо моҳияти демократии ӯ алоқаманд буда, ба манфиати тамоми мардум амал кардани ӯро мефаҳмонад. Аммо ҷудо эълон кардани ташкилотҳои динӣ аз давлат, мазмуни инкори ҳамкории онҳоро надорад. Ғайр аз ин мазмуни, онро надорад, ки диндорон ва рӯҳониён аз ҳаёти сиёсӣ дур карда шаванд. Ҳар як шаҳрванд, қатъи назар аз эътиқоди динӣ баробарҳуқуқ буда, Конститутсия ба онҳо ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Бинобар ин, бо сабаби фаъолияти динӣ ё эътиқоди динӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс хилофи конститутсия аст [7, 236]. Бо назардошти ин гуфтаҳо мо дар мақолаамон хостем таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи Ғарбро вобаста ба ин масъала мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории мамолики пешрафтаи ҷаҳон созгор ва шабеҳ будани сиёсати дунявии кишварамонро бозгӯ намоем.

Давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар ҳар низоми сиёсӣ ва дар ҳар давру замон дар ин ё он робитае қарор доранд ва аз ин рӯ онҳо наметавонанд ҳамдигарро инкор кунанд. Дар баъзе ҳолатҳо калисо метавонад сохтори давлатро муайян кунад ва ҳатто ҳайати мақомоти роҳбарикунандаи онро таъйин намояд. Дар дигар ҳолатҳо равобити байни давлат ва сомонҳои сиёсӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама,

тавассути конститутсия муқаррар мегардад. Баъзан давлат метавонад пайравӣ кардани шаҳрвандонашро аз ин ё он дин манъ намуда, намояндагони онҳоро зери таъқиб қарор диҳад.

Шакли аввали робитаи давлат ва иттиҳодияҳои динӣ ба ҳам омехта шудани ин ду ниҳоди ҷамъиятию сиёсӣ мебошад. Намунаи боарзиши ин гуна робитаи давлат ва иттиҳодияҳои диниро дар мисоли Ватикан дидан мумкин аст. Илова бар ин, дар таърихи сиёсии кишварҳои Ғарб марҳилаҳои ба ҳам пайвасту омехта будани давлат ва калисо махсусан, дар асрҳои миёна хеле фаровон ба мушоҳида расиданд. Масалан, номи расмии давлати Олмон замони ҳукмронии Оттони аввал «Империяи муқаддаси Рум ва миллати Олмон» буд, ки он ба ҳам пайваст будани калисо ва давлатро ифода мекард.

Шакли дигари робитаи давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар эълон намудани ин ё он дин ва мутаносибан калисои марбута ба сифати дини давлатӣ ифода меёбад. Чунин муносибати давлат ва калисо дар Англия, Дания, Юнон, Шветсия ва баъзе кишварҳои дигар мавҷуд аст, ки хусусият ва паҳлуҳои мухталифи онро конститутсияҳои давлатҳои мазкур пешбинӣ кардаанд. Масалан, дар Дания калисои инҷилию лютеранӣ калисои расмӣ мебошад ва ба ҳамин сифат аз пуштибонии давлат бархӯрдор аст. Конститутсияи Юнон ин мавқеъро барои мазҳаби православӣ пешбинӣ кардааст. Мутобиқи Қонуни асосии ин кишвар, ҷой доштани дини ҳоким мавҷудияти дигар динҳоро истисно намекунад. Конститутсияи Шветсия масъалаи баррасишавандаро дар робита бо дине, ки шоҳ аз он пайравӣ мекунад, ҳал кардааст. Дар параграфи 4 Санад оид ба мероси тахти шоҳӣ (1810) чунин омадааст: «Тибқи ҳидояти махсуси параграфи 2 Шакли давлатдории соли 1809 оид ба он, ки Шоҳ бояд доиман пайрави мазҳаби инҷилии пок бошад, ҳамон тавре ки ин амр дар омурзиши Аугсбургӣ қабул шудааст ва нашр гардидааст ва дар қарори маҷлиси Уппсалӣ соли 1593 сабт ёфтааст, айнан ҳамин тавр шоҳзодаҳо ва шоҳзодадухтарони хонаводаи шоҳӣ бояд дар рӯҳияи ҳамин мазҳаб тарбия шаванд ва тарбияи онҳо бояд дар ҳудуди давлат сурат гирад. Узви хонадони шоҳӣ, ки аз ин мазҳаб пайравӣ намекунад, аз ҳуқуқи мероси тахти шоҳӣ маҳрум мегардад». Ҳамзамон, бо

ин банди 6 параграфи 1 боби 2 Шакли давлатдории соли 1974 ин мамлакат озодии динро эълон кардааст ва он ҳуқуқи озодона пайравӣ кардани фардро аз дини худ дар танҳоӣ ва ё якҷоя бо дигаронро дар назар дорад [6].

Дар тафовут аз давлатҳои исломӣ, ки дар онҳо озодии виҷдон ва эътиқод ё комилан эътироф намешавад ва ё дар чаҳорчӯбаи хеле маҳдуд мавриди қабул мебошад, дар давлатҳои ғарбӣ эълони дини давлатӣ ва эътирофи калисои расмӣ боиси ин гуна маҳдудиятҳо намегардад. Илова бар ин, дар ин кишварҳо низоми ҳуқуқии муосир мавриди қабул буда, таъсири ниҳодҳои динӣ ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ё умуман, ҷой надорад ва ё хеле ночиз аст. Албатта, дар соҳаи ҳуқуқи асосӣ, махсусан, вақте ки сухан аз боби пайравии сарварони давлат (Шоҳ ё Президент) ба ин ё он дин меравад, масъала ба худ аҳамияти ҷиддӣ мегирад ва наметавон аз он сарфи назар кард. Аммо, ба ҳар сурат падидаи мазкур дар тобиши ғарбии худ аз зоҳир намудани эҳтироми таърихӣ чизи бештаре нахоҳад буд.

Шакли сеюми робитаи байни калисо ва давлат дар мавҷудияти мустақилу ҷудогонаи давлат ва калисо, бо эътирофи баъзе афзалияти ин ё он дин ифода меёбад. Дар чунин ҳолатҳо давлат ва калисо муносибатҳои худро дар ин ё он санад муайян мекунанд. Ба сифати ин гуна санад дар бисёр мавридҳо шартнома-конкордат мавриди истифода қарор мегирад, ки он байни давлати марбута ва Тахти Муқаддас (Ватикан) баста мешавад. Мақсади асосии ба имзо расонидани конкордат аз муайян намудани нақш ва мавқеи калисои католикӣ ва шароити фаъолияти он дар ин давлат иборат аст. Яке аз санадҳои машҳуре, ки муносибати байни давлати Италия ва Ватиканро ба танзим даровардааст, Қарордоди соли 1929-уми Латеран мебошад. Санади мазкур даъвоҳои мутақобилаи байни давлати Италия ва Тахти Муқаддасро ҳал намуда, ҳуқуқу имтиёзҳои калисои католикиро дар ин кишвар муқаррар кардааст. Тибқи моддаи 7 Конститутсияи Италия муносибати калисо ва давлатро маҳз Қарордоди Латеран танзим менамояд. Ҳар гоҳ зарурати тағйири қарордоди мазкур ба миён ояд ва роҷеъ ба он давлати Италия ва Ватикан ба мувофиқа оянд, дар он сурат парламент аз тариқи қабули қонуни оддӣ ба

қарордод тағйироти дахлдорро ворид месозад. Илова бар ин, муаллифони конститутсияи ин кишвар бо дарназардошти аҳамияти Қарордоди Латеран таъкид бар он доштаанд, ки тағйири қарордод, ки аз ҷониби тарафҳо мавриди қабул қарор мегирад, боиси таҷдиди назари қонуни асосӣ намегардад. Қисми 1 ҳамин модда, ки мустақилу ҷудо будани давлат ва калисоро пешбинӣ мекунад, чунин муқаррар кардааст: «Давлат ва калисои католикӣ оид ба соҳаҳое, ки ба ҳар яке аз онҳо таалluқ доранд, мустақил ва соҳибихтиёр мебошанд» [5].

Бо ин ҳама эътирофи афзалияту бартарии калисои католикӣ Конститутсияи Италия баробарии ҳамаи дину мазҳабҳоро дар назди қонун эътироф намуда, ба динҳои ғайрикатоликӣ ҳуқуқи таъсис намудани ташкилотҳои худро дар асоси оинномаашон додааст. Ин ҳуқуқи пайравони динҳои ғайрикатоликӣ дар доираи мувофиқати онҳо бо низоми ҳуқуқии Италия маҳдуд аст. Муносибати иттиҳодияҳои динии ғайрикатоликӣ бо давлат дар асоси қонуне, ки бо дарназардошти қарордоди онҳо бо давлат қабул мегардад, муайян карда мешавад. Бо ба инобат гирифтани ин меъёри Конститутсия ва дар натиҷаи музокироти тӯлонии байни Италия ва Ватикан дар соли 1984 конкордати нав қабул гардид, ки мутобиқи он дини католикӣ мавқеи дини ягонаи давлати Италияро аз даст дод. Илова бар ин акнун рӯҳониён дар асоси хоҳиши худ аз хизмати ҳарбӣ озод карда мешаванд ва калисои католикӣ ҳуқуқи озодона таъсис додани муассисаҳои таълимиро пайдо кард [8, 397].

Аз ибтидои асри XIX то ибтидои асри XX муносибати байни давлати Фаронса ва Ватикан низ дар асоси конкордати байни онҳо сурат мегирифт. Соли 1905 дар Франсия қонун оид ба озодии виҷдон қабул гардид ва ба ин муносибат хотима бахшид.

Баъзе конститутсияҳои муосир ин ё он динро аз аҳамияти махсус бархӯрдор сохта, нақшу мавқеи фарққунандаи онро нисбат ба дигар динҳо муайян мекунанд. Масалан, моддаи 16 Конститутсияи Испания бо озодии афкор, пайравӣ кардан аз ин ё он дин ва ба ҷо овардани маросимҳои динӣ кафолат додааст ва асли ба сифати дини давлатӣ эътироф нашудани

ҳеҷ як аз динро сабт намудааст. Аммо, дар айни замон моддаи мазкур мақомоти давлатиро уҳдадор сохтааст, ки онҳо эътиқоди динии ҷомеаи Испанияро ба эътибор мегиранд ва робитаи марбутаи ҳамкориро бо калисои католикӣ ва дигар динҳо дастгирӣ менамоянд [5]. Вобаста ба ин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26.03.2009 с., № 489 эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон [3] мутобиқи манфиатҳои миллӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ нобаробарии диниро дар назар надорад ва аз таҷрибаи ғарб манша мегирад.

Шакли дигари робитаи давлат ва калисо дар муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии баробари ҳамаи дину калисоҳое, ки дар ҳудуди давлат фаъолият мекунанд ифода меёбад. Моддаи 25 Конститутсияи Полша баробарҳуқуқии калисоҳо ва дигар иттиҳодияҳои диниро пешбинӣ намуда, мақомоти давлатиро уҳдадор сохтааст, ки нисбат ба масъалаҳои эътиқоди динӣ, ҷаҳонбинӣ ва фалсафӣ беғараз бошанд ва аз ин роҳ изҳори озодонаи онҳоро дар ҳаёти омма таъмин намоянд. Робитаи байни давлат ва калисоҳо, иттиҳодияҳои дигари динӣ ба усули эҳтироми худмухтории онҳо, инчунин мустақилияти мутақобилаи давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар соҳаҳои марбут ба онҳо ва ба ҳамкории мутақобила ҷиҳати таъмини хайрияти ҳар кас ва хайрияти умум такя мекунад [5]. Тибқи қисми 3 моддаи 19 Конститутсияи Македония калисои православии македонӣ, дигар иттиҳодияҳои динӣ ва гурӯҳҳои динӣ аз давлат ҷудоанд ва дар назди қонун баробаранд. Қисми 4 моддаи мазкур ба ҳамаи ин иттиҳодияи динӣ ҳаққи озодона таъсис додани муассисаҳои таълимии динӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ ва хайрияро дар асоси тартибе, ки қонун пешбинӣ намудааст, додаст [5].

Агар шаклҳои робитаи давлат ва калисо, ки мо аз онҳо ёдовар шудем, дорои тобишу хусусиятҳои хоси худ буда, ифодакунандаи бархӯрди давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон бошанд, манъ ва ё маҳдуд кардани ин ё он дин ва иттиҳодияҳои марбутаи онҳо аз шакли умумии робитаи байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, ки хоси тақрибан тамоми давлатҳо

мебошад, намояндагӣ мекунад. Маҳдудкуниҳо ва ё манъи таъсису фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ки дар қонунҳои асосӣ ва қонунҳои дахлдори кишварҳои пешбинӣ шудаанд, асосан ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такя мекунанд. Дар радифи маҳдудиятҳое, ки нисбат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муқаррар шудаанд ва онҳо дар мавриди иттиҳодияҳои динӣ низ метавонанд истифода шаванд, қисми 3 моддаи 18 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ мустақиман маҳдуд кардани пайравӣ кардан ба ин ё он дин ва ё эътиқодро дар доираи «ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, амният, саломатӣ ва ахлоқ, инчунин ҳуқуқ ва озодиҳои афроди дигар» пешбинӣ кардааст [2], ки он ҳамчун асоси умумиэътирофшудаи манъ ва маҳдуд кардани таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ хизмат мекунад.

Қисми 1 моддаи 43 Конститутсияи Литва чунин муқаррар мекунад: «Давлат, калисоҳо ва дигар иттиҳодияҳои динии анъанавии Литва ва дигар калисоҳо ва иттиҳодияҳои диниро ба шарте эътироф мекунад, ки агар онҳо дар ҷомеа пуштибону пайрав дошта бошанд ва таълимоту маросимҳои онҳо хилофи қонун ва ахлоқ набошанд». Илова бар ин, тибқи қисми 6 ҳамин модда таълимоти калисо ва иттиҳодияҳои динӣ, дигар фаъолияти динӣ, инчунин ибодатхонаҳо наметавонанд барои ноил шудан ба мақсадҳои зидди Конститутсия ва қонун истифода шаванд [5]. Қисми 4 моддаи 24 Конститутсияи Словакия озодии калисо ва дигар иттиҳодияҳои диниро дар доираи тадбирҳое, ки барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ, ахлоқ ва ҳуқуқу озодиҳои дигарон заруранд, маҳдуд кардааст [6]. Дар моддаи 63 Қонуни асосии Исландия (таҳрири соли 1995) чунин омадааст: «Ҳар кас ҳаққи таъсиси иттиҳодияи динӣ ва пайравӣ карданро ба дин дар асоси эътиқоди динии худ дорад. Таълимот ва фаъолияти диние, ки хилофи ахлоқ ва ё тартиботи ҷамъиятӣ мебошанд, манъанд» [5]. Баъзе қонунҳои асосӣ таъсиси ҳизбҳои сиёсии диниро манъ кардаан. Конститутсияи Қазоқистон аз намунаи чунин конститутсияҳо мебошад. Қисми 2 моддаи 16 Конститутсияи Беларус фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, мақомот ва намояндагии онҳоро, ки бар зидди

соҳибихтиёрии давлат, сохтори конститутсионии он ва ризоияти шаҳрвандӣ равона шудааст ва ё бо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон алоқаманд бошад, инчунин барои иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва оилавии шаҳрвандон монеа эҷод кунад ва ё ба саломатию ахлоқ зарар расонад, манъ кардааст [4].

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки таҷрибаи мамолики мутараққии Ғарб намунаи беҳтарини робитаи байни давлат ва иттиҳояҳои динӣ буда, аксари дастовардҳои танзими ҳуқуқии онҳо дар муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26.03.2009 с., № 489 инъикос гардидаанд ва аз давлати дунявӣ будани Тоҷикистон дарак медиҳанд.

## Адабиёт


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: Ирфон, 2016. –64 с.
2. Международный пакт о гражданских и политических правах, 16 декабря 1966, Сборник международных договоров ООН. Т. 999. 171 с. // https://www.refworld.org.ru/docid/4c0f50682.html [последняя дата доступа 13 декабря 2018].
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26.03.2009 с., № 489 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2009. – № 3. –Мод. 82; –2011. – № 6. – Мод. 450.
4. Конституции государств Европы. В 3-х томах. Т. 1 / Под общ. ред.: Окуньков Л.А. - М.:Норма, 2001. - 824 с.
5. Конституции государств Европы. В 3-х томах. Т. 2 / Под общ. ред.: Окуньков Л.А. - М.:Норма, 2001. - 840 с.
6. Конституции государств Европы. В 3-х томах. Т. 3 / Под общ. ред.: Окуньков Л.А. - М.:Норма, 2001. - 792 с.
7. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе: Интишороти Оли Сомон, 2004.- 400 с.
8. Маклаков В.В. Конституционное право зарубежных стран. Общая часть: учебник. – М.: Волтерс Клувер, 2006. – 896 с.

ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР



**Комил БЕКЗОДА**
*файласуф*

# ФАЛСАФАИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ ШӮРАВӢ

**Шиноснома**

1. **Муаллиф:** Беков Комилҷон (Комил Бекзода)-аспиранти шӯъбаи фалсафаи Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Советӣ Сотсиалистии Тоҷикистон. Тарҷумони забони русӣ ва арабӣ дар Ҷумҳурии Арабии Яман (ҶАЯ.) дар солҳои 1969-1970. Барномаи муштараки зироатии СССР ва ҶАЯ, дар минтақаи Сурдуд, деҳаи Ал-Кадан, шаҳри Ҳудайда дар Ямани Шимолӣ.

2. **Номи рисола:** Номи пурраи рисола чунин аст: "Табиати вуҷуд ё хотироти мутарҷим аз Яман".

3. **Ҳаҷми рисола:** Рисолаи мазкур дар ҳаҷми 26 саҳифаи дастнавис буда, бо ҳуруфоти арабӣ навишта шудааст. Дар дафтари талабагии ростхатта (забон), дорои нишонаи рамзии "Shebani". Муқоваи дафтар ба ранги зарди баланд аст.

4. **Оғози таълифи рисола:** 2-юми августи соли 1969, рӯзи шанбе, соати 10 ва 12 дақиқаи бегоҳӣ.

5. **Анҷоми таълиф:** Соати 10 ва 37 дақиқаи шаби 18 моҳи майи соли 1970.

6. **Макони таълиф:** Деҳаи Ал-Кадан дар минтақаи Сурдуд, 80 километр дуртар аз шаҳри соҳилии Ал-Ҳудайда воқеъ дар Ямани шимолӣ (ҶАЯ).

7. **Ҳадафи таълиф:** Муаллиф дар навиштани ин рисола ҳеҷ даъвое надоштааст ва ҳоло ҳам надорад. Ба ин маъно, ки як ҷавони 24-солаи тоҷик, ки дар риштаи фалсафа таҳқиқ мекарда,

хостааст, ки ба таври маҳрамона маҳорати илмии худро дар таълифи осори фалсафӣ бисанҷад. Ва санҷидааст.

Ин санҷишро мо ба қазоват ва муҳокимаи хонандагон вогузор менамоем. Ҳамин ва тамом.

**Муаллиф:** Комил Бекзода.

**Таърих:** 17 феврали соли 2019, рӯзи якшанбе.

**Макон:** Маҳаллаи "Меҳробод", кӯчаи Сафарзода Зафар Абдулло, хонаи 3, дар шаҳри Душанбе.

* * *

**Комил Бекзода**

## ТАБИАТИ ВУҶУД
### (Рисолаи фалсафӣ)
### (Ба ҷои сарсухан)

1. Хотиранависӣ ва хотирахонӣ дар ин рӯзҳо дигар равнақе надорад.

Оре, ҳаминро дидаву дониста ман хотиранависӣ оғоз намудам... Чаро ки хотира чизи нав нест ва чизи куҳна ҳам намебошад. Хотира ин-бемаънигиҳои гузаштаро аз сари нав намоиш додан аст. Асоси ин сухан дар он аст, ки инсон, чуноне ки бояд бошад, нест. (-С-1). Ва аз роҳи хотира худро ислоҳ карданист... Ва ё дигаронро огоҳ мекунад, ки иштибоҳоти ӯро такрор накунанд.

2. Дар китобе хонда будам, ки калимаи "Одам" аз калимаи яҳудӣ-ибрии қадим ба вуҷуд омада, маънояш "хок" мебошад. Ҷавҳари одам фақат дар ҳамин маънӣ дуруст меояд. Зеро қонунҳое, ки дар хок амал мекунанд, дар Одам низ таъсир доранд. Қонунҳои хок ва олами ҷамод (олами ғайризинда) иҷборӣ ва ғайришуурона амал мекунанд ва ин бадеҳӣ аст. Лекин ин қонунҳо дар олами инсон низ амал карда (ва мекунанд). Вале дар шаклҳои хеле разилона (аз ҷумла). Чун килреро надониста кардан аз беақлист, вале килреро дониста кардан, агар нек бошад, аз донишмандӣ ва агар бад бошад, аз пастфитратӣ (хоҳад буд). Вале аксаран одамон дидаю дониста кори номақбул мекунанд...Яъне ин исботи он аст, ки инсоният "Одам" аст (аз хок аст!), на инсон ба маънои фарҳангиаш. Зеро инсон аз калимаи "Инс"-и арабӣ реша дорад, ки бо "Ҷин" муқобил ва

мухолиф мебошад. Агар касе ин хулосаҳоро хонад, хоҳад хандид, ки одами асри 20 ба чунин хулосаи содалавҳона омадааст, ки ин хулосаҳо кайҳо гуфта шуда ва куҳна шудаанд...

3. Барои ман [ҳоло] аҳамияте надорад, ки ин масъаларо пеш аз ман кӣ ҳал карда буд ва баъд аз ман, кӣ ҳал мекунад. Ҳалли ҳар масъалае барои ҳар яки мо бебозгашт аст! Ҷаҳон барои ман чунон аст, ки ман онро тасаввур мекунам...Ва агар дигархелтар бошад, ба ман чӣ?

4. Афкори иҷтимоӣ гуфта ман маъмӯаи фикрҳои дурушту дағал ва бемаъноеро мефаҳмам, ки шири сафедро сиёҳ ҳукм мекунад.

5. Барои одам қариб ҳеҷ чиз дастрас нест...Ва агар муваффақ шавад, ки ақаллан дар умраш як бор бо каллаи худаш фикр кунад, аз ҳама давлати бузург аст. Бисёриҳо гумон мекунанд, ки гӯё ҳама кору кирдорашон аз они худашон мебошад, вале дар асл, аз рӯи нусхаҳои кайҳо куҳнашуда [кор] ва зиндагӣ мекунанд...

6. Касоне, ки доир ба олам фикр рондаанд, ба хулосаи муайяне омада натавонистанд. Яъне аслу моҳияти вуҷудро фаҳмида натавонистанд. Ва чун ин кушиши онҳо барор нагирифт, ба шарҳу баёни олам аз рӯи хоҳишу ғаразҳои шахсии хеш пардохтанд (-С.2).

## ИБТИДОИ РОҲ
### (3 августи соли 1969-и мелодӣ, соати 1-и баъд аз нимарӯз)

Дар нимаи моҳи май (1969) аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ман амр шуд, ки барои ба Ямани Шимолӣ сафар кардан, омода шавам. Бо вуҷуди он ки ман ин даъватро се маротиба рад карда будам, ин дафъа аз Москва барқия гирифтам. Ёру дустон ташвиқ намуданд, ки ба сафар омода бошам. Вале худам майли мусофират надоштам. Зеро хуб медонистам, ки маро ба куҷо мефиристанд. Вале хоҳиши ёру дустон (махсусан, Карим Юлдошев)-ро ба назари эътибор гирифта, 26 моҳи майи соли 1969 ба Маскав парвоз намудам. Баъди андак муддат, 31 моҳи май бо ҳавопаймои “ИЛ-18” аввал ба шаҳри Қоҳира ва баъд ба сӯи шаҳри Ҳудайдаи

Ямани Шимолӣ парвоз намудам. Аз аввали моҳи июн ба кор сар карда ва то ҳол ин кор давом дорад (-С.3).

**Боби аввал**

**ИБТИДОИ ФАЛСАФА**

Барои фаҳми дақиқ ва ҳақиқии фалсафа ду шарти зарурӣ бояд вуҷуд дошта бошад:

1. Аз манфиати шикам даст кашидан, дар маънии васеъ ва (густурда)-и ин калима, ба мисли Диогени калбӣ-файласуфи Юнони қадим.

2. Аз ҳалокати шахсӣ сарфи назар кардани мутафаккир, чуноне ки Суқрот дар замони худ карда буд.

Моҳияти ҳастӣ ба будан ва набудани мо, одамон тағйир намепазирад.

Моҳияти ҳастиро бо ҳаёти иҷтимоӣ алоқаманд маънидод кардан, аз асли масъалаи фалсафа даст кашидан аст (-С.3).

**Боби дуюм**

**МОҲИЯТИ ФАЛСАФА**

**(4-уми августи соли 1969, деҳаи Ал-Кадан.**

**ҶАЯ (Ҷумҳурии Арабии Яман)**

1.Фалсафа дар беҳтарин ҳолат оламдарккунии шахси алоҳида мебошад.

2.Фалсафа аз илм дида ба орзу ва ё идеал наздиктар аст.

3.Бисёре аз мардуми асри 100-ум ба дараҷа ва мақоми Афлотун нахоҳанд расид.

4.Дар асри 20 зиндагӣ карда, дар фаҳмидани ақидаҳои мутафаккирони қадим, сардаргум ва парешон мешавем. Куҷост афзалияти асри 20, аз асрҳои гузашта?

5.Агар Арасту дар асри мо (асри 20) пайдо шавад, бо ҳамон дониши қадимааш ҳамаи фалсафаи асри моро ба ҳамоқат ҳукм хоҳад кард (-С.4).

**Боби сеюм**

**ФАЛСАФА ВА ҶАМЪИЯТ**

1.Моҳияти фалсафии олам ба будан ва набудани ҷамъият вобастагӣ надорад.

2.Фалсафа идроки назариявии ҳастӣ бо тамоми ҷузъиёташ мебошад. На ин ки василаи манфиатҷӯӣ [субъективизм].

3.Ҷамъият дар беҳтарин ҳолат, зарраи хурдтарини [олами ҳастӣ] буда, бо худии худ арзиши чандоне надорад.

4.Фалсафа ва ҳастӣ пеш аз инсоният вуҷуд доштанд, [ чаро ки] фалсафа, бозтоб ва инъикос аст. [ Яъне вуҷуди олами ҳастӣ ва моҳияти фалсафии он пеш аз пайдоиши ҳаёт ва ҷомеаи инсонӣ].

5.Бо омадани инсоният ин ду чизи бо ҳам сахт алоқамандро сахт дарҳаму барҳам намуданд (-С.4)

## Боби чорум
## [ФАЛСАФА ВА СИЁСАТ]
## (10 августи соли 1969)

1.Фалсафа чуноне, ки дар ҳақиқат аст [бозтоби олами вуҷуд], барои ҳеҷ кас лозим нест. Асри мо барои фалсафа замина надорад. Поруи сунъии сиёсат, дарахти пурсамари фалсафаро рӯз то рӯз хушк карда истодааст. Бисёр ақидаҳои муътабар, ки мо аксарияти ҳаёти худро дар амалӣ намудани онҳо сарф кардаем, агар ба чашми ҳақиқат нигоҳ кунем, худфиребии маҳзанд (инҷо ақидаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ, урфу одатҳо ва ғайра дар назар дошта шудааст).

2.Орзую умед, ҳам комёбӣ ва ҳам бадбахтии башар гардидааст. Комёбӣ аз он ки бо умед зиндагиашро давом медиҳад. Бадбахтӣ аз он ки бо орзуҳои ҳосилнашаванда умри азизи худро ҳар инсоне зоеъ мекунад (-С.5).

## Боби панҷум
## ФАЛСАФАИ ТАМАЪ Ё ТАМАЪИ ФАЛСАФӢ

1.Фалсафаи ҳақиқӣ бояд аз тамаъ [корыстолюбие] озод бошад.

2.Мафҳуми “тамаъ” дар инҷо дар маънии васеаш омадааст. Яъне ба хотири ҳақиқат шуда, одам бояд аз ҳамаи урфу одат ва қонунҳои мавҷудаи иҷтимоӣ сарфи назар намояд.

3.Шарт нест, ки фалсафа барои ҷамъият пешгӯиҳо кунад. Барои ҷамъият ақидаи муайяне ба вуҷуд овардан мумкин аст,

аммо на ақидаи фалсафӣ (-С-5) Зеро бо як сабаби ночизе фалсафаро маҷбур мекунанд, ки дар пеши бисёре аз масъалаҳои аз он ночизтар сари таъзим хам кунад.

4.Чуноне ки аз ин пеш гуфтем, дар фалсафа ду ҳадду ҳудуди мушаххас вуҷуд дорад:

-Яке аз марги шахсии худ сарфи назар кардан ва дигаре аз манфиати шикам ба маънои густурдаи (васеъи он) сарфи назар кардан аст.

Дар он сурат мутафаккир метавонад ҳақиқати вуҷудро чи тавре, ки дар воқеият ҳаст, баён кунад. Ҳарчанд, ки ҳақиқати вуҷуд, чунонки ҳаст, ба ҳеҷ кас маълум нест. Вале донистани он барои инсоният лозим ва зарурӣ мебошад.

5.Аввалан нолозим будани ҳақиқати вуҷудро исбот кардан зарур аст. Ва баъд, бояд ақидаҳои лозимиро пешниҳод кард. Бисёре аз мутафаккирон, аввалан хеле ҷиддӣ ва амиқ фикру андеша рондаанд. Вале  чун диданд, ки ин кор ҳеҷ фоидае надорад, пас ба эҷод ва ихтирои ақидаҳои сохта ва бофтаи худ шуруъ кардаанд.

6.Фалсафаи гузашта  ва ҳозираи сайёраи мо (Замин) дар байни хасрубаҳои тамаъҷуён, чунон ғӯтавар гаштааст, ки барои онро аз он ҷо берун овардан, дар шароити ҳозира қариб ҳеҷ имконияте ба назар намерасад. Ҳар кушише, ки дар ин роҳ карда шавад, аҳли замони мо онро, беҳудагии маҳз хоҳанд шуморид.

Хулоса ҳамин аст, ки мо ба зиндагӣ кардан маҳкум шудаем ва хоҳӣ ё нахоҳӣ, аҳамияте надорад ва бояд ба таври маҷбурӣ зист ва зиндагӣ кард.

Хеле хуб аст барои шахсоне, ки орзуҳо ва идеалҳои онҳо аз доираи зиндагии заминии мо берун нестанд. Онҳо бо ғофилии том ва тамом умри худро сарфи ин орзуҳои ночиз намуда ва мумкин аст ба ин орзуҳояшон ҳам бирасанд. Ва шояд гумон кунанд, ки гӯё оламро ба коми худ гардонидаанд. Аммо ҳайҳот ва боз ҳам ҳайҳот!

7.Тамаъ дар шакли ошкор, пинҳон ва намудҳои дигари тасвирнопазираш фалсафа ва илмро ба бозӣ мегирад. Инсониятро метавон танҳо ва танҳо бо кӯтоҳандешиаш таъриф ва тавсиф намуд. Масъалан, агар дар сатрҳои болои ин навиштаи ман тамаъ ё ғаразе [корысть] шахсӣ ҷой медошт, ман

ҳеҷ гоҳ инсониятро чунин тавсиф намекардам. Чунки маъниҳои зерин дар пеши назар буд:

А. Аввал ин ки ман низ ба мафҳум ва истилоҳи инсоният дохил ҳастам.

Б. Кӯтоҳандешии инсоният дар навбати худ ба ман ҳам дахл дорад.

В. Агар мақсади ман ин навиштаҳоро чоп кардан ва ошкор кардан мебуд, албатта, ин суханҳоро наменавиштам. Зеро бо чунин суханҳо ҳеҷ кас розӣ ва хурсанд намешавад, ба ин маъно, ки ҳеҷ кас намехоҳад аз номи худаш чунин суханони таҳқиромезро чоп кунад.

Г. Аз ин гузашта, агар ягон нишона ва ҳадафи ҷоҳталабӣ ва мансабталошӣ медоштам, ба гуфтани чунин суханҳое ҷуръат намекардам (-С.7).

**Боби шашум**

**[ДУ ҶИҲАТИ ФАЛСАФА]**

1.Баёни фалсафа бояд ду ҷиҳат дошта бошад:

А. Аввал бояд аз нуқтаи назари абад ва ҷовидонагӣ дида баромада шавад.

Б. Дуввум аз нуқтаи назари нисбӣ (на мутлақ ва на мутлақгароӣ). Агар ин ду чиз (ҷиҳат) дар якҷоягӣ дида баромада шавад, ҳамеша дарҳам барҳамии бепоён ҳосил хоҳад шуд.

2.Ҷиҳати абадии масъала ба ҳақиқати вуҷуд дахд дорад.

3.Ҷиҳати нисбии масъала доир ба ҳаёти инсоният баҳс мекунад (-С.8).

**Боби ҳафтум**

**ФАЛСАФА ВА ДИН**

1.Фалсафа тамаъкор [корыстный] вобаста ва парастандаи ин дунёст.

2.Дин тамаъкор ва талабгори ин дунё ва он дунё мебошад.

Файласуф ба номи ин дунё қасам мехӯраду диндор ба номи он дунё.

3.Дар байни ин файласуфон ва диндорон нафароне низ ёфт мешаванд, ки мехоҳанд ҳам ба ин дунё ва ҳам ба он дунё хидмат кунанд. Онҳо нафарони мунофиқ, риёкор ва фурсатталабанд.

4.Ин ду гурӯҳ дорои таассуби хос мебошанд.

5.Фалсафа ҳарчанд ки ҳақбаҷониб аст (асосан, воқеъбин аст), вале аксаран [фалсафа] ҷиҳати сатҳии масъаларо дар бар мегирад. (Ин аст, ки касе ба хотири фалсафа рӯза намегирад ва намоз намехонад).

6.Дин ҳарчанд, ки ночаспон (ғайри мантиқӣ), хаёлӣ ва фантастикӣ аст, ҷиҳати амиқтари мушкилоти башариро дар бар мегирад. Яъне масъалаи зиндагии баъд аз марги инсонро. Ва дар ин робита масъалаи зиндагии ҷовидонаро ба шакли кулли.

7.Фалсафа ба ҷиҳати нисбии (рӯзмарраи) масъала бештар рағбат дорад.

8.Майли дин ба ҷиҳати мутлақ ва абадии масъала аст. Яъне зиндагии ҷовидона дар он дунё.

9.Файласуф аз дунё лаззати моддӣ мебарад, [Инҷо файласуфи асри миёна дар назар аст, на файласуфи асри XX].

10.Насиби диндор (бештар) лаззатҳои маънавӣ ва руҳонӣ аст. Ва аз лаззатҳои ҷисмонӣ низ парҳез намекунад.

Хулоса: дар ҳарду гурӯҳ ҳам яке аз лаззатҳо намерасад. Таърих файласуфҳои хаёлпараст (яъне ҷиҳати маънавии масъала) ва диндорони шикампараст (ҷиҳати моддии масъала)-ро низ медонад. Бо вуҷуди ҳамаи ин шаҳодатҳои таърихӣ, моҳияти масъала тағйир намеёбад (-С.9).

## Боби ҳаштум
## АҚИДАИ ФАЛСАФӢ ВА ШАХСИЯТИ ИҶТИМОӢ
## (14-8-1969)

1.Мумкин аст мутафаккир нисбат ба ҷамъият бо чашми некбинона нигоҳ кунад, вале ақидаҳои фалсафии ӯ иртиҷоӣ ва реаксионӣ бошанд.

2.Ақидаи фалсафӣ бо шахсияти иҷтимоии файласуф як чиз нестанд. Масалан, агар касе ҳалокати сайёраи Замини моро исбот ва асоснок кунад, дар он ҳолат вай иртиҷоӣ ва зидди ҷамъиятӣ набуда, балки ин фарзияи худро дар асоси далелҳои илмӣ пешниҳод намудааст (-С.9). Ақидаҳо иртиҷоӣ нестанд, балки аз нигоҳи илмӣ саҳеҳ ва дуруст намебошанд. Ҳар як файласуф ба ростии ақидаи худ боварии комил дорад. Албатта, мо ҳар гуна ҳазаёни сиёсатмадоронро фалсафа гуфта

наметавонем. Сиёсат аслан илми бардурӯғ ва ғаразнок аст. Ба хотири манфиати шахсӣ, гуруҳӣ, ҳизбӣ ё давлатӣ мебошад. Одамони разил барои худро муҳофизат кардан, ба андешаҳои шахсиятҳои бузурги таърихӣ такя ва истинод мекунанд. Сиёсатмадорон ба фалсафа маҳз ба ҳамин хотир хушомад ва тамаллуқкорӣ менамоянд.

Бо пайдо шудани матбуот ва хатти чопӣ, сиёсат фалсафаро тамоман аз майдони иҷтимоӣ танг карда баровард (-С.10).

## Боби нуҳум
## ФАЛСАФАИ АХЛОҚ
## (22-8-1969)

Агар ахлоқ намебуд, мардум ба ин дараҷаи бадахлоқӣ намерасиданд. Таърихи ахлоқ, таърихи бемаънигии куллии башар будааст. Касеро ба асоснок кардани ахлоқ маҷбур кардан, мисли он аст, ки бодянишинонро ба сохтани бино ва иморати бистошёна маҷбур карда бошем. Ман ба ҳамаи қонуну қоидаҳои ахлоқӣ итоат мекунам, вале замиран (аз таҳти дил) нисбат ба ҳамаи ин қоидаҳо нафрат дорам (-С.10)

Ки метавонад ба ман гӯяд, ки кадом ахлоқ хуб асту кадомаш бад? Дар асри мо ахлоқ гуфта, тамаллуқ ва хушомадро мефаҳманд. Аз ҳеҷ кас пинҳон нест, ки ахлоқ муваққатӣ ва даргузар аст. Вале мо ҳамаи инро дидаю дониста, кӯр-кӯрона ва ғуломвор итоат мекунем. Дар ин масъала ҳеҷ ҷои тааҷҷуб ҳам нест. Вале чизи асосӣ ин аст, ки мо одамон, одам будани худро, исбот карда натавонистем. Яъне чун табиати беҷон маҳкуми амру фармони қонунҳои зарурии ҳаёти ҳаррӯзаи худ будем ва ҳастем. Чӣ қадар хунҳо рехта ва чӣ қадар азобу шиканҷаҳо ба амал омада ва ҳамаи ин ба ном ва хотири фармудаҳои ахлоқӣ анҷом гирифтааст! Агар аз рӯи “ахлоқ” ҳукм кунем, зиндагии башар ҳеҷ лоиқи ахлоқ нест! Ҳамон қонунҳои оҳанине, ки дар табиат амал мекунанд, дар ҷамъият низ вуҷуд доранд. Файласуфони асри мо заковатмандӣ зоҳир намуда, гуфтаанд, ки “қонунҳои табиат аз ҷамъият сифатан (!) фарқ мекунанд” ва дар ҳамин нуқта таваққуф намудаанд (-С.11).

## Боби даҳум
## ҲУДУДИ МАЪРИФАТИ ФАЛСАФӢ
**(12-9-1969, сентябр)**

Маърифати олам аз ҳама ҷиҳат ба сӯи абадият мебарад. Дар олам мушкилот ва заминаҳое аст, ки метавон то ба дараҷаи ҷунун ва девонагӣ расид ва ғарқи хаёлот гардид (-С.11). Ва инчунин метавон то ба дараҷаи одами содалавҳ ба таври сатҳӣ мулоҳиза ронд. Ҳаминаш бояд аламовар бошад, ки ба ҷуз як гӯшаю канори ин олами нопайдоканор, дигар ба ҷойе умеди расидан нест. Мо одамон маҷбуран маҳкум ба зистан дар ин ҷаҳон гаштаем. Ташвиш ва изтироби бардавом ҳамсафари ҳамешагии мост. Ҳама гуна даъвоҳое, ки гӯё онҳо ҳақиқати оламро фаҳмидаанд, дар асл худфиребиҳои маҳзанд. Даъвое низ ҳаст, ки гӯё агар мо имрӯз чизеро нафаҳмида бошем, фардо хоҳем фаҳмид. Ин фикр дуруст аст. Вале мепурсам, ки ин даъво аз ваъдаву умедворкуниҳои динӣ чӣ фарқ дорад? Албатта, чизеро, ки ман ҳангоми зинда буданам талаб дорам, фаҳмида наметавонам ва худро тасалло дода мегӯям, ки наслҳои оянда ва баъд аз ман ин масъаларо хоҳанд фаҳмид. Оё кафолате ҳаст, ки онҳо ба масъалаҳои дилхоҳи ман таваҷҷуҳе зоҳир мекарда бошанд?

Гузаштагони мо кайҳо орзу карда буданд, ки чизҳои нафаҳмидаашонро ворисонашон хоҳанд фаҳмид. Бо вуҷуди ин чандин асрҳо гузашту мо то ҳол сардаргуми масъалаҳои пешгузоштаи онҳо мебошем. Моро талқин мекунанд, ки гӯё мо ворисони ҳақиқии беҳтарин асарҳои илмӣ ва фарҳангии башар ҳастем (-С.12). Вале дар воқеъ, мо ба мероси башарият аз пушти айнаки сиёҳи шакку шубҳа нигоҳ мекунем. Башарият ба мо бегона нест, балки моро нисбат ба башарият бегона будан таълим додаанд (-С.13).

## Боби ёздаҳум
## ФАЛСАФАИ ИШҚ
**(17-9-1969-и мелодӣ, деҳаи Ал-Кадан)**

Ишқро маҳз ҷиҳати иҷтимоии масъала болобардор ва муболиға мекунад. Ва дар воқеият ҳам сазовори таҳсин ва

муболиға аст. Вагарна ҷиҳати ғаризии (инстинктивӣ)-и масъала байни инсону ҳайвон муштарак мебошад.

Ҳама гуна ишқ, хоҳ ин тавр ва хоҳ он тавр (ҳайвонӣ ва инсонӣ) талаботи шахсии худро парастидан аст. Агар лаззати моддӣ ва маънавиро, ки аз ҷинси муқобил ва аз гуфтугузор бо вай ҳосил мекунем, тарҳ карда шавад, дар ин байн ба ҷуз ғариза ҳеҷ чизи дигаре боқӣ намемонад (-С.13). Инсон дар шахси маҳбуби худ нусхаи дуюми худро мебинад. Аз ҳамин сабаб ҳам муносибати ошиқон то ин дараҷа самимӣ ва амиқ аст. Фақат одамнамоёни асри мо ҳастанд, ки дӯстдорӣ ва муҳаббат гуфта, муносибатҳои дурушти шаҳвонии ҳаррӯзаро унвони ишқу ошиқӣ додаанд. Ишқи ормонӣ ва идеалие, ки мутафаккирони Шарқ нисбат ба Худо дар дил мепарвариданд, ин ишқ дар асл иборат буд аз ҳамон майлу хоҳишҳои фитрии башарӣ, ки бо ҳеҷ ягон роҳи дигар зуҳур кардан наметавонистанд ва дар охир худро ба ин шакли орифона зоҳир намудаанд. Чаро ки Маҳбуби азалии ориф образи ҳамон умри ҷовидонаи динӣ дар он ҷаҳон буд, ки ба воситаи Худо амалӣ мешуд. Онҳо ба ҳар гуна майда-чӯйдаҳои олами моддӣ эътимод карда наметавонистанд. Зеро ақли бузург ва дили дардошнои онҳо наметавонист худро ба он чи ки дар гирду атрофи он ба вуҷуд меомад, бовар кунонад (-С.13). Онҳо баҳсу мунозираро доир ба модда ва дигар масъалаҳои моддигароёна дар шаъни худ лоиқ намедиданд. Зеро модда (материя) аз назари онҳо ҷавҳари паст ва ночиз ба ҳисоб мерафт. Ҳатто камистеъдодтарини онҳо (орифон), ки майли моддигарой зоҳир мекард, аз он ҷиҳат набуд, ки онҳо ҳақиқатан, бо роҳи солим ва дуруст мерафтанд, балки аз он ҷиҳат буд, ки онҳо мисли дигарон қобилияти фикри баландпарвоз надоштанд (-С.14).

## [ЯК САРГУЗАШТ]
## (15 октябри соли 1969)

То ба дараҷаи ҷунун духтареро дӯст доштам ва гумон мекардам, ки олитарин инсони рӯи замин аст. Ва дар баробари ин аз ҳама одамон мешунидам, ки онҳо дӯстдоштаи маро бадфеъл, дағал, густох ва бепарво меномиданд (-С.14). Бо вуҷуди ҳамаи ин, дидаю дониста, ман ӯро дӯст медоштам. Чаро? Ба ин сабаби одӣ, ки гӯё ман ҳамаи орзуҳои шахсии худро дар

шоҳидии вай ба амал мебароварда бошам. Гӯё маҳз вай метавонистааст маҳрами рози ман бошад. Ин ҳодиса дар ҳамон даврае буд, ки ҷиҳати моддӣ ва маънавии зиндагии шахсии ман баробарвазн ва дар як сатҳ қарор дошт. Вале баъдҳо, вақте ки ҷониби маънавӣ бар ҷониби моддӣ афзалият пайдо намуд, ҳама гуна орзуҳои ошиқонаи пешина дар назарам хира ва тира намуданд. Вақтҳои охир ва ҳоло он чизеро, ки ақл талаб мекунад, воқеияти зиндагӣ ва ҷисм иҷро карда наметавонад. Ин ҳолати зиддиятнок на танҳо дар ҳаёти шахсӣ зоҳир мегардад, балки худи ҷомеаро низ фаро мегирад (-С.15).

**[ҲИКМАТИ ИШҚ]**
**(31 октябри 1969)**

Ишқ дар маънои хеле ва хеле амиқ ва дақиқаш падидае шахсӣ ва фардӣ мебошад. Аз ин сабаб аст, ки ҳамаи миллатҳои рӯи замин ҳамеша мақоми ишқро ситоиш намудаанд. Ақл метавонад дигаронро фиреб диҳад, аммо ишқ дар аксар ҳолатҳо соҳиби худро фиреб медиҳад. Аз ҳамаи худфиребиҳои олам, худфиребии ишқ амиқтар ва пурмаънотар аст (-С.16). Шахси ошиқ дар маъное дигар як ҷаҳони алоҳида мебошад. Ақл агар калла (сар)-ро гумроҳ кунад, ишқ тамоми баданро гумроҳ мекунад. Ишқ қоидатан одамонро ба бадбахтӣ расонида, тасодуфан онҳоро хушбахт мегардонад. Вале ин хушбахтии тасодуфӣ аз ҳамаи он бадбахтиҳои қонунманд баландтар ва арзандатар мебошад. Мардум гумроҳиҳои дигарро нисбат ба худ авф намекунанд, ба ҷуз гумроҳии ишқро. Дар ишқ аз ҳақиқат дида худфиребиҳо бештар аст, вале ин худфиребиҳо чунон арзандаанд, ки бо ҳазорон ҳақиқат иваз шуданӣ нестанд.

**[РИСОЛАТИ ИШҚ]**
**(10 ноябри соли 1969)**

Чаро муҳаббат пуриқтидор аст? Ба назари мо ҷавоб ин аст, ки ишқ ҳастии одамро ба куллӣ фаро мегирад. Яъне инсон дар зиндагӣ (ҳар инсоне) аз табиат ва ҷамъият фишорҳои гуногун эҳсос мекунад. Ҳама гуна орзуҳои шахсии ӯ дарҳам шикаста мешаванд. Ва ягона роҳи наҷот аз ин шикастҳои бардавом, муроҷиат ба олами шахсӣ ва ботинии худи ошиқ мебошад (-С.16). Ана дар ҳамин лаҳзаҳо аст, ки муҳаббат ба майдони амал ворид мегардад. Ошиқ дар симои маъшуқ нусхаи дуюми худро

дида, кӯшиш мекунад, ки ба ибораи маъруф “худашро худаш қадрдонӣ намояд!”. Ин охирин шанс ва имкони ошиқ аст, ки худро дар муқобили носозгориҳои рӯзгор ҷасурона дифоъ карда метавонад (-С.16).

### Боби дувоздаҳум

## ФАЛСАФАИ ҶУНУН Ё ҶУНУНИ ФАЛСАФӢ

### (10 декабри 1969, деҳаи Ал-Кадан)

Девори ақидавие, ки мо тифлони навзод ва навсафар даст-даст карда меравем, аз маҷмӯи хиштҳои нисбии фарсуда иборатанд. Ва дар сари ҳар қадам, ки мо даст мерасонем, он хиштҳо меафтанд ва моро ҳаросон мекунанд (-С.17).

Замони мо ҳама гуна ақида ва масъалаҳои динӣ ва дунявиро ба бемаънигӣ баровард ва маҳкум кард. Ва ба ин кор ҳам ҳақ дорад. Ҳамзамонони ман на ба Худо бовар доранду на ба ҳизби худ ва на ба шахсияти хеш. Харобии маънавӣ рӯз то рӯз ба вай [инсони муосир] фишор меоварад. Гӯё ҳақиқати мутлақ ба ӯ дастрас ва муяссар шуда бошад, ки он ҳам аз ин иборат аст: ҳастии мо ҳеҷ маъное надорад. Ба ҷои сидқ, боварӣ ва имонриёкории расмӣ ҳукмфармо гардидааст (-С.17). На аз буданамон шод ҳастему на аз мурданамон афсӯс мехӯрем. Зеро мо на чун шахсият аз дунё меравем, балки чун ҷузъ ва пораи ночизи чизи бутун ва том ҳастем, ки аз рафтани мо ба ин чизи том ва тамом халале ворид намегардад. Ҳама гуна кӯшишу ҷустуҷӯҳои мо дар роҳи ҳақиқат ба он меанҷомад, ки дар дили мо ҳасрати хеле ва хеле амиқро шуълавар мекунад ва мо дар нимароҳи маърифати ҳастӣ, ҳайрону саргардон шуда мемонем. Роҳи мо на ба пеш кушода асту на ба қафо (-С.18). Мо на ба гузашта ҳисобамонро баробар карда метавонему на ба ҳозира ва оянда. Ҳар се тарафро мо фақат фикран сайр мекунем. Ин се ҷиҳат риштаи сардаргумеро мемонад, ки мо як умр овораи ҷустуҷӯи бесамар мебошем. Бояд аз худ пурсид:

-Охир чӣ маъно дорад ин ҷаҳон, бо худии худаш?

-Оё олам маҳз дар ҳамин шаклу намуди ҳозира зоҳир шуданаш лозим буд?

-Агар дар шакли дигаре биояд, ин чӣ маъное хоҳад дошт?

-Агар ҳастии инсон тасодуфи олами вуҷуд бошад, пас ҳастии олами вуҷуд ба кадом тасодуф мансуб аст?

-Агар олам абадист, пас худи абадият чист?

-Абад ва абадият ҷавоб нест, балки бо худии худ савол аст. Саволи асосӣ ва ҷавҳарӣ. Ин саволро бояд пайгирӣ кард!

-Гумроҳиҳои мо одамон аз ҳаракат аст, вале ҷавоби олами ҳастӣ ба он сукуту хомӯшии мутлақи худ аз чӣ иборат аст? [ Ҷаҳони хомӯши аз хирад бегона].

-Худфиребиҳои мо дониш аст ва дониши вижа ва тасвирнопазир аст. Донише беназир ва хос танҳо ба худи мо одамони миранда.

-Ҳама чизро донистан имкон надорад ва агар имкон дошта бошад ҳам, он дониш ба касе лозим нест. Яъне баъди он ки ҳама чиз фаҳмида шуд, онгоҳ саволе ба миён меояд, ки пас, чӣ бояд кард? Наход ки ҳастии олам аз ҳамин иборат бошад? (-С.19) То худи инсон ба абадият нарасад, раванди саволгузорӣ қатъ намегардад.

## [ФАЛСАФАИ ҲАСТӢ ВА ФАЛСАФАИ ИҶТИМОӢ]
### (23 декабри 1969, Ал-Кадан)

Бисёре аз донишмандон, ҳангоме ки ба масъалаҳои фалсафӣ даст мезананд, пеш аз ҳама, онҳоро ҳаёти ҳаррӯзаи ҷамъият ба худ ҷалб мекунад (-С.19). Ҳақиқатан ҳам, фалсафа бе ҷамъият ва бе одамон ба кӣ даркор аст? Албатта, ба ҳеҷ кас! Аз ин ҷиҳат онҳо (донишмандон) кӯшиш мекунанд, ки роҳе ёфта, мардумро аз машаққату азоб наҷот диҳанд. Чуноне ки гуфтем, онҳо ҳақиқатро дар кори хайри мардум ба кор мебаранд.

Вале ба фикри ман дар ин масъала ду ҷиҳати асосӣ вуҷуд дорад, ки агар он ду ҷиҳатро бо ҳам омезем, ба нокомӣ дучор хоҳем шуд:

1. Фалсафаи ҳастӣ ё худ вуҷуди олам новобаста аз одамон ва ҷомеа, бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад.
2. Фалсафаи иҷтимоӣ бояд вобаста ва тобеъи фалсафаи вуҷуд бошад. Ин, албатта, сухани нав нест, вале бояд гуфта шавад. Ба ин маъно, ки бояд ин сухан дорои фаҳмиши нав бошад (-С.19).

Фалсафа аз қадимтарин замон то имрӯз дар шакли омехта бо фалсафаи табиат ва ҷамъият буд ва ҳоло низ чунин аст. Ин ҳам сухани нав нест. Агар касе аз ҳамзамонони ман ин сатрҳоро

хонад (бовар дорам, ки ин сатрҳо ба ҳеҷ кас дастрас нахоҳад шуд), чаро ки ин сатрҳоро ба расми маҳрамона танҳо барои худ навиштаам, бе шакку шубҳа, маро аҳмақ хоҳад хонд. Албатта ҳақ ба ҷониби вай аст. Инро ҳам бояд гуфт, ки на ҳама кас метавонад сазовори чунин унвоне бошад!

**Аввалан:** лозим меояд, ки фалсафаи ҳастиро чунон хунсардона баён кунем, ки гӯё мо худ ба ин ҳастӣ мансуб нестем. Ҳарчанд ки ҳақиқат талх аст, вале онро рӯирост гуфтан афзалтар ва муҳимтар аст, нисбат ба пинҳон доштанаш (-С.19-20). Ҳамаи ин дарҳамбарҳамиҳое, ки дар фалсафаи ҷаҳонӣ ҳукмфармо аст, аз он сабаб буда, ки файласуфони ҳамаи миллатҳо хеле нармдилӣ зоҳир намудаанд. Ман дар назди нармдилӣ ва хайрхоҳии ҳамаи файласуфҳо сари таъзим фуруд меорам. Вале инро ҳам бояд гуфт, ки нармдилӣ набояд риёкорона бошад. Ва набояд аз гумроҳиҳо замина ва сарчашмаи худро пайдо кунад (-С.20).

**Сонияи:** на ин ки ба мисли рӯбоҳ ангури пухтаи ширинро, ки гирифтан натавонист, дурӯғи риёкорона гуфт, ки: "ин ангур турш аст!" Ҳамин тавр, мо одамон низ дар аксар вақтҳо дар фаҳмиш ва шинохти табиат оҷизӣ ва нотавонии худро эҳсос намуда, ба таври огоҳона ва ё нохудогоҳ мегӯем, ки: "олам фаҳмиданашаванда аст" (-С.20-21).

## [ҶУНУНИ ФАЛСАФӢ]
## (5 апрели 1970. Ал-Кадан. Комил Бекзода. Имзо)

Ҷунуни фалсафӣ чист? Ҷунуни фалсафӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи худи фалсафа аст. Вақте ки душман туро дар ҳангоми хоб буданат, ба ҳалокат мерасонад, аз ҷониби ту ягон осори муқовимати ҷисмонӣ ва фикрӣ зоҳир намешавад. Ва агар зоҳир шавад ҳам, ин маънои онро дорад, ки ту дер кардай! Муқобилиятат бенатиҷа аст. Ҳамин тариқ, аксари мардумро табиат дар хоби ғафлат ба ҳалокат мерасонад. Вале шахси бедор ва огоҳ ба қадри имкон илман ва амалан ба муқобили душмани ғаддор ва маккор нақшаи амалиёти худро пешакӣ омода мекунад. Ҳамин тариқ, файласуф ва шахси бедорфикр ба муқобили табиати ҷаббор ва бераҳму шафқат, ки мисли

қаҳрамони мо (яъне файласуф) сари чандин ҳазоронро аз даст додааст, шӯру исён мебардорад ва вай (табиат)-ро фош мекунад. Ва ба муқобили он аслиҳаи моддӣ ва маънавиро омода месозад. Муҳимаш ҳамин ки файласуф таслим намешавад. Ва бо умеди он ки аслиҳаи моддӣ ва маънавии вай дар оянда ин душман (олам)-ро хароб хоҳад кард, ҳатто ҳаёти шахсии худро ҳам дареғ намедорад.

Аммо таслимшудагон (диндорон) дар зери бор ва шиканҷаи табиат ҳаёти худро ба анҷом мерасонанд (-С.22). Чаро ки бедор ва фаъол нестанд. Тарсӯ ва хушбоваранд. Ирода ва ҷасорати фикрӣ надоранд. Пассив ва зоҳидмашрабанд.

-Аслиҳаи моддӣ чист? Аслиҳаи моддӣ, пеш аз ҳама, ақидаи файласуф аст, ки оммаи мардум онро сармашқи кори худ карда, ба муқобили табиат ба по хестаанд. Ин муқовимат ифодаи моддии худро дар инқилобҳои мардумӣ ба муқобили низомҳои мавҷуда, ки таҷассуми ҳукмронии табиат аст, меёбад. Зеро низомҳои мавҷуда, пеш аз он ки одамон оянд ва ба чӣ буданаш фикр кунанд, ба вуҷуд омада буд. Шояд мардумон ин низомҳоро давоми мантиқии ин табиати золим мешумориданд.

-Аслиҳаи маънавӣ чист? Аслиҳаи маънавӣ он аст, ки файласуф дар асоси далелҳои илмӣ, хато ва бемаънӣ будани итоаткориҳои мардумро дар назди олами вуҷуд исбот карда, онҳоро дар оянда ба мубориза бар зидди ин душмани хатарнок бармехезонад. Яъне вобастагии рӯҳии мардумонро, ки аз тарс нисбат ба ин олами даҳшатнок доранд, аз дили онҳо берун мекунад (-С.22).

**[МОҶАРОИ ҲАҚИҚАТҲО]**
**(9 майи соли 1970, деҳаи Ал-Кадан)**

Барои девонагӣ далелҳои басанда вуҷуд дорад. Дар зарбулмасали арабӣ гуфта шудааст, ки: “Ал-айну басиратун вал-яду қасиратун”-яъне: “Ба чашм дастрас аст, вале ба даст оварданаш аз имкон берун мебошад” (-С.23).

Андешаи маҳдуди (мағзи ночизи) одамӣ наметавонад бузургӣ ва азамати олами берунаро бо тамоми ҷузъиёташ фаро гирад ва инъикос кунад. Фикри мо дар як лаҳза тамоми олами ҳастиро сайр менамояд, вале пои мо аз саҳни хонаи тангу тор

берун рафтан наметавонад. Ин аз як тараф аст. Аз тарафи дигар, аҳли олам дар назди ҳақиқат сари таъзим хам мекунад. Аз ин гузашта, дар назди ҳама чиз сари таъзим фуруд овардан, шеваи меросии ғуломонаи қадимии башарият аст. Ҳақиқатҳои то ин вақт ба дастоварда, ҳамчун маъданҳои гаронбаҳое ҳастанд, ки барои коркарди онҳо дар Замини мо корхонаҳои коркарди ин маъданҳо, то ҳол ба вуҷуд оварда нашудааст. Ин маъданҳо ҳоло ҳам дар шакли хом дар анборҳои серхоку чанг гузошта мешаванд. Ҳарчанд ки аз судманд будани онҳо ҳама кас хабар дорад, вале то имрӯз касе аз онҳо фоидае надидааст (-С.23). Ҷустуҷӯи маъданҳои ҳақиқат ҳоло ҳам давом дорад. Ва ҷӯяндагон ҳам, ба умеди оянда машғули коранд.

Музди онҳо танҳо ин аст, ки маъдан ҳосил мекунанд. Ва аз арзиши он танҳо бовар доранду бас. Вале онро дар зиндагии воқеӣ мавриди озмоиш ва санҷиш қарор надодаанд. Вале ҳайҳот!!!

Мардум беҳуда ҳақиқат ҷустуҷӯ кардаанд. Чаро ки олам бо худии худаш ҳақиқат аст. Ҳақиқати воқеъӣ, реалӣ ва объективӣ. Дар олам чизи дурӯғ вуҷуд дошта наметавонад. Вуҷуди ҳақиқат аз ҳама ҷониб моро фаро гирифта аст. Дурӯғ ҳам дар навбати худ ҳақиқат дорад. Дар доираи ҳақиқатҳо чарх мезанад. Яъне: дурӯғи ҳақиқат! (-С.24).

Фақат мо одамон ҳастем, ки ин ҳақиқатҳоро дар забони заминии худ пасопеш (омехта) намуда, якеро бар дигаре афзалият медиҳем. Ин имтиёздиҳиҳо ва афзалиятдиҳиҳо аз табиати ботинӣ ва сиришти ашёҳо бар намеоянд, балки аз табиати инсонии мо сокинони Замин сарчашма мегиранд. Ҳақиқатҳоро ҳеҷ кас намеофарад, онҳо бо худии худ ва мустақилона вуҷуд доранд. Инсонҳо мувофиқи тамоилоти иҷтимоии худ аз олами ҳақиқатҳо барои худ мувофиқашро интихоб мекунанд (-С.24). Аммо дурӯғ аз куҷо пайдо мешавад? Дуруғ аз шикастапораҳои ҳақиқатҳо сохта мешавад. Худи ҳамин андеша, ки дурӯғ аз шикастапораҳои ҳақиқатҳои реалӣ сохта мешавад, бо худии худ ҳақиқат аст. Рӯи дигари ҳақиқат. Ҳақиқате, ки барои мо одамон дар ҳамин лаҳзаи мушаххас зарур ва лозим нест. Дар лаҳзаҳои дигар ин дурӯғ шояд дар либоси ҳақиқати лозим ва зарурӣ ҷилвагар шавад (-С.24). Ин ҳама

бастагӣ дорад ба ҳолат ва вазъи зиндагии башарии мо дар ин олами сангу хишт. Ин олам даъвое надорад. Вале олами одамӣ саропо даъвост...Ҳамин даъвоҳои бе аввалу охири одамӣ, низоми ҳақиқатҳои ҷаҳонро ба ҳам мезанад ва интихоби инсониро пеш мегузорад. Яъне инсон аст, ки арзишҳоро муайян мекунад. Ин арзишҳои инсонӣ ҳақиқатҳои баргузидаи инсоният ба шумор меоянд.

Пас, ҳақиқатҳо аз ду навъ иборатанд:

Якум: ҳақиқатҳои кайҳонӣ.

Дуюм: ҳақиқатҳои инсонӣ. Яъне: ҳақиқатҳои мурда (кайҳонӣ) ва ҳақиқатҳои зинда (инсонӣ).

Мо ҳаводори ҳақиқатҳои зиндаи инсонӣ ҳастем.

**Хулоса:** парастиши ҳақиқат ҳеҷ маъное надорад. Ҳақиқатро ба вуҷуд овардан мумкин нест. Вай бо худии худаш вуҷуд дорад. Дари кушодаро аз нав намекушоянд. Ин кор аз рӯи ақл нест (-С.24).

## ХУЛОСАҲОИ МУХТАСАР

(Ҷумҳурии Арабии Ямани Шимолӣ. Барномаи зироатии минтақаи Сурдуд. Деҳаи Ал-Кадан. Шаҳри Ҳудайда. 18-уми моҳи майи соли 1970 (Имзо). Соати 10 ва 37 дақиқаи шаб).

1.Он чи ки пеш аз навиштани ин хотирот дар дил доштам, бар рӯи дафтар наомад.

2.Гӯё ин 26 саҳифаи дастхати дафтар ба куллӣ ба ман бегонаанд. Ва ба ин хотирот худам ҳам боварӣ надорам. Аммо навишта шудани онҳо ба ман вобаст набуд. Мисли он ки кадом як неру ва илҳоми ботиние маро водор намуд, ки ин сатрҳоро бинависам (-С.25).

3.Афкори умум моро чунон пахш ва ба хок яксон намудааст, ки ҳатто шахс фикрҳои хусусии хешро низ бе олудагӣ аз афкори умум баён карда наметавонад.

4.Навиштани ин “Хотирот” санҷиши аввалин буд, ки мехостам худро имтиҳон кунам: оё ман метавонам бо каллаи худам фикр кунам? Ҷавоб ин аст, ки ман то ҳол барои ба каллаи худ фикр кардан, омода нестам. Вале муҳимаш ҳамин, ки барои бо каллаи худ фикр кардан, гӯё малакаи андаке дар ман вуҷуд доштааст (-С.25).

5.Бо ин навишта мехостам, ки диламро андаке сабук кунам. Ин сатрҳо мансуб ба фаъолияти ақлии ман буданд. Вале он чиро, ки эҳсос мекунам, дар ин дафтар навишта натавонистаам. Чаро ки барои ман аз ҳама муҳим ЭҲСОС аст. Фикр кардан барои ман-ин яъне эҳсос кардан аст (-С.26).

6.Ин “Хотирот” дар беҳтарин ҳолат баёни печида ва дурушти он китобҳоест, ки то ин замон хонда будам. Ва ҳоло ки дар деҳаи ямании Ал-Кадан барои хондан китобе вуҷуд надорад, ин фурсатро ғанимат дониста, ин ёддоштҳоро сабт кардам.

7.Дар ин “Хотирот” аз ақидаҳои шахсии муаллиф ному нишоне нест. Ҳамагӣ такрор ва бозгӯи мавзӯъҳои китобҳое ҳастанд, ки аз ин пеш дар шаҳри Душанбе хонда будам.

8.Дар таърихи 3-юми моҳи июни соли 1970 муддати иқоматам дар Ҷумҳурии Арабии Яман (Ямани Шимолӣ) ба охир мерасад. Ва ба Маскав парвоз хоҳам кард. Ва бо ҳамин ба хотиранависӣ ҳам хотима медиҳам (-С.26).

**Нависандаи ин рисола:** Комил Бекзода, тарҷумони забони арабӣ ва русӣ дар Ҷумҳурии Арабии Яман аст. Шаҳри Ҳудайда, барномаи зироатии муштараки Яман-СССР дар Сурдуд, деҳаи Ал-Кадан. Таърих: 1969-1970-и мелодӣ. Имзо: Комил Бекзода (-С.26).

❋❋❋

**P.S. (Иловаи баъд аз баргардон аз хати форсӣ ба хати кириллик)**

а) дар матни баргардоншуда чизе илова накардаам.

б) калимоти мушкилро дар қавсайн шарҳ додаам. Қавсайни ҳилолшакл: ();

в) калимоти иловашуда бар матнро дар байни қавсайни квадратӣ [ ] ҷой додаам;

г) сабки навишти матни аслӣ пурра нигоҳ дошта шудааст. Ба ҷузъ чанд маврид, ки иборaҳои такрориро мухтасар намудаам;

ғ) таърихи баргардон: субҳи 3-уми моҳи декабри соли 2018, рӯзи душанбе, дар маҳаллаи Меҳробод (Калинини собиқ), кӯчаи Сафарзода Зафар Абдулло, хонаи №3, шаҳри Душанбе.

**Бо иштироки аҳли хонаводаам:**

Нозанин Бекзода-духтарам.

Дидавар Бекзода-писарам.

Зулфонаи Саламшо-оилаи Дидавар.

Зебанда ва Бедор-фарзандони Дидавар.

**Таърихи чопи компютерӣ:**

16 феврали соли 2019, рӯзи шанбе.

Чопи компютерии рисола аз ҷониби Дидавар Бекзода иҷро гардид.

**Намунае чанд аз дастнависҳои рисолаи “Табиати вуҷуд”**


کامل بیک زاده
«کتاب بی نام»
[طبیعت وجود یا خاطرات
مترجم از یمن]
سالهای ۱۹۶۹ – ۱۹۷۰ م
الجمهورية العربية اليمنية – الحديدة – السكدان.
اليمن الشمالية
– ۵ –

**Оғози дафтар**


«کتاب بی نام»
جلد اوّل
یمن – ۱۹۶۹ – ۱۹۷۰ م

**Рӯи муқоваи дафтар**



**Саҳифаи 2**



**Саҳифаи 1**



**Саҳифаи 4**



**Саҳифаи 3**



**Саҳифаи 9**



**Саҳифаи 8**



**Саҳифаи 18**



**Саҳифаи 17**



**Саҳифаи 26**



**Саҳифаи 25**

*(Анҷом)*

*(18 феврали 2019)*

## ФАРҲАНГИ НАВРӮЗӢ ДАР РӮЗГОРИ МИЛЛӢ

**Қодиров ҒИЁСИДДИН**
*ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

# РӮЗИ НАВУ БАЗМИ КУҲАН

Бино ба расми дерин ва таманиёти ширин боз пешвоз мегирем ҷашни наврӯзро, ки оғозин рӯзи сол ва паёмовари зиндагии навин аст. Наврӯзро меситоем, ки бо нафаси сеҳрпардозу тарабангези худ табиати хуфта ва ҷаҳони афсурдаву пажмурдаро ҷони тоза мебахшад. Хуршед бо чеҳраи дилорои худ шодӣ ва хуррамӣ меофаринад. Навои ҷонбахш ва нафаси гарми зиндагӣ ва шодобиву тандурустӣ аз ҳар гӯшаву беша ба гӯш мерасад. Шохаҳои урёни дарахтони сармохӯрда кулоҳи шукуфа ба сар мениҳанд ва ба ҳарсӯ, ки бингарӣ бисоте аз шодиву сурур густурда меёбӣ.

Аҳримани фитнаву кина фирор мекунад ва фариштаи сулҳу оштӣ бол мекушояд, шоирон дар васфи мазоҳири табиат ва ҷилваҳои баҳор ашъори нағзу диловез месароянд ва доди сухан медиҳанд, чунон ки Ҳофизи бузург гуфтааст:

*Нафасе боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,*
*Олами пир дигар бора ҷавон хоҳад шуд.*

Наврӯзро меситоем, ки бо файзу баракати тоза ба диёри мо, ба парваришгоҳи худ рӯ менамояд, муждаи оғози рӯзи наву мавсими киштy кори нав медиҳад, коре, ки хушбахтиву некрӯзӣ меовард. Пас ҳама бо ҳам, даст ба дасти ҳам, ҳамрайъу ҳамзабон кор кунем, то тараққиву шукуфоӣ дар кишвари мо ом гардад ва саъодату некуаҳволӣ азони ҳамагон.

Бо чунин умеду орзуҳои ширин, ки андаки он дар боло оварда шуд, аҷдодони хушзавқи мо ҷашни наврӯзро сохтанд, нигаҳ доштанд ва мо имрӯз ҳам ба ҳамон умеду ормонҳои пешин

онро истиқбол мегирем, ситоиш мекунем ва аз файзи қадами он беҳрӯзиву саъодат металабем.

Ва ситоиш мекунем ниёкони некноми худро, ки зеботарин ҷашни ҳамбастагии инсону табиатро дар дунё офариданд, ҷашни ростиву дурустӣ, ҷашни бе ниқобу бе дурӯғеро, ки баъди гузашти ҳазорсолаҳо инсони дербовару муғамбири муосир, ки ҳар падидаи наву куҳнаи оламу одамро пеш аз қабул дар сад тарозу месанҷад, онро аз ҳар ҷиҳат сарвату мероси умумибашарӣ ёфта, билохира ҷойгоҳи баланду муҳтарами ӯро дар таърихи фарҳанги ҷаҳон қоил шудааст.

Дар синаи фарҳанги пурбори мардуми мо аз ин ҷашни ормоншикан паёмҳои зебое аз гузаштагон ба наслҳои оянда нуҳуфтааст, ки бояд онҳоро ҳамаҷониба омӯхт ва ҳифзу гиромӣ дошт зеро ба андешаи донишмандони муосир «ҷомеаи инсонӣ бидуни фарҳанг вуҷуд надорад ва инсон будан мутародифи фарҳанг доштан аст» (Маҷ. Фарҳанги мардум, №2, соли 6, Кобул, 1362, с. 20).

Илова бар ин, ба назари мо инсон ҳарчанд дар шинохти фарҳанги худ муваффақ бошад дар масъалаи амалии худогоҳӣ ва худшиносӣ низ ба ҳамон андоза комёб аст. Ҷустуҷӯи саргузашти наврӯз моро ба давраҳои офариниши оламу одам мебарад, ба замонаҳое, ки ҷаҳон ҳанӯз ҷавон буду пурасрор ва инсон ҷавонтару бетаҷрибатар. Дар оғӯши табиат мезист ва рӯйдодҳои он дар зиндагонии пурмоҷарои вай сахт таъсир дошт. Мавҷуде буд машғули омӯзиш ва ром кардани табиат ва падидаҳои мармузи он. Пирӯзиҳои андакро бо мушкилоти зиёд аз табиат ба даст меовард. Бе олоишу фидокор, росту росткор ва заҳматкашу ҷавонмард зиндагӣ мекард. Андухта ва таҷрибаҳои худро дар қолаби танги тафаккури маҳдуди худ ҷой медод, бозёфту кашфиётҳои моддиву маънавии хешро номгузорӣ мекард ва фарҳангу тамаддуни ибтидоии худро месохт.

Дар ин ҷараёни ҷаҳоншиносӣ ва таҷрибаомӯзии ҳазорсолаҳо, вақте ки шӯри ҷавонии табиат ва ҷилваҳои ҷонбахши баҳорро дид ва таъсири нафаси гарми зиндагиро дар табиат ва вуҷуди худ эҳсос кард, ба шигифт омад ва аз забони ҳанӯз ноҳамвори хеш зеботарин луғатро баргузида, онро наврӯз номид ва бисёр қиссаҳои дигар.

Аз ин шарҳи ҳоли хаёлангезу афсонагунаи боло, ки мо дар сиришту пайдоиши наврӯз тасаввур кардем, хуб маълум аст, ки

ин ҷашн дар фарҳанг ва зеҳни мардуми мо ба дарозои таърихи башар умр дошта, аз нахустдостонҳои зебои оғозини таърихи фарҳанги мо мебошад. Албатта имрӯз аз он замонаҳои ғайримактуб, ки оғози даврони туфулияти ин ҷашн аст, гувоҳу шоҳиди боэътимоде дар даст нест. Бинобар ин ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки нахустнамоиши он кай ва дар кадом майдони фарҳангии қаламрави васеи наврӯз рӯи саҳна омад ва ё аввалин аҳли наврӯз онро чигуна ва бо кадом тартиб ва расму ойин ҷашн мегирифтанд. Вале дар бораи саргузашту сарнавишти беш аз 2500-солаи вай дар сарчашмаҳои гузашта ва осори пажуҳишгарони муосир маълумоти фаровон ҷамъ омадааст, ки ҳатто зикри танҳо номи он манобеъ худ китоби мустақиле хоҳад шуд. Назар ба чунин шӯҳрати китобӣ ва мардумӣ дар ин баҳси мухтасар чанд саҳнаи дурахшони баргузории ин ҷашн дар замони дудмонҳои муқтадири дунёи қадим – Ҳахоманишиҳо ва Сосониён, ки ба назари мо аҳамияти таърихӣ ва арзиши адабӣ доранд ва нақли як силсила расму ойини наврӯзии ҷорӣ дар баъзе кишварҳои ҳамсоя пешниҳод мегардад, ба умеди он ки хонандагони гиромӣ шояд аз ин миён ҳарфи тозае барои шинохти беҳтари чеҳраи рангоранги наврӯз ва бозофаринии ин намоишномаи ҳунармандона аз базми ҷавонии ҷаҳон ва шодиву ҷавонбахтии инсон пайдо намояд.

Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки ҷашни Наврӯз аз ҳамон ибтидои зуҳур ва расмӣ шудан дар ду шакл таҷлил мегардид, яке наврӯзи хос, яъне наврӯзи ташрифотӣ, бо расму одоби дарборӣ ва дигар наврӯзи омма бо суннатҳои мардумӣ.

Дигар он ки теъдоди рӯзҳои ҷашн собит набуда, зоҳиран вобаста ба шароити ҷорӣ ва завқи фарҳангии мардум ва фармонравоёни онон дар минтақаҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Дар сарчашмаҳо муддати ин ҷашнро се, шаш, ҳафт, сездаҳ то як моҳ навиштаанд. Масалан дар дарбори Оли Бобури Ҳинд наврӯз бист рӯз идома меёфт. Дар вилояти Балхи Афғонистон имрӯз ҳам «ҷашни Сахиҷон ё Гули Сурх», ки ҳам ҷашн аст ва ҳам ид чиҳил рӯз давом мекунад. Зимнан бояд гуфт, ки ин рӯзҳои ҷашн, махсусан шаш рӯзи аввали он аҳамияти бештар дошта ва дар ин рӯзҳо ҳам дарборҳо ва ҳам мардум маросимҳои хоси ҷашнӣ баргузор менамоянд. Аз ин рӯ гурӯҳе панҷ рӯзи аввали ин ҷашнро наврӯзи омма ва бақияро наврӯзи хоса ё наврӯзи бузург номидаанд.

Масалан машҳур аст, ки Курӯши Ҳахоманишӣ (а. VI пеш аз мелод) фатҳи Бобулро дар рӯзи наврӯз ҷашн гирифта буд ва дар кохи Тахти Ҷамшед ҳадяҳои наврӯзии намояндагони миллатҳои тобеи империатории худро мепазируфт. Ин ҳадяҳо, чунонки мегӯянд бештар мева ва ширинӣ буданд, ки ёдгор аз суннати давраест, ки суфраи наврӯзӣ ҳанӯз бо мева ва ширинӣ зинат дода мешуд.

Дар давраи Сосониён низ наврӯз бо шукӯҳ ва тартиби хос таҳлил мегардид. Яке аз суннатҳои ҷолибу некӯи Сосониён, чунон ки дар «Луғатнома»-и Деҳхудо омада ва дигарон низ навиштаанд он буд, ки бисту панҷ рӯз пеш аз наврӯз дар майдони қаср дувоздаҳ сутун аз хишти хом барпо мекарданд ва бо нағмаву суруд дувоздаҳ навъ донаи зироатӣ чун гандум, ҷав, лубиё, нахуд, кунҷид, мош ва ғайра мекоштанд ва дар рӯзи шашуми наврӯз онҳоро канда, ба хушиву хурсандӣ пардохта, бар ин бовар буданд, ки ҳар як аз ин донаҳо, ки накӯтар борвартар рӯяд маҳсули он дар ҳамон сол фаровонтар аст.

Тартиби маросими баргузории наврӯз дар рӯзҳои ҷашн дар ин давра чунин буд: Рӯзи аввали ҷашнро шоҳаншоҳи Сосонӣ барои пазироӣ ва некӯкорӣ ба оммаи мардум ҷудо мекард, рӯзи дувум деҳқононро мепазируфт, рӯзи сеюм рӯзи махсуси сипоҳиён, бузургон ва муъбадон буд, рӯзи чаҳорум наздиконро медид, рӯзи панҷум бо хонаводаи худ менишаст ва рӯзи шашум рӯзи хоси аҳли унс буд, бо онҳо менишаст, ҳадяҳои наврӯзиро аз назар мегузаронид, баъзеҳоро ба дигарон мебахшид ва он чиро ки шоиста медид ба хазина месупурд. Шоирон шеър ва сарояндагон сурудҳои ноб ҳадя мекарданд. Сурудҳо Хусравонӣ, ки мегӯянд қасидаҳое буданд, ки ҳофизон дар базмгоҳи шоҳ, дар мадҳи оташ ва ё пешгоҳи оташ месуруданд, бозмондаи расму ойини он рӯзгорон аст.

Дигар расми қадимии ташрифотӣ, ки «ойини мулуки Аҷам аз гоҳи Кайхусрав то ба рӯзгори Яздиҷурди шаҳриёр, ки охирулмулуки Аҷам буд», ин омадани муъбади муъбадон ва наврӯзӣ овардани вай аст, ки ба тартиби зерин сурат мегирифт: Муъбад бо якдаста сабзаи навруста (хадив) дар дасти чап ва дар дасти рост ҷоми заррини пурмай бо дигар туҳфаҳо онро назди шоҳ мебурд ва «ситоиш намудӣ ва ниёиш кардӣ ӯро ба забони порсӣ ба ибороти эшон». Ин сабзаи навдамида нишонаи сарсабзиву шодобӣ ва баракату тозагӣ ва комкорӣ буд.

Матни ситоишномаи мазкур ба Умари Хайём омадааст, ки дар «Наврӯзнома»-и худ овардааст, агарчи каме тӯлонист, вале аз он ҷо ки яке аз саҳнаҳои қадимии баргузории ҷашни наврӯз буда ва аз нигоҳи адабӣ низ яке аз порчаҳои зебои насри бадеии адабиёти мо мебошад, бинобар ин бо ихтисори ҷузъӣ онро нақл кардем:

«Шаҳо, ҷашни фарвардин ба моҳи фарвардин, озода гузин пури Яздон ва дини Каён. Сурӯш овард туро доноӣ ва биноӣ ба кордонӣ…

Ва шод бош бар тахти заррин ва анӯша хӯр ба ҷоми Ҷамшед ва расми ниёкони дар ҳимат баланд ва некӯкорӣ ва варзиши доду рост нигаҳдор. Сарат сабз бод ва ҷавонӣ чу хавиди аспи комгор ва пирӯз. Ва теғат равшану корӣ бар душманон ва бозат гиро ва хуҷаста ба шикору корат рост чун тир. Ва ҳам кишваре бигир нав, бар тахт бо дираму динор…, сароят ободу зиндагонӣ бисёр.

Чун ин бигуфтӣ чошнӣ кардӣ ва ҷом ба малик додӣ ва хавид дар дасти дигар ниҳодӣ ва динору дирам дар пеши тахти ӯ бинҳодӣ. Ва бад-ин он хостӣ, ки рӯзи нав ва соли нав ҳарчи бузургон аввали дидор чашм бар он афканад, то соли дигар шодмон ва хуррам ба бо он чизҳо дар комронӣ бимонад ва он барояшон муборак гардад, ки хуррамӣ ва ободонии ҷаҳон дар ин чизҳост, ки пеши малик овардандӣ». (Маҷ. Жвандун, №6, соли 3, Кобул, 1363, с.70)

Аз анъаноти дигари ин давра он буд, ки шоҳ бози сафедро парвоз медод ва бо корҳои нек пардохта, гунаҳкоронро бахшиш ва зиндониёнро озод мекард ва худ ба айшу шодӣ мепардохт. Яке аз расмҳои дигари дарбори Сосониён он буд, ки дар ҳар рӯзи наврӯз духтарони ҷавон (душизагон) аз зери осиёбҳо дар кӯзаҳои симин ва нигиннишон барои шоҳ об меоварданд ва ғайра.

Хулоса расму ойини баргузории ҷашни наврӯзи дарборӣ ва муддати он, ба шакли наврӯзи омма ва наврӯзи хоса тақрибан бе тағйир дар дастгоҳҳои наврӯзпарасти асрҳои миёна низ мисли Ғазнавиёну Салҷуқиён ва Оли Бобур ва дигарон идома ёфт.

Дар панҷ рӯзи аввал (наврӯзи омма) барпо мегардид. Дар чунин рӯз ҳоҷатҳо раво мешуд, ҳар навъ инъом ва эҳсон, ҳадяву тӯҳфа ба ҳамагон ва ба ҳашаму лашкар ато мегардид. Рӯзи шашум, оғози Наврӯзи бузург ё хоса мебуд. Дар чунин рӯзе амирон ва бузургон бо надимон ва аҳли унс хилват мекарданд ва ба айшу тараб, шодӣ ва бодагусорӣ мепардохтанд. Оҳангҳои

дилнишини мусиқӣ ва нағмаҳои хоси наврӯзӣ навохта мешуд, ба вижа навои «Наврӯзи бузург», ки ҳанӯз ҳам дар Тоҷикистони мо зиндааст. Манучеҳрӣ ин оҳангро бо ҳамон ном ёд кардааст:

*Наврӯзи Бузургам бизан, эй мутриб имрӯз,*
*Зеро, ки бувад навбати Наврӯз ба наврӯз.*

Суннату анъаноти бешумори Наврӯзи мардумӣ ва шарҳи рамзу маънои онҳо мавзӯи ҷолиб ва ниҳоят васеъ буда, ҳар кадом таҳқиқи бисёр мехоҳад. Ин расму одоб, ки гоҳе ба манзурии баракатҷӯӣ ва фоли нек, замоне барои хайру шугун ва дафъи захми чашм падид омадаанд, дар байни мардумони кишварҳои гуногуни аҳли наврӯз ба тарзу шеваҳои мухталиф барпо мегарданд.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ҷашни наврӯз аз назари мазмуну муҳтаво аз ҳама ҷашну маросимҳои дигари фарҳангии мо тамомтар буда, ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти инсонро фаро мегирад. Вай ягона ҷашнест, ки дорои нишона ва рамзи хоси худ, ки эҳёи табиат ва таҷдиди зиндагӣ аст, дар шакли рӯиши сабза ё сабзаи навдамида буда ва аз ҷиҳати тартиби баргузорӣ ҳам аз марҳилаҳои гуногун иборат аст. Марҳилаи аввал – марҳилаи омодагӣ, ки хеле пеш аз фаро расидани ҷашн аст оғоз шуда дар он корҳои зерин анҷом мегирад: тар кардан ё хобондани донаҳои гандум барои таҳияи сабзаи нав (суманаки машҳур); поку сафо кардани муҳити зист, ҳавлиҳо ва хонаҳо, ки дар баъзе ҷойҳо онро «хонатаконӣ» ҳам мегӯянд. Зарфҳо ва асбобу анҷоми мисӣ ва филизӣ тоза ва сафед карда мешуд, либосҳои нав дӯхта ва таҳия мегардид, зарфу дигар чизҳои куҳнаву фарсударо мепартофтанд ва амсоли он. Ба ақидаи гузаштагон наврӯз ҳар сол ранги худро дигар мекунад. Бинобар ин мунаҷҷимон пештар ранги наврӯзи солро муайян мекарданд ва ин ранг дар ороиши хонаҳо, либосҳо ва ғайра ҳамон сол имтиёз дошт. Бинобар ин мардум, албатта то ҷои имкон, кӯшиш мекарданд, ки ин расмро риоя кунанд.

Суннати дигари пеш аз наврӯзӣ дар ин марҳила оташфурӯзии охири сол (чоршанбеохири мо) ва ҷаҳиш аз болои он бо суханони «зардии ман аз ту, сурхии ту аз ман» аст, ки ба таманои супоридани ғамҳо ва зардиҳо ба оташ ва гирифтани сурхӣ ва сурхрӯӣ аз он сурат мегирад.

Наврӯзро баъзеҳо ойинаи сулҳу сафо ва дӯстиву муҳаббат низ меноманд, зеро ба истиқболи он дар баробари тозаву покизагии хонаву муҳити зист тану ҷонро низ бояд поку сафо сохт. Аз ин рӯ, бо обҳои пок ғусл мекунанд, ки гӯё аз суннатҳои Ҷамшед аст ва бино ба расми ниёкон ғубори кудуратҳоро аз ойинаи дил зудуда ва хонаи ҷонро ҷойгоҳи муҳаббат ва покизагӣ мегардонанд, дар шӯои оштӣ ва дӯстӣ дӯстона ба сӯи зиндагии навин, ба сӯи хушбахтӣ ва саъодату ҳамкорӣ қадам бар медоранд.

Дар байни як ҷамъияти калони аҳли наврӯз умумият дорад, ки як шаб пеш аз наврӯз ҳафт навъ мева (бисёр вақт беш аз ҳафт мева аст), аз қабили зардолу, кишмиши сурх, кишмиши сабз, шакарбора, чормағз, писта, донагиҳо ва монанди он баъд аз шустушӯи дақиқ тар мекунанд ва субҳи рӯзи наврӯз байни оила ва ҳамсояҳо тақсим мекунанд. Меваи таркарда, ба ақидаи онҳо шугуни тозагии ҳама чизҳост. Анъанаи дигар дар баъзе минтақаҳо ба истилоҳ наврӯзнишин пайравони зиёд дорад, пухтани кулчаи наврӯзӣ ва тақсими он дар миёни наздикон аст, ки он боиси зиёд шудани ризқу рӯзӣ мегардад. Куштани мурғ дар шаби наврӯз дар Кашмир расм аст, ки мурғ албатта бояд сафед бошад, дар миёни баъзе қавмҳо аз маросимҳоест, ки рамзи он сафедбахтӣ ва саъодатмандии аъзои оила аст дар соли нав. Дар назди ин ҷамъият пухтани кулча ва куштану пухтани мурғ як назри мушаххас ба шумор меравад.

Марҳилаи дигар ин интизорӣ ва таҷлили ҷашн аст. Пеш аз вуруди ҷашн дар баъзе ҷойҳо хӯрокҳои махсус аз гиёҳҳо мепазанд, вале расми маъмул ин чидани суфраи «ҳафт син» аст. Нисбати имтиёзи адади ҳафт бор дигар рақамҳо нақлҳо гуногунанд. Баъзеҳо тахмин кардаанд, ки сабаби интихоби адади ҳафт, ки аз қадим мавриди таваҷҷӯҳи ҳама будааст, шояд шинохти ҳафт ситора (ҳафтдодарон) ва ё ҳафт ранги табиат бошад. Гурӯҳи дигар мегӯянд, ки он теъдоди фариштагони муқарраб ва ҷовидон аз кеши зардуштист.

Дар мавриди маводи дастархони ҳафт син ҳам ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Баъзеҳо мегӯянд, ки суфраи наврӯзӣ дар қадим аз мева, сабза ва ширинӣ иборат буд. Иддае навиштаанд, ки суфраи наврӯзӣ дар аҳди пешин суфраи «панҷ шин» буд, ки дар шабҳои наврӯз фароҳам мешуд.

Бархилофи ҳафт син ё ҳафт шин, масалан имрӯзҳо дар Ҳиндустон дастархони наврӯзӣ бо ҳафт навъ мева ва ҳафт хел сабзӣ (кабудӣ) оро дода мешавад.

Дар ҳар сурат имрӯзҳо суфраи маъмулии ҳафтсин тақрибан аз маводи зерин иборат аст: суманак, санҷид, себ, сир, сирко, сабзӣ, сипанд. Қоидаи мушаххасу ҳатмие дар тартиби дастархони наврӯзӣ мавҷуд нест. Агар яке аз маводи боло пайдо нашавад, аз наботот, донагиҳо ё ҳафт навъи мева истифода мешавад. Илова бар ин дар суфра маводи дигар низ чида мешавад, ки ҳар кадом рамзи хоси худро дорад. Масалан сабзаи дамида нишонаи покӣ, хуррамӣ, борварӣ ва фаровонӣ, ширинӣ рамзи ширинкомӣ ва ҳам хотираест аз Ҷамшед, чорумин шоҳи пешдодӣ, ки ӯ нахустин касест, найшакарро шинохт ва истифода кард. Тухми мурғ нишонаи пайдоиши ҳаёт, баракат ва ҳам дуркунандаи чашми баду бадхоҳон, сир ба хотири хислати доругиаш, оина рамзи софӣ, покӣ ва равшанӣ. Панир, як коса асал ва дуғ, сика ва Қуръони пок низ дар суфра гузошта мешавад. Сипас аҳли хонавода, бино ба расми қадими ориёҳо, ки ҷашни рӯзи навро ба покӣ пешвоз мегирифтанд, поку покиза даромади соли навро интизор мешаванд. Даромади соли нав хоҳ рӯз бошад хоҳ ҳар вақти шаб ҳама бедор менишинанд ва чароғҳо бояд равшан бошад. Дар баъзе маҳалҳо расм аст, ки ши ё ширбиринҷ дар болои оташ биҷӯшад. Баъди воруди соли нав, пеш аз хӯрдани хӯрок ҳар як аз аъзои оила як ангушт асал ё дуғ мехӯранд, то оне ки мизоҷи онҳо то хатми сол муътадил бимонад. Дар байни баъзе аҳли наврӯз расм аст, ки дар рӯи суфраи наврӯзӣ ба теъдоди аъзои оила шамъ равшан мекунанд ва онҳо бояд то хатми маросим хомӯш нашаванд, зеро ақида доранд, ки агар шамъе хомӯш шавад, умри яке аз аъзои оила кутоҳ хоҳад шуд.

Баъди иваз шудани сол мардум мекӯшанд ба чеҳраи зебо бингаранд, то тамоми сол ҷаҳон дар назарашон зебо ҷилвагар шавад. Бачаҳо дастҳои падару модарро мебӯсанд. Модар бошад ба даҳани онҳо ширинӣ мениҳад, то ки онҳо то охири сол ширину ширинком бошанд. Падар дар навбати худ чанд сика (танга) ба унвони мояи киса ба онҳо медиҳад. Дар Афғонистон ҳанӯз ҳам таронаҳое аз забони бачагон дар ин бора мавҷуд аст.

Марҳилаи дигар субҳи рӯзи ҷашн оғоз мешавад. Субҳи авали наврӯз ҳама кӯшиш мекунанд, ки барвақт аз хоб бархезанд ва

бовар доранд, ки бо саҳархезӣ дар ҳама сол комраво хоҳанд буд. Либосҳои наву тоза мепӯшанд ва пеш аз гап задан бо ҳамдигар ширинӣ ва асал мехӯранд, то комашон ширин шавад ва тамоми сол сухани талх аз даҳанашон берун наояд. Ҳамчунин дар байни як ҷамъияти аҳли наврӯз расм аст, субҳи аввали наврӯз нахуст рӯйи касеро бинанд, ки хуҷастатолеъ ва хушқадам бошад, то солашон то охир дар хушӣ ва хушбахтӣ гузарад.

Яке аз расмҳои қадимӣ он буд, ки дар бомдоди рӯзи наврӯз мардум ба якдигар об мепошиданд, чунонки дар васфи он муаллифи ношинохтаи «Таърихи манзуми шоҳ Аббос» гуфтааст:

*Чу ҳар сол рӯзи нахустини меҳр,*
*Барафрӯзад аз харчанг чеҳр,*
*Бувад обпошон ба расми Аҷам,*
*Ки Кисро шугун карда будасту Ҷам.*

Ин расм мегӯянд то давраҳои охир идома доштааст.

Яке аз суннатҳое, ки бисёр ом аст ва пайравони зиёд дорад ин фиристодани наврӯзии дилдодаҳо ба дилдори хеш аст. Ин наврӯзӣ тӯҳфаест пӯшиданӣ ва хӯрданӣ, ки аз тарафи оилаи домодшаванда ба хонаи арӯс ё худи номзад фиристода мешавад. Он иборат аст аз як даста либоси нави мукаммал, кулча, меваи таркарда, як миқдор моҳӣ, то он ки арӯс бо он мубоҳот кунад ва дар байни дугонаҳояш бинозад.

Пас аз анҷоми ин ва бисёр расму одоби дигари ҷашнӣ, дар субҳи авали наврӯз мардум аз хонаҳо берун шуда, ба боғу бӯстонҳо мерафтанд ва саъй мекарданд, ки бо пойи луч дар рӯи сабзазор гардиш кунанд. Ин расмро «сабзакӯбӣ» ё «сабзалагадкунӣ» мегӯянд, ки ҳанӯз ҳам дар баъзе бисёр минтақаҳо ва дар байни мардуми зиёд маъмулу машҳур аст.

Чунинанд як силсила расму одоб ва ойину анъаноти наврӯзии мардумони гуногуни ҳамсоя, ки мо дар осори донишмандон пайдо намуда, барои маълумот пешкаши хонандагони гиромӣ намудем.

**Давлиёрова САФАРГУЛ**
*ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## НАВРӮЗИ ФАРХУНДАПАЙ - КУҲАНБУНЁДУ ҲАМЕШАҶАВОН

Истиқлолияти давлатӣ - ин саодати ҷовидона, ки дар масири ҳазорсолаи таърих ба насли имрӯзаи тоҷикон насиб гардид, ба таҷлили пуршукӯҳу азамати хоси иди муқаддаси ниёгонамон - Наврӯзи оламафрӯз, Наврӯзи ормонҳои навин - шароити мусоид фароҳам овард. Мо бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расем, шукрона кунем ва аз истиқлолияти давлати хеш чун бахти безаволи миллат ифтихор дошта бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварест, ки ташаббускори ҷаҳонишавии Наврӯзи байналмилалӣ мебошад. Бо заҳмату талош ва ташаббуси бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ин иқдом амалӣ гардид. Наврӯзи фархундапайи ормону орзуҳо ва куҳанбунёд аз нав бо тобишҳои рангини тоҷикона эҳё гардид, ки бо шаҳомати ба Наврӯз хос ҳар сол дар дили кишварамон Тоҷикистон таҷлил мегардад.

Дар баробари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамҷавор низ ин иди байналмилалӣ ба таври расмӣ пуртантана ҷашн гирифта мешавад. Дар доираи ин иди бошукӯҳ ташкилгардидани чорабиниҳои рангини идона аз анъанаҳои бостонӣ, аз фарҳанги ғании моддиву маънавии аҷдодонамон ба ҳисоб меравад.

Ба ифтихори ин ҷашни байналмилалӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе баргузор гардидани Симпозиуми байналмилалииилмӣ бахшида ба Наврӯз ва мақоми он, ки рӯзи 19 - уми марти соли 2016 дар доираи Ҳамоиши байналмилалии адибони кишварҳои ҳавзаи Наврӯз доир гардида

буд, яке аз чорабиниҳои бузург ва муҳим дар ин самт ба шумор меравад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки Наврӯзи соли 2016 ба 25-мин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рост омад ва ин Симпозиуми байналмилалии илмиро Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯш дошт, ки он дар сатҳи баланду олӣ гузаронидашуд. Мақолаҳои олимону муқаққиқон дар маҷмӯаҳои зерин таҳти унвони “Суннатҳои фарҳангии наврӯз ва замони муосир”, “Масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи таърих ва фалсафаи наврӯз” ва “Бозтоби масоили наврӯз дар адабиёт”нашр гардиданд. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки“... имрӯз аз файзу баракати Истиқлол Тоҷикистон аз нав ватани Наврӯз гаштааст. Зеро фазилатҳои фарҳанги наврӯз эҳё гардида, такмил меёбад ва бо шукуҳу таровати тоза ҷашн гирифта мешавад.”[1]

*Базми гул дар чамани Наврӯз аст*
*Даври ғулғулфикани Нарӯз аст,*
*То ба гардун сухани Наврӯз аст,*
*Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.*

Ҳамасола бо ташаббуси Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Раёсат ва сохторҳои зертобеъи он чорабиниҳои илмию фароғатӣ, семинару конфронсҳои илмӣ, маҳфилҳои шеъру суруд барпо мегардад, ки он бо тамоми тобишҳои миллии худ ҷашн гирифта мешавад. Дар ин чорабиниҳо олимону муҳаққиқон, аспирантону магистрантон оид ба пайдоиши Наврӯзи оламафрӯз, дар бораи ҷаҳонӣ шудани Наврӯзи бостонӣ бо мақолаҳои илмӣ баромад намуда, ҳамзамон намоиши ҳунарҳои миллии тоҷикӣ, тарзи омода намудани таомҳои қадимаи мардуми тоҷикро, ки тайи солҳои тӯлонӣ бо сабабҳои гуногун аз ёдҳо рафта буд, омода менамоянд.

Бешубҳа, эҳёи чунин ҷашнвораҳою чорабиниҳо дар ташаккулу рушди ҳисси миллӣ, худшиносию худогоҳии наврасону ҷавонон ва мардуми сарбаланди тоҷик нақши босазои хешро мегузорад.Чунонки дар маҷмӯаи “Суханҳои ҳикматомӯзи

---

[1]Ҳафт суфраи Наврӯз: Суфраи аввал. Душанбе, “Эр-граф”, саҳ.18.

Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон”омадааст: “Аҷнабиёне, ки дар давру замонҳои гуногун ба сарзамини ҳамешабаҳор ва ободи ниёгонамон ҳуҷум мекарданд, натавонистанд суннату ойинҳои аҷдодии моро маҳв кунанд. Баръакс, фарҳанги қадимаву расму ойинҳои инсонпарваронаи мо онҳоро бо гузашти айём асири хеш мегардонданд. Гузашта аз ин, бисёр аҷнабиён Наврӯзро, ҳамчун ҷашни бузургу бошукӯҳ, ба диёри худ бурданд ва аз арзишҳои маънавию фарҳангии халқи мо дарси ҳикмат омӯхтанд.[2]”

Чун манзури мо роҷеъ ба наврӯзи фархундапайю куҳанбунёду ҳамешаҷавон мебошад, бояд гуфт, ки: “... дар байни ҷашнҳои бостонӣ, ба вежа се ҷашни асосӣ - Сада, Наврӯз ва Меҳргон - ҷашни Наврӯз табиитарин, мардумитарин ва дунявитарин ҷашн буду ҳаст ва ба ин хотир то кунун дар байни мардум ҳамоно зиндааст[3]**”.**

Бори дигар зикр намудан ба мавриду боиси ифтихор аст, ки 23 - юми феврали соли 2010 дар 64 -умин Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид, ки барои мо мардуми шарифи тоҷик боиси сарфарозист, зеро:

**Наврӯз Фархундапай аст:** Яъне неккадам, ба хосияту ҳуҷистапай аст.

**Наврӯз Куҳанбунёд аст:** Чунки аз умқи таърих сарчашма мегирад.

**Наврӯз Ҳамешаҷавон аст:** Яъне пирест ҳамешаҷавон, ки қадами муборакиӮро чун тифлаки навзоди деринтизор мунтазирем. Биё Наврӯз!

**Сайри таърихӣ.** Маънои луғавии Наврӯз ин - рӯзи нав, рӯзи нахустини соли нав ва рӯзест, ки оғози соли нав мебошад. Абурайҳони Берунӣ дар “Осору - л - боқия”аз забони Алӣ ибни Яҳё нигошта аст, ки “Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазирест” ва ҳамзамон дар “Ат-тафҳим” ном асари хеш овардааст, ки “нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат

[2]Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2017.
[3] Суннатҳои фарҳангии наврӯз ва замони муосир. Душанбе - 2016, саҳ. 56.

рӯзи нав карданд, зеро ки нишони соли нав аст". Дар "Шоҳнома"- и Фирдавсӣ, "Осору - л - боқия"- и Берунӣ, "Наврӯзнома" - и Хайём низ шоҳ Ҷамшед ё Каюмарс ҳамчун поягузори Наврӯз машҳур гардидаанд. Иди Наврӯз ин эҳёи табиат буда, пас аз зимистони қаҳратун инсон руҳан ва ҷисман аз олудагиҳои ин фасл орӣ гашта, дар ин рӯзи муқаддас ҳатман гуноҳҳои якдигарро бахшида, ранҷу дарду ғами деринаи худро ба боди фаромушӣ медиҳанд.

**Чанде аз таронаҳои мардумии наврӯзӣ:**

*****

*Наврӯз расиду шоду хуррам гаштем,*
*Аз рафтани барф ҷумла беғам гаштем.*
*Дидему чашидем ба сад меҳнату ғам,*
*Охир ба гули баҳор ҳамдам гаштем.*

*****

*Фасли Наврӯз гашт саҳро лолазор,*
*Занги дилро мебарад бӯи баҳор.*
*Булбулон андар хурӯшанд дар чаман,*
*Кӯдакон андар тамошо, беқарор.*

*****

*Рӯзи Наврӯз аст, олам сабззазор,*
*Занги дилро мебарад бӯи баҳор.*
*Эй падар, бархезу наврӯзӣ биёр,*
*То туро раҳмат кунад Парвардигор.*

*****

*Наврӯз шуду ман шодам,*
*Аз банди ғам озодам.*
*Як ҷомаву як салла,*
*Наврӯзии устодам.*

*****

*Манам деҳқон, замин кошонаи ман,*
*Миёни дашту саҳро хонаи ман.*
*Чароғон мекунам дашту даманро,*
*Ба ҳар маҳфил бувад афсонаи ман.*

*****

*Чаман аз сабза чун дарёст, дарё,*

*Биёбон сар ба сар рӯъёст, рӯъё.*
*Садои кабк печида ба ҳар кӯҳ,*
*Ки инак зиндагӣ зебост, зебо.*

*****

***Баҳори нав муборак бод!***

*Баҳор аз фазл довар шуд,*
*Гули гулшан мунаввар шуд,*
*Ки саҳро нуқраву зар шуд,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Гули зардак, гули заргӯш,*
*Миёни сабза мезанад ҷӯш.*
*Бинол, эй булбули хомӯш,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Гули зардак, ки берун шуд,*
*Ҳама олам дигаргун шуд.*
*Миёни ғунча пурхун шуд,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Биё, эй модари пирам,*
*Бидеҳ ту себу анҷирам.*
*Ба рӯзи ҳашр дас(т) гирам,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Муборак бод наврӯзат,*
*Падар, иди дилафрӯзат.*
*Шавад Наврӯз ҳар рӯзат,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Дар ин айёми наврӯзӣ,*
*Ҳама кас ғарқи фирӯзӣ.*
*Махӯр, эй дил, ғами рӯзӣ,*
*Баҳори нав муборак бод!*

**Адабиёт**

1. Бозтоби масоили наврӯз дар адабиёт. Душанбе, 2016
2. Ғаффорӣ В. Оила такягоҳи давлат аст. Душанбе. “Эҷод”, 2007
3. Масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи таърих ва фалсафаи наврӯз. Душанбе, 2016
4. Наврӯз: Дирӯз, имрӯз ва фардо. Душанбе, 2013
5. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2017.
6.Суннатҳои фарҳангии наврӯз ва замони муосир. Душанбе, 2016
7. Ҳафт суфраи Наврӯз.Суфраи аввал.(маҷмӯи ашъор ва тасвирҳо). Душанбе, “Эр - граф”,  2014.

Бежан Арзонии Биркони̅

# ОЙИНИ НАВРӮЗ ВА ЭЪТИБОРИ ҶАҲОНӢ



Одоб ва русум ва боварҳои динӣ ва фарҳангии ҳар миллате ганҷинаи ҳувияти он миллат аст. Ҳаким Умари Хайём дар "Наврӯзнома"-и худ дар бораи ин ҷашн менависад: "Сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки Офтоб дар ҳар 365 шабонарӯз ва чоряке ба аввали дақиқаи ҳамал боз ояд: "Баробар шудани рӯз ва шаб дар аввали фарвардинмоҳ" ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, "Наврӯз" ном ниҳод ва ҷашни ойин овард ва пас аз он аксари подшоҳони эронӣ ва мардумон ба ӯ пайравӣ карданд ва оламиёнро хабар доданд, то ҳамагон онро бидонанд ва он таърихро нигоҳ доранд ва гуфтаанд, ки он рӯзест, ки Ҷамшед ва эрониёни бостон бар ин бовар буданд, ки яке аз беҳтарин сарзаминҳое, ки Худованд халқ карда, сарзамини Эрон аст. Пас ба шукронаи ин неъмати бузург ва борварии он иқдом ба ситоиш ва таҷлил аз Парвардигори худ дар қолабе ҷашн мекарданд, ки намунаи намоёни он ҷашни ҷовидонаи Наврӯз аст.

Зоиши табиат ва ҳаёти дубораи Замин, ки манбаъи тафаккури фанонопазирӣ ва майлу эътиқод ба ҷовидонагии Инсон буд, боиси пайванди ҷашни Наврӯз бо боварҳои динии эрониён гардид. Дар оёти зиёде дар Қуръони карим низ аз мурда ва зинда шудани табиат ба унвони намунае аз ҳайёти пас аз марг

ва растохези инсонҳо ёд мешавад. Дар бовари эрониёни бостон чанд рӯз монда ба поёни сол рӯҳи мурдагон ва аҷдодони онҳо барои зиёрат ва дидори бозмондагон ба Замин хоҳанд омад, то аз Худованди мутаъол дар соли ҷадид барои некбахтӣ ва саодати онҳо дуъо кунанд, аз ин рӯ бозмондагон ба тоза кардани маҳалли зиндагӣ ва атрофи он мепардозанд. Либоси нав мепӯшанд ва ба атрогин кардани хонаи худ мепардозанд ва бо ҷашну сурур ба истиқболи рӯҳи аҷдодони худ мераванд, то хушнудии меҳмонони гиромӣ, фароҳам гардад.

Ойини Наврӯз метавонад забони ҳамдилӣ ва ҳамбоварии миллатҳо бошад. Ин забони ҳамдилӣ боиси густурдагии Наврӯз аз нимчазираи Ҳинд то Осиёи Миёна ва аз Афғонистон то Туркия, Ироқ, Миср ва дар баъзе дигар аз гӯшаҳои дунё гардидааст, бар ин асос метавон Наврӯзро "ҷашни миллатҳо" номид.

Наврӯз метавонад ҳамбастагии минтақаеро барои Эрон ба армуғон оварад. Он чи ойини Наврӯзро аз дигар идҳо фарқ мебахшад, пайёми Ҷамшеди Ҷам ва аз даъвати вай ҳувайдост. Ин подшоҳ, миллатҳоро қатъи назар аз нажод, ранг, қабила, дин ва мазҳаб ба ин ҷашн фаро мехонд. Вай дар даъвати худ номе аз қавм ва нажод ва дини хосе намебурд. Сухан аз ин нест, ки Наврӯз мутааллиқ ба ман, қавми ман ва Худои ман аст, зеро нафс ва моҳияти Наврӯз такя бар гуногунандешӣ (плюрализм) муросо ва ҳамдигарфаҳмӣ дорад. Нигоҳи Наврӯз нигоҳи баробарӣ аст. Бар ин асос метавон гуфт: "Наврӯз аввалин тафаккур ва идеяи гуфтугӯи тамаддунҳо, қавмҳо ва динҳо дар ҷаҳон аст".

Гуногунии қавмҳо ва бисёрии қавмҳои Эрон нишон аз боварҳо ва ақидаҳои мухталифи онон дорад. Он чи ин гуногунӣ дар ин густурда пайванд задааст, ойини Наврӯз аст. Ойини Наврӯз нуқтаи мулоқот ва сиҳати иштироки қавмҳои гуногун ва абзори "Ваҳдати миллии эрониён" дар тӯли асрҳои гузашта будааст. Ин ойин ба ҳамдигарфаҳмии миёни қавмҳо ва миллатҳо кӯмак мекунад. Наврӯз яъне дур кардани кина ва ҳасад ва тавлидкунандаи меҳр ва хирад аст. Наврӯз мубориза бо палидӣ ҷиҳати иҷрои адолат аст. Дар зот ва ҷавҳари ойини Наврӯз ва ҳадафи он Сулҳ ва Оштӣ миёни миллатҳост ва бад - ин гуна

ҳаммонанди "Сулҳбони" ҷомеаи ҷаҳонӣ амал мекунад ва ин худ хабар аз омодагии лозим барои оламгир буданаш медиҳад ва ин натиҷае аз фурӯғи андеша ва биниши ин ойин аст.

Ойини Наврӯз пайванди мо ба решаҳои гузаштаамон аст. Дар раҳгузари таърих ҳеч ҷашнеро наметавон суроғ гирифт, ки вижагиҳои Наврӯзро дошта бошад. Наврӯз дар зоти худ се асл ва коркарди муҳим дорад ва он шодмонӣ, ободонӣ ва озодӣ аст, ки ҳамвора (доимо) бо ҷиноят, палидӣ ва вайронгарӣ дар ситез ва мубориза аст.

Наврӯз таҷаллибахштарин сафиру намояндаи фарҳангии эрониён дар тӯли рӯзгорони таърих будааст. Наврӯз гаронмоятарин ва таъсирбахштарин ҳувияти фарҳанг ва тамаддуне ба ҷой монда бар саҳифаҳои таърихи эронзамин аст ва ҳиссу ҳалқаи таaллуқи қавмҳои он ба ин сарзамини Аҳурой мебошад. Ин ойин рисолати бузургеро бар дӯши фарди эрониён ҷиҳати ҳифз ва густариш ва интиқоли ин амонати таърихӣ ва санади ҳувиятӣ ба наслҳои баъдӣ гузоштааст.

**Манбаъ: Маҷаллаи "Фурӯҳар" №1, соли 1387 баробар ба соли 2008 мелодӣ.**

**Баргардон аз хатти форсӣ: равоншинос Дидавар Бекзода**

# ИҚТИСОДИ ВАТАНӢ ВА РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ

**Фарҳод Шокиров**
*номзади илмҳои физикаю математика*

## НАҚШИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР САНОАТИКУНОНӢ

Мувофиқи маълумоти оморҳои расмӣ (Форбс, Интербранд ва ғ.) дар интиҳои даҳсолаи дуюми асри XXI дороӣ ва нуфузи ширкатҳои алоқаманд ба коркарди иттилоот нисбатан бештар рушд ёфтаанд. Масалан дар сомонаи маҷаллаи молиявӣ-иқтисодии Форбс – www.forbes.com барои соли 2018 рейтинги 100 брендҳои гаронбаҳотарини ҷаҳон оварда шудааст ва дар он 5 ҷойи аввалро ширкатҳои Apple, Google (Alphabet), Microsoft, Facebook ва Amazon ишғол менамоянд.

Дар ин қатор, мувофиқи оморҳои расмӣ, арзиши ширкати Apple беш аз 1 триллион доллари ИМА буда, самтҳои асосии фаъолияти он электроника ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Самти фаъолияти ширкати Google бошад, дар вақти таъсисёбии он (1998) эълон шудааст – «Ташкили иттилооти ҷаҳонӣ, таъмин намудани дастрас ва муфид будани он барои ҳама». Сармояи ширкати мазкур мувофиқи ахборотҳои расмӣ дар вақти таъсисёбӣ то 1 миллион доллари ИМА буда, ҳоло арзиши ширкат беш аз 860 миллиард доллари ИМА (2018) мебошад. Самти фаъолияти асосии ширкати Microsoft низ асосан зеҳнӣ буда, ба кор карда баромадани таъминоти барномавӣ нигаронида шудааст ва арзиши ширкати мазкур дар соли гузашта беш аз 850 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод. Арзиши шабакаи иҷтимоии Facebook бошад мувофиқи оморҳои расмӣ дар соли гузашта беш аз 500 миллиард доллари ИМА-ро ташкил додааст. Дар ин қатор яке аз Интернет-хадамотҳои аввалин оид ба фурӯши маҳсулотҳои талаботи оммавии Amazon дороии худро дар соли 2018 то ба 950 миллиард доллари ИМА расонидааст.

Албатта, маълумотҳои омории гуногун мавҷуд ҳастанд ва шояд иттилооти дар боло овардашуда дар ҳар яке аз онҳо то ин ё он андоза тағйир ёбад ё саҳеҳтару дақиқтар бошад. Вале бо вуҷуди он, хулосаи умумӣ ягона аст: ҳоло яке аз соҳаҳои фаъолияти инсон, ки самараи бештар дошта, муваффақтарин ба ҳисоб меравад, агар ба таври умумӣ баён намоем – коркарди иттилоот мебошад.

Аз 5 ширкати дар боло овардашуда фаъолияти ширкати Apple ғайр аз кор карда баромадани таъминоти барномавӣ (яъне фаъолияти пурра зеҳнӣ) ҳамчунин ба истеҳсоли таҷҳизотҳои гуногуни электронӣ (компютер, телефон ва ғ.) равона гардидааст. Тиҷорати ширкати Amazon бошад, гарчанде тариқи шабакаи Интернет амалӣ мегардад, моҳияти фаъолияти он на танҳо коркарди иттилоотро дар бар мегирад. Бинобар он, ба мақсади возеҳу равшан баррасӣ намудани самараи рушди сатҳи иттилоотонӣ ҳамчун меҳнати пурра зеҳнӣ, таҳлил намудани мазмуни муваффақияти 3 ширкати боқимонда муфид ба назар мерасад.

Барои муқоиса қайд кардан мумкин аст, ки арзиши ширкатҳои дар боло номбаршуда, ки асосан бо коркарди иттилоот машғул мебошанд – Google (соли таъсисёбӣ 1998), Microsoft (1975), Facebook (2004) аз дороии ширкатҳои бузурги автомобилӣ, аз қабили Toyota – ҷойи 9 (1937), Mercedes-Benz – ҷойи 13 (1926), BMW – ҷойи 20 (1916), Audi – ҷойи 37 (1909) зиёд мебошад (www.forbes.com).

Арзиши 3 ширкати иттилоотии интихобкардаамон мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ҳамчунин аз сармояи як қатор ширкатҳои нафтию газии машҳур низ зиёд аст, аз ҷумла – Exxonmobil (ИМА, 1870), British Petroleum (Британияи Кабир, 1909), Royal Dutch Shell (Британияи Кабир-Ҳолланд, 1907), Chevron (ИМА, 1879), Total S.A. (Фаронса, 1924), Sinopec (Чин, 2000), PetroChina (Чин, 1999) ва ғ.

Маълумотҳои оморию таҳлилии дар боло овардашуда боз як маротиба нишон медиҳанд, ки соҳаи коркарди иттилоот ба яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти инсон табдил ёфтааст. Яъне ҳоло барои аз ҷиҳати иқтисодӣ муваффақ будан муҳим нест, ки соҳаи фаъолияти ин ё он самти иқтисодӣ ё ширкати мушаххас

таърихи зиёда аз 100 сола дошта, ҳатман бо коркарду ба фурӯш баровардани масалан, захираҳои барқарорнашавандаи табиӣ алоқаманд бошад. Зеро ба ҳама маълум аст, ки афзалияти нотакрори бозори иттилоотӣ нисбати бозори маҳсулотҳои моддӣ – ин имконияти нусхагирии бехароҷоти маҳсулот мебошад. Масалан, дар ширкатҳои автомобилӣ барои истеҳсолӣ ҳар як автомобил раванди истеҳсол ба пуррагӣ такрор меёбад (албатта, ғайр аз равандҳои лоиҳагирӣ ва истеҳсоли аввалин маҳсулоти намунавӣ), ҳам аз ҷиҳати хароҷоти моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати меҳнати такрорӣ, музди маош ва вақт. Дар ин маврид агар ширкати Microsoft-ро мисол орем, он маҳсулоти асосии худро (системаи оператсионӣ) дар теъдоди ягона таҳия намуда, баъдан метавонад фурӯши онро фавран ва бидуни хароҷоти назарраси истеҳсоли нусхаҳо бо теъдоди номаҳдуд ба роҳ монад.

Дар интиҳои асри гузашта мафҳуми иттилоотониро бештар дар мавзӯъҳои оддии гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ дучор шудан мумкин буд, ки албатта, ба қадри кофӣ асоснок ва диққатҷалбкунанда мебошанд. Аз ҷониби дигар, динамикаи босуръати ҳаёти имрӯза ва чолишҳои ҷаҳони муосир водор менамоянд, ки ба ҳар як назария аз нуқтаи назари амалия ва инноватсионӣ назар намоем. Вобаста ба ин, мисол овардан мумкин аст, ки ҳоло дар яке аз кишварҳои пуриқтидори Осиёи Шарқӣ – Чин, ба таври интенсивӣ раванди ҳамҷоякунии иттилоотонӣ ва саноатикунонӣ ба роҳ монда шудааст. Яъне бо мақсади баланд намудани рақобатпазирӣ дар соҳаи истеҳсолоти таҷҳизотҳо ва иқтисодиёт татбиқи имкониятҳои шабакавӣ (Интернет, Интранет) ва коркарди иттилоот бо методҳои инноватсионӣ (тафаккури сунъӣ, алгоритмҳои махсуси коркарди босуръати иттилооти калонҳаҷм) ба равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ ба сатҳи аввал гузошта шудааст. Зеро раванди иттилоотонӣ ба амалишавии босуръати саноатикунонӣ ва модернкунонии равандҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Он самт ва принсипи асосии рушди саноат дар ҷаҳони имрӯза, ки дар мисоли кишвари Чин оид ба он маълумоти умумӣ оварда шуд, албатта дар асоси моделҳои дақиқ ва инноватсионии ҳамаҷониба таҳлилу таҷрибашуда дар дигар кишварҳои пуриқтидор низ амалӣ шуда истодааст. Ба

мутахассисони бурриши соҳаҳои иттилоотонӣ ва иқтисодӣ албатта маълум аст, ки ҳоло ишора ба ду дастоварди навбатии инсоният дар соҳаи иқтисодиёту истеҳсолот шуда истодааст, ки бевосита ба технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошанд:

– Интернети саноатӣ (1999, Интернети таҷҳизотҳо);

– Индустрияи 4.0 (2011).

**Интернети саноатӣ.** Чи тавре ки ба мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ маълум аст, соли 1999 Дурнамои шабакаҳои ҳисоббарори предметҳои физикӣ (яъне, умуман ашёҳо) кор карда баромада шуд, ки ҳамчун Интернети таҷҳизотҳо (Интернет вещей, Internet of Things – IoT) шинохта шудааст. Дар ин ҷо таҷҳизотҳое дар назар дошта шудаанд, ки бо технологияҳои алоқамандшавӣ бо ҳамдигар ё муҳити атроф муҷаҳҳаз мебошанд. Консепсияи мазкур бефосила мукаммал шуда истодааст ва тақрибан аз соли 2010 ҳамчун самти нави инноватсионӣ ва афзалиятноки соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҳисобида мешавад. Агар ба таври оддӣ баён намоем, яке аз мисолҳои татбиқи имкониятҳои Интернети таҷҳизотҳоро дар системаи автоматишудаи идоракунии равандҳои ҳаёти ҳаррӯза тасаввур намудан мумкин аст, ба мисоли идоракунии автоматии равандҳо дар «биноҳои бошуур» ё «смарт-биноҳо» (умные здания, Smart buildings). Ба таври абстрактӣ мазмуни Интернети таҷҳизотҳо дар Расми 1 оварда шудааст.




***Расми 1**. Интернети таҷҳизотҳо (avancesmarthome.com)*

Яъне Интернети таҷҳизотҳоро ҳамчун системаи шабакаҳои компютерии муттаҳидшуда ва объектҳои физикии тавассути онҳо пайвастшуда фаҳмидан мумкин аст, ки бо сенсорҳои ҷамъоварикунандаи дорои системаҳои оператсионӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Бо ин роҳ алоқамандӣ ва мубодилаи иттилоот байни объектҳои физикӣ (яъне таҷҳизотҳо), назорат ва идоракунии онҳо дар реҷаи автоматӣ бе иштироки одам ё дар масофа аз ҷониби истифодабаранда имконпазир мегардад. Аз ҷумла, таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки алакай дар соли 2020 миқдори объектҳои физикии ба интернет пайвастшуда аз миқдори тамоми компьютерҳо ва дигар воситаҳои алоқаи телефонӣ зиёдтар мешавад.

Бо васеъ шудани имкониятҳои шабакаҳои беноқил, ҳисобкуниҳои автоматии маълумотҳои калонҳаҷм (тафаккури сунъӣ), рушди технологияҳои алоқаи байнимошинӣ, татбиқшавии васеи протоколи интернетии IPv6 ва протоколҳои соддашудаи шабакавӣ (масалан, MQTT), истеҳсоли компютерҳои хеле ҳам арзони якпалатагӣ (одноплатный компютер, SBC – Single-Board Computer) ва дигар дастовардҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ солҳои охир Интернети таҷҳизотҳо ба объектҳои саноатӣ низ бомуваффақият паҳн шуда истодааст. Рушд ёфтани системаҳои идоракунии автоматии равандҳои технологиро махсусан қайд намудан мумкин аст, ки ба пайдоиши яке аз шохаҳои муҳими (ё мафҳуми нисбатан умумии) Интернети таҷҳизотҳо – Интернети саноатӣ (индустриалӣ) овардааст.

Интернети саноатӣ (Интернети саноатии (индустриалии) таҷҳизотҳо, Индустриальный (промышленный) интернет вещей, IIoT – Industrial Internet of Things) маъмулан ҳамчун системаи бисёрсатҳӣ фаҳмида мешавад, ки сенсорҳои мукаммал ва контроллерҳои ба қисмҳо ва агрегатҳои объекти саноатӣ насбшуда, воситаҳои ирсол ва аёнсозии маълумоти ҷамъшуда, алгоритмҳои тавонои таҳлили маълумоти қабулшуда ва дигар ҷузъҳо ва таҷҳизотҳои зиёди иттилоотию рақамиро дар бар мегирад. Яъне, ба таври оддӣ баён намоем, агар Интернети таҷҳизотҳо тавассути шабакаҳои компютерӣ асосан объектҳои физикиро ба ҳам алоқаманд намояд, пас Интернети саноатӣ –

тариқи шабакаҳои компютерӣ алоқаманд намудани объектҳои саноатӣ (истеҳсолӣ), автоматикунӣ ва идоракунии кулли фаълияти онҳоро ифода мекунад.

Гарчанде таъсирот ва самараи татбиқи Интернети саноатӣ дар миқёси тамоми кишвар ва берун аз он дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба таври васеъ паҳн шуда метавонад, сарчашмаи фаъолияти ин системаи универсалӣ бешубҳа аз корхонаҳо ва ташкилотҳои алоҳида оғоз меёбад. Яъне, барои дилхоҳ ташкилот, ки бо истеҳсолот ва ё интиқоли маҳсулоти физикӣ (моддӣ) алоқаманд аст, Интернети саноатӣ имконият медиҳад, ки сатҳи ба кулли нави фаъолияти самаранок ва моделҳои инноватсионии ба роҳ мондани равандҳои асосии идоракуни ва истеҳсолӣ таъмин карда шавад. Дар Расми 2 яке аз моделҳои абстрактии татбиқи имкониятҳои Интернети саноатӣ дар миқёси корхона оварда шудааст.




***Расми 2**. Интернети саноатӣ дар корхона (connectingindustry.com)*

Бо баробари он, таҷрибаи ҷаҳони имрӯза нишон медиҳад, ки бо татбиқи имкониятҳои Интернети саноатӣ пеш аз ҳама самараи назарраси иқтисодиро на танҳо дар корхонаҳои алоҳида, балки дар тамоми кишвар низ таъмин намудан мумкин аст. Моделҳои хизматрасонии иқтисодӣ ва иқтисодиёти истифодабарии ҳамҷоя, ки пас аз татбиқшавии Интернети саноатӣ ба вуҷуд меоянд ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, афзуншавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, беҳтар шудани шароити меҳнат ва тараққиёти сатҳи касбияти кормандону мутахассисон мусоидат менамояд. Нақшаи намунавии шабакаи Интернети саноатӣ дар миқёси кишвари алоҳида дар Расми 3 оварда шудааст.

Ҳамин тавр, ба ҳаёти имрӯза татбиқ намудани Интернети саноатиро ҳамчун тағйиру мукаммалшавии равандҳои ташкилотӣ ва технологии истеҳсолот фаҳмидан мумкин аст, ки дар асоси принсипҳои иқтисодиёти рақамӣ (электронӣ) амал менамояд. Бо баробари он, қайд намудан зарур аст, ки самаранокии универсалии Интернети саноатӣ падидаи оддӣ нест ва албатта бо баланд шудани сатҳи мураккабии системаҳои электронӣ ва рақамии автоматикунонӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, раванди татбиқ намудани имкониятҳои Интернети саноатӣ низ мураккаб аст ва аз мутасаддиёни соҳа дар қатори малакаи ташкилотчигии анъанавӣ ҳамчунин дониши чуқури илмҳои бунёдӣ-иттилоотӣ, масъулиятшиносӣ ва касбияти кории сатҳи баландро дар ин самт талаб менамояд.




***Расми 3**. Интернети саноатӣ (tadviser.ru)*

Вобаста ба ин, аз ҷониби ширкати Asea Brown Boveri Ltd (ABB, Швейтсария, Шведсия), ки фаъолияти он бо автоматизатсияи истеҳсолот, электроэнергетика ва робототехника алоқаманд аст ва бизнес-воҳиди Economist Intelligence Unit (EIU, Англия) пайваста рейтинги омодагии кишварҳо дар самти автоматикунонии таҳия карда мешавад. Соли 2018 аз ҷониби онҳо чунин маълумотнома вобаста ба «Омодагӣ ба автоматикунонии тафаккурӣ» таҳия шуд, ки як қисми он дар Расми 4 оварда шудааст. Қайд менамоем, ки моҳияти автоматикунонии тафаккурӣ (агар ба таври умумӣ баён намоем) – ҳамҷоягии идоракунӣ ва назорати автоматишуда бо таҳлили маълумотҳои ҳаҷми калон мебошад.

Маълумотномаи дар Расми 4 овардашуда, албатта, ҷузъӣ аст ва танҳо омодагии кишварҳоро ба татбиқи смарт-технологияҳо аз рӯйи ҳисобҳои ширкатҳои ABB ва EIU инъикос менамояд. Масалан, руйхати мазкур ҳангоми таҳлили дигар хусусиятҳои иқтисодӣ ё татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ба куллӣ тағйир ёфта метавонад. Бо вуҷуди он, чӣ тавре, ки дар боло қайд шуд, татбиқи дуруст ва истифодабарии самараноки имкониятҳои Интернети саноатӣ ҳоло яке аз намудҳои фаъолияти ҷомеаи инсонӣ мебошад, ки бо потенсиали фавқулбаланд ва ҳамзамон сатҳи хеле баланди мураккабӣ фарқ мекунад. Масъулони соҳаи мазкур бояд дар уқёнуси мафҳумҳои технологияҳои иттилоотии имрӯза, ки дорои динамикаи баланди тағйирёбӣ ва мукаммалшавӣ мебошад самтҳои ҷадид ва мубрамро саривақт дарк намоянд. Масалан, якчанд сол қабл ширкати дар боло кайдшудаи Amazon ва ё ширкати Netflix (ИМА, 1997), ки бо пешниҳоду истеҳсоли филмҳо дар асоси сели мултимедиа машғул аст, дар фаъолияти худ технологияи маълумотҳои калонҳаҷм (Big Data, 2000)-ро истифода бурда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд. Дар ин асос ширкатҳои дигар низ кӯшиш намуданд, ки технологияи мазкурро дар бизнес-моделҳои худ истифода баранд, вале онҳо аз ин амал самараи хуб ба даст наоварданд.




***Расми 4***. *Маълумотнома оид ба омодагии 25 давлат ба автоматикунонии тафаккурӣ (automationreadiness.eiu.com)*

Гарчанде Интернети саноатӣ дар фарқият аз технологияи Big Data дар раванди татбиқнамой ба истеҳсолот нисбатан имкониятҳои васеътарро пешниҳод менамояд, бо вуҷуди он, қабл аз оғози татбиқнамоии он таҳияи бизнес-нақшаҳои босифат ва таҳлили ҳамаҷонибаи онҳоро гузаронидан зарур аст. Дар ин таҳлилҳо бояд эҳтимолияти хавфҳои молиявӣ, фоизҳои муваффақият, нақшаҳои захиравӣ дар ҳолатҳои ғайричашмдошти рушди технологияҳо ва умуман, кулли натиҷаҳо ва ҳолатҳои эҳтимолӣ пешбинӣ гарданд. Танҳо дар ин сурат роҳ надодан ба хатогиҳои маъмули татбиқи Интернети саноатӣ ба равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ имконпазир мегардад.

Албатта, потенсиали бениҳоят калони иқтисодии технологияҳои нави иттилоотӣ ва натиҷаҳову самараҳои нав ба нави татбиқи онҳо дар ниҳояти кор мебоист ба тағйироти сифатии ин ё он соҳа сабаб гардад. Ҳамин тавр, дар асоси технологияҳои Интернети таҷҳизотҳо ва Интернети саноатӣ дар ибтидои даҳсолаи дуюми асри ҷорӣ яке аз мафҳумҳои нави соҳаи саноат ба вуҷуд омад, ки ба мутахассисони соҳаҳои саноату иқтисодиёт хеле хуб маълум аст ва бо номи инқилоби чоруми индустриалӣ ва ё Индустрияи 4.0 шинохта шудааст ва (Расми 5).

**Индустрияи 4.0**. Қабл аз ҳама, бояд қайд намоем, ки Индустрияи 4.0 (дар қатори Интернети таҷҳизотҳо ва Интернети саноатӣ) идея ё кашфиёти мутлақо нав набуда, балки омили наву инновастионии муайян намудани хосиятҳои ҳама таҷҳизотҳои инсонӣ ва усулҳои нави истеҳсолу истифодабарии онҳо мебошад. Мазмуни асосии Индустрияи 4.0 – гузариш ба истеҳсоли пурра автоматишудаи рақамӣ мебошад, ки аз ҷониби системаҳои тафаккурӣ дар реҷаи вақти реалӣ идора мешавад ва бо муҳити атроф дар алоқаи бефосила (он-лайн) мебошад. Номи «Индустрия 4.0» соли 2011 бо ташаббуси соҳибкорон, сиёсатмадорон ва олимони Олмон ба вуҷуд омадааст, ки ҳамчун – воситаи баланд баровардани рақобатпазирии саноати коркардкунандаи Олмон тавассути муттаҳидкунии интенсивии системаҳои киберфизикӣ (CPS) ба равандҳои истеҳсолӣ муайян шудааст. Системаи киберфизикии қайдшуда (Кибер-физические системы, CPS – Cyber-Physical System) дурнамои иттилоотӣ-

технологӣ мебошад, ки муттаҳиднамоии захираҳои ҳисобкуниро бо равандҳои физикӣ ифода мекунад. Мафҳуми мазкур дар раванди лоиҳаи Индустрияи 4.0 мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта, ба инқилоби чоруми индустриалӣ мансуб дониста мешавад.

Албатта, масъалаи татбиқ намудани воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ба равандҳои истеҳсолӣ дар тамоми кишварҳои олам мавҷуд аст ва шояд чунин пешниҳод дар нақшаи аксарияти соҳибкорон, олимон ва сиёсатмадорони ҷаҳон низ мавҷуд буд. Бо вуҷуди он мафҳуми Индустрияи 4.0 расман дар Олмон ба вуҷуд омад ва ҳоло тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст. Илова ба ин, ибораи олмонии Industrie 4.0 номи яке аз 10 лоиҳаҳои Hi-Tech-стратегияи давлатии Олмон то соли 2020 мебошад, ки дурнамои Смарт-истеҳсолот (Smart Manufacturing)-ро дар асоси шабакаи глобалии Интернети таҷҳизотҳо ва хизматрасониҳо (амалан Интернети саноатӣ) шарҳ медиҳад.




***Расми 5***. *Индустрияи 1.0 – 4.0 (btelligent.com)*

Вобаста ба ин, дар ИМА низ бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқшавии Интернети саноатӣ ва амалӣ намудани идеяҳо ва навгониҳои Индустрияи 4.0 соли 2014 Консорсиуми ғайритиҷоратии Industrial Internet таъсис дод шуд ва ҳоло роҳбарии онро ширкатҳои бузурги саноатии кишвари мазкур – GE (General Electric, 1878), AT&T (1983), IBM (1911) ва Intel (1968) ба ӯҳда гирифтаанд.

Ҳоло Индустрияи 4.0 самти ҷории автоматикунонӣ ва мубодилаи иттилоотро ифода менамояд, ки системаҳои киберфизикӣ, Интернети таҷҳизотҳо ва Интернети саноатиро дар бар мегирад ва сатҳи нави ташкили истеҳсолот ва идоракунии зинаҳои ба вуҷуд омадани арзишро дар кулли давраи ҳаётии маҳсулоти итсеҳсолшаванда ифода мекунад. Ташкилкунандаҳои ҷузъии Индустрияи 4.0 ҳамчунин робототехника, реалияти пуррашуда, истеҳсолоти аддитивӣ, кибер-амният, технологияи нусхаи рақамӣ, технологияи коркарди маълумотҳои калонҳаҷм (аз ҷумла, Big Data) ва дигар технологияҳои инноватсионию коркарди иттилоот низ мебошанд (Расми 6).




***Расми 6**. Индустрияи 4.0 (callaghaninnovation.govt.nz)*

Албатта, дар як маводи мухтасари таҳлилӣ пурра муҳокима намудани мафҳумҳои такондиҳандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ имконнопазир аст. Бо вуҷуди он, дар интиҳо қайд намудан зарур аст, ки бо баробари афзалиятҳои бешумори раванди татбиқи технологияҳо ва самтҳои нави Интернети саноатӣ ва Индустрияи 4.0 дар таҷрибаи кишварҳои гуногун душвориҳо ва муаммоҳои хусусияти ҳам техникӣ ва ҳам иҷтимоӣ дошта қайд шудаанд, аз ҷумла:

– пайвастан ба шабакаи умумӣ корхонаҳоро водор менамояд, ки автоматикунонии фаъолият ва мубодилаи маҳсулоту иттилоотро на танҳо дар шабакаи дохили корхона дар сатҳи баланд нигоҳ доранд, балки ба динамика, талабот ва тағйирёбиву мукаммалшавии дархостҳои берунӣ доимо (он-лайн) омода бошанд. Ҳалли ин масъала дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани шабакаи умумии байни корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳоро ҳадди ақал дар миқёси кишвар талаб мекунад, ки худ як масъалаи мураккаби техникӣ, идоравӣ ва молиявӣ низ мебошад;

– иттилоотонии равандҳои иқтисодӣ бевосита бо масъалаи ҷамъоварӣ коркард ва нигоҳдории ҳаҷми бениҳоят калони маълумотҳо вобаста мебошад, ки худ як масъалаи техникии мураккаб ва гаронбаҳо аст. Азбаски чунин намуди имконият ва хизматрасонӣ ҳоло танҳо аз ҷониби миқдори хеле камшумори ширкатҳои алоҳида пешниҳод мешавад, пас масъалаи муҳимтарин – мӯътамадӣ ва амнияти маълумотҳои ҷамъоваришуда ҳалталаб боқӣ мемонад;

– муаммои ҷиддӣ дар ин масъала ҳамчунин ташкили шабакаҳои мӯътамади мубодилаи иттилоот мебошад, зеро шабакаҳои рақамӣ аз давраҳои таъсисёбии худ (дар асри гузашта) доимо макони фаъолияти рахнагарон ва ҳуҷумҳои шабакавӣ мегарданд.

Ёдрас намудан зарур аст, ки дар маводи таҳлилии мазкур то ҳадди имкон «ҷиҳатҳои иттилоотии» мафҳумҳои баррасишаванда муҳокима шуда, баъзе мафҳумҳо ва маълумотҳои вобаста ба ташкилкунандаҳои иқтисодӣ танҳо ба

хотири нигоҳ доштани алоқамандии мантиқии мавзӯъ қайд шуданд. Албатта «ҷиҳатҳои иқтисодӣ»-и таҳлили касбии масъалаҳои татбиқи навгониҳои ҷаҳони муосир ба монанди Индустрия 4.0 ва ё Интернети саноатӣ дар равандҳои саноатикунонӣ, ҳамчунин бевосита аз мутахассисони соҳаи иқтисодиёт ва саноат вобаста мебошад.

Агар аз муқоисаҳо, навгониҳои глобалӣ ва таҳлилҳои фаъолияти ширкатҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои пурқудрат бевосита ба масъалаҳои иттилоотонӣ дар ҳаёти ҳаррӯза баргардем, бо назардошти шароитҳои ҷорӣ ва воқеияти объективӣ баъзе паҳлӯҳои оддитарин ва ҳалталаб равшан мегарданд (аз нуқтаи назари соҳаи технологияҳои иттилоотӣ).

1). Масъалаи дар ҳар як муассиса ҳатмӣ будани фаъолияти сохтори махсус вобаста ба иттилоотонӣ. Зеро мувофиқи анъанаҳои аз давраи Иттиҳоди шуравӣ боқӣ монда, дар ҳар як муассиса ҳамчун сохтори ҳатмӣ масалан – муҳосибот, шуъбаи кадр, қисми хоҷагидорӣ ва монанди инҳо фаъолият мебаранд. Аммо масъалаи таъсис ва таъмини фаъолияти сохторе, ки маҳз бо масъалаҳои иттилоотонӣ вобаста бошад, дар аксарияти муассисаҳо ё мавриди баррасӣ қарор надорад ё ба таври ихтиёрӣ вобаста ба талаботҳои оддитарини корӣ (таъмини кори таҷҳизотҳо ва шабакаҳои компютерӣ) дида баромада мешавад. Масъалаҳои мазкур дар муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо ба пуррагӣ ва бевосита аз иттилоотонӣ вобаста мебошад, албатта дар сатҳи расмӣ ва зарурӣ ҳалли худро ёфтаанд. Дар ин қатор, масалан бонкҳо, ширкатҳои таъминкунандаи алоқаи рақамӣ (мобилӣ ва ғ.), фурудгоҳҳо, муассисаҳои идоракунии давлатӣ, баъзе аз муассисаҳои таълимӣ ва монанди инҳоро номбар кардан мумкин аст. Амалан бошад масъалаҳои иттилоотонӣ дар муассисаҳои зиёд ба таври стихиявӣ бо роҳи ба ин ё он корманд ё гурӯҳи кормандон (дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун кори ҷамъиятӣ) вогузор намудани масъалаҳои таъмини кори таҷҳизотҳо ва шабакаи компютерӣ то як андоза амалӣ мегардад. Ин дар он ҳолате аст, ки таъмини коршоямии таҷҳизотҳо ва шабакаи компютерӣ танҳо ҳиссаи хурдтарини мафҳуми аслии иттилоотониро ташкил медиҳад ва дар замони муосир танҳо бо ин сатҳи иттилоотонӣ қонеъ будан албатта кифоя нест.

2). Масъалаи аз ҷониби масъулони ташкилоту муассисаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин ва дастгирӣ шудани ҷараёни иттилоотонӣ. Зеро новобаста аз назарияҳо ва зинаҳои иттилоотонии расмӣ мушоҳидаҳои ҳаёти ҳаррӯза нишон медиҳанд, ки сатҳи иттилоотонии дуруст ва самараноки муассиса (ва дар ин асос -– муваффақияти он) бевосита аз сатҳи диққати раёсати он ба иттилоотонӣ вобаста аст. Як намунаи мушаххас овардан мумкин аст, агар диққат диҳем ба рейтинги муассисаҳои таълимии олии касбӣ, ки илова ба ташкили босифати ҷараёни таълимӣ, маҳз аз ҳисоби иттилоотоонии сатҳи баланди равандҳои таълимӣ ва идоракунӣ муваффақ мебошанд.

Албатта, дар ин самт муаммоҳои дигар низ зиёданд, вале аксарияти онҳо ҳосилавӣ буда, танҳо пас аз дар сатҳи зарурӣ ҳал шудани масъалаҳои ибтидоӣ ва ба таври дуруст лоиҳагирии равандҳои омодагӣ ба иттилоотонии умумӣ – то ба оғози татбиқи имкониятҳои Интернети саноатӣ дақиқ ва мушаххас мешаванд.

Ҳамин тавр, ташкили равандҳои дурусти иттилоотонӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва ҷадид буда, аз масъулони соҳаҳо ва муассисаҳо илова ба сатҳи бунёдии донишу малакаи инноватсионии ташкили фаъолияти анъанавӣ, ҳамчунин ҳиссиёти дақиқи динамикаи ҷаҳони рақамии имрӯза ва маърифати хеле баланди иттилоотӣ ва техникиро талаб мекунад. Зеро дар ҳолати дастгирӣ ва диққат додан ба рушди ҳамҷояи равандҳои иттилоотонӣ ва саноатикунонӣ онҳо ҳамдигарро ба таври самаранок пурра намуда, қабл аз ҳама, ба баланд шудани сатҳи илмӣ-техникӣ ва иқтисодии кишвар мусоидат менамоянд.

**Туйғун Расулов**
*н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ*
**М. Мамадризоева**
*омӯзгори калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент*

# СИЁСАТИ БУҶЕТИЮ АНДОЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сиёсати буҷетиву андозӣ, маънои тарзу усулҳои ғайри муқаррарии ташкили даромадҳои буҷетиро бо мақсади таъмини рушди соҳибкориҳою соҳаҳо ва ноҳияҳоро аз як тараф ифода намояд, аз тарафи дигар бо захираҳои молиявӣ таъминнамоии раванди такрористеҳсолу фаъолияти сохторҳои буҷетию иҷроиши буҷет, сармоягузории иқтисодиёт ва назорати мақсадноконаю самаранокона истифодабарии он захираҳоро дар бар мегирад.

Сиёсати буҷетию андозӣ бо сабаби як қисми сиёсати иқтисодию молиявӣ буданаш, аз таҳиягарон соҳиби лаёқат ва қобилияти стратегии ояндабинӣ доштанро талаб менамояд. Аз тарафи дигар, риояи усули ҳалли муаммо дар асоси омӯзишу таҳлил муайян кардани роҳу равиши ҳалли он ва истифодаи чораю тадбири мушаххас оид ба амали намоии он мебошад.

Қобилияти ояндабинии стратегӣ доштани мутахассиси бахши молия бо моделсозиҳои математикию молиявиаш имконияти бо хатоиҳои камтарин (погрешности) омодасозии сиёсати буҷетию андозиро таъмин карда метавонад.

Таҳияи сиёсати буҷетию андозӣ ба мисли таҳияи ҳамаи сиёсатҳо дар асоси истифодаи принсипи омӯзишу таҳлили муаммоҳои бо таҳияи сиёсати буҷетию андозӣ алоқаманд ва вобаста ба натиҷаҳои таҳлил муайян кардани усулҳои ҳалли муаммо ва дар ҳамин асос пешниҳод кардани чораву тадбири мушаххас оид ба ҷамъоварии даромадҳо ва аз нав тақсими оқилонаи он ба фондҳои барқарорнамоӣ, истеъмол ва андӯхт

байни соҳаҳо ва минтақаҳо дар асоси гурӯҳбандии буҷетии амалкунанда мебошад.

Сиёсати буҷетию андозӣ бо баҳисобгирии талаботи қонунҳои иқтисодии зерин: қонуни андӯхт, қонуни мунтазамияту мутаносибият дар ташкили фондҳо ва таносубияти соҳавию минтақавӣ ва тавозунияти қонуни арзиш, болоравии ҳосилнокии меҳнат, тақозо ва арза, қонуни муомилоти пул, рақобат ва фазаҳои давра ва ғайра аз як тараф бояд таҳия гардад, аз тарафи дигар дар асоси таҳлили ҳолати иқтисодии субъектҳои иқтисодиёт, муайян кардани сабабҳои тағйирёбии тақозо (қобилияти харидорӣ) ва арза, имконияти ба бозор ворид намудани маҳсулоти истеҳсолшуда ва ғайра таҳия мегардад.

Таҳиягарсозии сиёсати буҷетию андозии ҳамаи давлатҳо, пеш аз ҳама барои ҳалли мушкилоти маҳдудияти захираҳои молиявӣ барои бароҳмонии раванди такрористеҳсол фаъолият менамоянд.

Тоҷикистон бо сабаби надоштани иқтисодиёти худтакрор истеҳсолнамоянда, яъне корхонаҳои подразделенияи якум, набудани заводу корпоратсияҳои воситаҳои истеҳсолот истеҳсолнамоянда ба сатҳи назаррас, ягон бехатарии дар иқтисодиёт ҷойдоштаро таъмин карда наметавонад. Бинобар ҳамин, як паҳлӯи сиёсати буҷетию андозии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саноатигардонии соҳаҳои иқтисодиёт ва ба ҳалли таъмини бехатарӣ низ нигаронида шудааст.

Пас, мо қайд карда метавонем, ки мақсади асосии сиёсати буҷетию андозӣ, ҳалли муаммои бехатарии иқтисодию молиявӣ дар шароити маҳдудияти шадиди захираҳои молиявӣ аст.

Мақсади дигари муҳими сиёсати буҷетию андозӣ оқилонанамудани муносибатҳои байни буҷетии ба рушд нигаронидашударо ташкил медиҳад.

Мақсади дигари сиёсати буҷетию андозӣ таъмини соҳибихтиёрии иқтисодӣ ва дар асоси ҳамгироиҳои нафъноки тарафайн ба роҳ мондани содироти молу маводҳо ва куллан дигаргун кардани ҳолати содироти софи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин бояд баҳисоб гирифта шавад, ки дар ҳолати бухронҳо бо сабаби паст гардидани тақозо нисбати сармояи қарзӣ ҷоришавии он ба дигар давлатҳо яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот аст. Дар ҳолати рушд баръакси ҳамин ҳолат ба назар мерасад.

Барои ҳамин ҷараёни ҷоришавии сармояи қарзиро аз давлатҳои рушдёфта таҳлил кардан ба манфиати кор дар таҳияи сиёсати буҷетии андозӣ аст.

Ба ғайр аз мақсадҳою ҳадафҳои дар сиёсати буҷетию андозӣ пешбинишуда сиёсати мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои ба худ хоси фарққунанда мебошад. Барои тасдиқи ақидаамон ба дастурамал оид ба таҳияи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 назар меандозем.

Як хусусияти таҳияи сиёсати буҷетии андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маҳдудсозии робитаи бевоситаи андозсупорандагони берунаю дохиларо ба буҷет, дарбар мегирад.

Маҳдуднамоии муносибаҳои соҳибкориҳо бо буҷет нисбати пардохтҳои ҳатмию ғайриҳатмӣ бо сабаби истифодабарӣ дар муносибатҳои буҷетию байнибуҷетӣ аз хизматрасонии маъмурони андозу пардохтҳо мебошад.

Мо бо ин гуфтанием, ки имрӯз андозу пардохтҳоро соҳибкориҳо ба ҳисоби маъмурон ва аз он ҷо ба буҷет интиқол медиҳанд. Ҳолати ба миёномада алоқаи бевоситаи андозсупорандаро бо буҷет коста гардонда, ҷорӣ намудани назорати ғайримустақимро бо дигар хусусиятҳояш ба бор меорад.

Як хусусияти дигари сиёсати буҷетию андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҳамаи андозсупорандагон, хоҳ истеҳсолию хоҳ хизматрасонанда, аз нақшаи андозсупории бо шартномаҳои тарафайну нархҳои дар он нишондодашуда, ки шаффофияти фаъолиятро инъикос менамоянд, истифода намебаранд, ки баборорандаи аломатҳои коррупсионӣ буда метавонад.

Хусусияти навбатии сиёсати буҷетию андозии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта бо истифодабарӣ аз маъмурони сатҳи минтақавӣ оид ба ҷамъоварии андозҳою пардохтҳои маҳаллӣ алоқаманд мебошад, ки соҳибкориҳо бо сабаби набудани низоми ягонаи электронӣ, ҳисобу китоб ва нархгузориҳои воқеиро бо банақшагирии пардохтҳо надоранд.

Хусусияти дигари сиёсати буҷетию андозии ҶТ аз ин иборат аст, ки сатҳи изофарушди ММД ва андозҳои ба буҷет воридгарданда ба талаботи афзояндаи изофарушди аҳолии шаҳр ва деҳот мутобиқат наменамояд. Барои ҳалли ин муаммо мо бояд

дар сиёсати буҷетию андозӣ масъалаи ҳалли муаммои саноатигардонии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намоем, ки он ҳоло назаррас нест.

Барои ҳалли муаммои саноатигардонии кишоварзӣ бо ёрии сиёсати буҷетии андозӣ бунёди корхонаҳои саноатии меҳнати кишоварзиро ба меҳнати саноати табдилдиҳанда, дар сарҳади ду-се минтақа бунёд кардани чунин корхонаҳо бояд пешбинӣ шавад. Бо ин раҳ мо муҳоҷират саноатии қувваи коргарии Тоҷикистонро ба дохил ва беруни мамлакат аз як тараф ба роҳ монем, аз тарафи дигар, имиҷи соҳибкасбии кормандони ватанамонро боло мебардорем.

Сиёсати буҷетию андозии ҳамаи давлатҳо идомаи мантиқии раванди амалинамоиҳои он сиёсат дар давраҳои миёнамуҳлате, ки раванди буҷетии онро дар бар мегирад, мебошад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳои дахлдор тартибдиҳандаи сиёсати буҷетию андозии давраҳои буҷетҳои миёнамуҳлат вобаста ба вазъи бозори дохилаю беруна ва имкониятҳои ҷалби сармоягузориҳо нисбати рушди иқтисодиёт мебошанд. Сиёсати буҷетию андозии таҳиягардида дар муҳлатҳои муқарраршуда ба комиссияи доимамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳод мегардад.

Бояд қайд намуд, ки таҳияи сиёсати буҷетию андозӣ ибтидои марҳилаи раванди буҷетӣ буда, мақсади ниҳоии он муайян кардани самтҳои он сиёсати буҷетию андозӣ ва вобаста ба имкониятҳои буҷети муқаррар кардани ҳадди ниҳоии хароҷот барои соҳаҳо ва ё ба ТАМБ мебошад.

Яке аз хусусиятҳои сиёсати буҷетию андозӣ ин бениҳоят маҳдуд будани ҳаҷми захираҳои молиявии буҷетӣ мебошад, ки дар асоси он ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷетии барои ТАМБ муқарраршаванда мебошад.

Ҳукмронии маҳдудияти шадиди захираҳои молиявии буҷетӣ, пеш аз ҳама вобаста аст ба таркиби сохтори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо саноатигардонии иқтисодиёт оқилонагардонии таркибро нисбати зиёд кардани фаъолияти соҳаҳои саноатии доимо коркунандаро дар таносуб бо соҳаҳои мавсимикоркунанда талаб менамояд. Ҳолати ҷойдошта, яъне маҳдудияти захираҳо оқилонанамоии таркибии

бо шуғл фарогирифташудагонро бо мақсади кам кардани сатҳи камбизоатӣ низ талаб менамояд.

Як паҳлуи маҳдудияти захираҳои молиявӣ бо он алоқаманд аст, ки моро ба ҷустуҷӯҳои захираҳои молиявии дохили ҷумҳуриявӣ водор менамояд.

Яке аз ин захираҳои молиявии истифодаи дурусти худро наёфта ин маблағи фонди истеҳлоки корхонаҳои давлатӣ мебошад, ки маблағҳои ҷамъшудаашон ва мувофиқи таъйинот истифодабарии он номуайян мебошад. Гарчанде ин маблағ воситаи такроран навнамоии фондҳои асосӣ ва давом додани фаъолияти соҳибкориҳо бошад ҳам, ҳисобу ҳасаб, баҳисобгирии муҳосибию ҷамъшавиаш ва мувофиқи таъйинот истифодашавиаш ба ягон талаботи иқтисодӣ мувофиқат наменамояд.

Мо пешниҳод менамоем, ки маблағи фонди истеҳлоки корхонаҳои давлатӣ дар мавриди барои се соли оянда таъйиноти истифодабарӣ надоштанашон, ҳамчун захираи молиявии қарзии фоизи пастариндошта ба ҳисоб гирифта шавад ва танҳо дар сармоягузориҳои муҳлати кӯтоҳи давраи ҳаётӣ доштан ба истифода бо шарти баргардондашавандагиашон мавриди истифодабарӣ бошанд. Беҳтар мешуд, агар ҳамин захираи қарзии буҷетӣ дар асоси шарикии давлат ба соҳибкорони дар афзалиятҳои инкишофи саноатиомада мавриди истифода бошад.

Яке аз хусусиятҳои сиёсати буҷетию андозии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки бо баҳисобгарии маҳдудияти захираҳои молиявии ба ҳар як ТАМБ, онҳо мувофиқи муқаррароти банди 40-и дар Дастурамал пешниҳодшуда, ҳуқуқи пешниҳод намудани на зиёда аз се самти нави маблағгузорӣ дар ҳаҷми на зиёда аз панҷ фоизи ҳаҷми хароҷоти соҳаҳо фарогирифтаро доранд. Ин талаботи панҷ минтақаю зиёда аз 50 ноҳияҳои ҷумҳуриро барои ҳар як ТАМБ қонеъ гардонида наметавонад ва имконияти истифодаи инноватсияро маҳдуд месозад.

Паҳлӯи дигари ин муаммо ба он алоқаманд аст, ки ҳар як соҳа ва ё ҳар як тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ маблағҳои мухталифро доро мебошанд, ҳаҷми умумии маблағгузории баъзеашон наздики то панҷ миллиард сомонӣ буда, ҳаҷми маблағгузориҳои баъзе аз онҳо аз як миллиард сомонӣ камтар мебошад.

Панҷ фоизи барои маблағгузории соҳаҳои нав пешбинишуда, он қадар маблағи калонро ташкил намедиҳад, баръакс, хурд шудани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет ҷудошавандаро ба бор оварда, самаранокии рушди иқтисодиёт ва имкониятҳои буҷетиро нисбати рушд кам менамояд. Як паҳлӯи дигари ин муаммо бо хусусияти дар танзими буҷети истифодашавандагии ҳамин маблағҳо ва ба таъхир андозии сармоягузориҳо алоқаманд аст.

Ба андешаи мо маблағҳои барои маблағгузорӣ пешбинишаванда бояд танҳо ва танҳо ба саноатигардонии инноватсионии муҳлати кӯтоҳи сармоягузоридошта дар минтақаҳо бо мақсади ташкили ҳамгироиҳо сарф карда шаванд.

Яке аз хусусиятҳои сиёсати буҷетию андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб гирифтани таклифу дархостҳои ТАМБ нисбати се самти нави маблағгузории аз тарафи комиссияи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамин асос ба комиссия домимамалкунандаи буҷети назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидани онҳо мебошад.

Меъёрҳои овардашуда натанҳо нисбати се самти нави маблағгузориҳои буҷетӣ имкониятҳои рушди босуботи иқтисодиёти минтақаҳо ва ташкили ҳамгироиҳои ба талаботи ҷамъияти ҷавобгӯйро бениҳоят маҳдуд месозад, балки муаммои ҳалли оқилонаи онро нисбат ба инкишоф талаб менамояд.

Ҷудошавии хароҷоти буҷетӣ ба асосӣ ва ҷорӣ зарурати истифодаи олотҳо, фишангҳо ва методҳои гуногуни дар таҳияи сиёсати буҷетию андозӣ истифодашавандаро ба вуҷуд оварда, таъсири худро ба ташаккули маблағҳои нақшавӣ мерасонад. Дар ҷараёни баамалбарории банақшагирии хароҷоти асосии буҷетӣ аз тендерҳо, нархгузории тендерӣ, нархҳои шартномавии гуногун ва ҳуҷҷатҳои муҳосибию молиявии онҳоро тасдиқ намоянда истифода мебаранд. Ба ғайр аз ин зарибҳои оморӣ, инфилятору дефеляторҳои ММД, қурби асъор, коғазҳои қиматнок, нишондиҳандаҳои дигари дар ин раванд истифодашаванда ва сохторхои гуногуни дар ин раванд иштироукнамоянда, ба эътибор гирифта мешаванд.

Сиёсати буҷетию андозӣ нисбати хароҷотҳои ҷории буҷетӣ ва банақшагирии онҳо дар асоси меъёрҳои барои хароҷот пешбинишуда, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ

кардааст, бо баҳисобгирии ҳолату вазъи иқтисодиёт ва таъсири омилҳои дохилаю беруна таҳия мегардад.

Тарзу усули дар асоси меъёрҳо тақсимнамоии маблағҳои буҷетӣ ва банақшагирии онҳо, аз як тараф бе баҳисобгирии имкониятҳои рушди сохторҳо дар миқёси минтақаҳо ва бо маблағ таъминамоии онҳоро ба миён орад, аз тарафи дигар баробарнамоии ҳамаи сохторҳои буҷетиро (уровниловка) ташкил медиҳад.

Дар асоси меъёрҳои буҷетӣ ба роҳ мондани банақшагирии оқилонаю самаранокии банақшагирии хароҷотро инъикос намояд ҳам, мо бояд мафтуни он нашуда, бо беҳисобгарии индексҳои рушддиҳандаро бо баргардондагиашон нисбати ҳар як минтақа таҳия ва пешниҳод намоем, он гоҳ адолати буҷетӣ нисбати инкишофи ноҳияҳо ва ташкили ҳамгироиҳои истеҳсолию хизматрасониҳои байниноҳиявӣ ва имкониятҳои инноватсионӣ ба миён меоянд.

Дар сиёсати буҷетию андозӣ пешбининамоии коэффитсентҳо бо боҳисобгирии имконияти рушди иқтисодиёти ноҳия ба саноати гардонию зудтар баамалбароии он имконияти васеътарро фароҳам меорад.

Интихоби се самти нави сармоягузоришаванда аз тарафи тақсимнамояндагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 5% нисбати ҳаҷми хароҷотҳои умумии соҳавиаш нисбат ба ноҳияҳо бо хурд шудани маблағҳо, имкониятҳои сармоягузориро заиф гардонида, зарурати тарзу усулҳои дарёфти захираҳои молиявии нави инноватсиониро вазифагузорӣ менамояд.

Сиёсати буҷетию андозӣ ба мисли ҳамаи сиёсатҳо дар асоси истифодаи принсипҳои эътирофшудаи таҳияи онҳо ва истифода аз тактикаҳою стратегияи ба он мувофиқ ва унсурҳои дар механизми молиявӣ ҷойдошта ба амал бароварда мешавад. Ин на танҳо таҳия, балки иҷрошавии буҷету ҳисоботсупории он ва назоратро дар бар гирифта, заминаро барои таҳияи сиёсати буҷетию андозии давраи нав ба вуҷуд меорад.

**Адабиёт**

1. Кодекси андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2012.
2. Қонун дар бораи молияи давлати. -Душанбе, 2012.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2015.
4. Худоиев М. Н., Нажмиддинов С. М. Бюджетный сектор, -Душанбе: «Ирфон», 2010.
5. Мирзоева Е. Ш. Идораи молияи давлатӣ. -Душанбе, 2014.
6. Гулмирзоев Д. Г. Оймаҳмадов Г. Н. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе «Ирфон», 2004.
7. Государственное регулирование рыночной экономики. Коллектив авторов, М.,2009.
8. Омори солонаи фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёти ҶТ барои соли 2017.
9. Қонунҳо дар бораи буҷети солҳои 2016, 2017 ва 2018.

**Фатҳулло Убайдович Обидов,**
**Бахтиёр Бадалович Эшов,**
**Абдуҷаббор Ғафорович Маркаев,**
**Ризо Аҳмадович Исмоилов.**
*Муассисаи давлатии илмии «Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии назди Академияҳои илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»*

# ТАЪСИРИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ҒИЗОДИҲАНДА БА ҲОСИЛНОКИИ МАҲСУЛОТИ ЗАМИНҲОИ КОРАМИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рушди бемайлони хоҷагии қишлоқи ҶумҳурииТоҷикистон беистифодаи химизатсиякунонӣ ва истифодаи элементҳои ғизодиҳанда имконнопазир аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 50%-и зиёдшавии ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ба истифодаи нуриҳои минералӣ, ки дар таркибашон элементҳои ғизодиҳанда доранд, алоқаманданд. Истифодаи дурусти 1сентнер ингуна нуриҳо метавонанд ҳосилнокии ғаладонаро иловатан 1,5сентнер зиёд кунад. Ба ғайр аз ин, элементҳои ғизодиҳандаи нуриҳои минералӣ омили баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва пасткунии арзиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мебошад.

Нитроген ба таркиби сафеда дохил мешавад ва миқдори он аз 15 то19%-и туршиҳои нуклеинӣ, аминокислотаҳо, ферментҳо, витаминҳо, хлорофилл ва дигар пайвастагиҳои органикии дар растани ҳосилшавандаро медиҳад.

Миқдори ҳосилнокии растаниҳо аз дараҷаи таъминнокии онҳо бо нитроген вобастааст. Лекин нитроген аз тарафи растаниҳо танҳо баъди пайвастшавии ӯ бо дигар элементҳои дар намуди аммоний ва нитратҳо, ки шакли осон азхудшавандаи нитроген дар хок мебошанд, фурӯ бурда мешавад. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки шакли нитратии нитроген барои растаниҳо нисбат ба шакли аммиаки ӯ камтар зараровар аст. Зеро консентратсияи баланди аммиак бофтахои растаниҳоро заҳролуд месозад ва ба нобудшавии онҳо оварда мерасонад. Дар ҳолати

норасогии нитроген бошад, афзоиши растаниҳо суст мегардад, миқдори сафеда кам мегардад ва ҳосилноки паст мегардад.

Фосфор дар ивазшавии моддаҳо, ҷудошавии ҳуҷайраҳо, зиёдшавию мубодилаи хосиятҳои ирсӣ ва дигар протсессҳои мураккаб, ки дар растаниҳо ба вуҷуд меоянд иштирок месозад. Ӯ ба таркиби сафедаҳои мураккаб –нуклепротейдҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ, инчунин фосфатидҳо, ферментҳо, витаминҳо, фитин ва дигар пайвастагиҳои муҳимтарини растаниҳо дохил аст. Дар растаниҳо ӯ дар намуди минералӣ ва органикӣ дохил аст. Пайвастагиҳои минералии фосфор дар намуди кислотаи ортофосфорӣ вуҷуд доранд. Ин кислота пеш аз ҳама дар протсессҳои табдилёбии карбогидратҳо истифода мешавад. Ин протсессҳо масалан, ба ҷамъшавии қанд дар лаблабуи қанд, ва ҷамъшавии крахмал дар картошка таъсир мерасонанд. Фосфор метавонад аз ҷузъҳои кӯҳнашудаи растаниҳо ба ҷузъҳои ҷавонаш гузарад. Нисбат ба нитроген ӯ метавонад пухтарасии растаниро тезонад, ба протсесси бордоршавӣ ва пухтарасии меваҳо мусоидат кунад. Манбаи асосии фосфор дар растаниҳо намакҳои кислотаи фосфат мебошанд. Решаҳои растаниҳо фосфорро ба намуди аниони ин кислота фуру мебаранд. Барои қабули растаниҳо намакҳои дар об ҳалшавандаи кислотаи ортофосфат: $Ca(H_2PO_4)_2xH_2O$; $KH_2PO_4$; $NH_4H_2PO_4$; $NaH_2PO_4$ ; $Mg(H_2PO_4)_2$ хело қулай мебошанд.

Калий ба таркиби пайвастагиҳои органики растаниҳо дохил намешавад. Лекин ӯ роли муҳимтарини физиологиро дар мубодилаи карбогидратҳо ва сафедаҳо мебозад азхудкунии нитрогенро дар шакли аммиак пурзӯр месозад, ба ҳолати физикавии коллоидҳои ҳуҷайра таъсир мерасонад, имконияти намнокиро нигоҳ доштани протоплазмаро баланд мебардорад, аз пажмурдашавӣ ва хушкшавии бармаҳал эмин сохта, бо ҳамин муқовимати растаниҳоро ба хушкшавии кӯтоҳмуддат баланд мебардорад. Калий зимистонгузаронии растаниҳоро баланд мебардорад, ғуншавии қандро дар шираи ҳуҷайра баланд бардошта, бо ҳамин ҳарорати сармозании ӯро паст мефарорад. Алафҳои хӯрокии чарогоҳҳое, ки аз калий бой гардонида шудаанд, муддати дурудароз дар ҳавои хушк ҳам кабуд мемонанд. Калий шакли андоза ва мазаи картошкаро беҳтар мегардонад, миқдори қандро дар лаблабуи қанд баланд мебардорад, ба рангу бӯи себ, шафтолу, ангур таъсири хуб

мерасонад, сифати ғаладона ва нахи пахтаро беҳтар мегардонад. Калий дар растаниҳо бештар дар шираи ҳуҷайраҳо бо намуди катионҳо, ки бокислотаҳои органикӣ пайвастаанд, вуҷуд дорад ва ба осонӣ аз боқимондаҳои растанигӣ шуста мешавад. Барои калий истифодаи бисеркарата характернок аст ва ӯ бо осонӣ аз қисмҳои кӯҳнагардидаи растаниҳо, ки калийро пештар азхуд карда буданд, ба қисмҳои ҷавонашон мегузарад. Қайд кардан лозим аст, ки норасогии калий, ҳамчун барзиёдии ӯ ба миқдор ва сифати ҳосилнокӣ таъсири манфӣ дорад.

Магний ба таркиби хлорофилл дохил мешавад ва бевосита дар протсесси фотосинтез иштирок мекунад. Ионҳои магний, ки ба тарзи адсорбсия бо коллоидҳои ҳуҷайраҳо пайваст аст, дар як вақт бо дигар катионҳо мувозинати иониро нигоҳ медорад. Магний фаъолияти бисьёр ферментҳоро, ки дар ҳосилшавӣ ва тағирёбии карбогидратҳо, сафедаҳо, кислотаҳои органикӣ ва чарбҳо иштирок доранд метезонад; ба ҷойивазкунӣ ва мубодилаи пайвастагиҳои фосфорӣ ва сифати тухмиҳо таъсир мерасонад; пухтарасидани тухмиҳои ғалладонагиро метезонад ва ба беҳтар гардидани сифати онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Калсий дар мубодилаи карбогидратҳо ва сафедаҳои растаниҳо, инчунин, дар ҳосилшавӣ ва афзоиши хлоропластҳо иштирок месозад.

Калсий барои таъмини мӯътадили растаниҳо бо нитрогени аммиак зарур аст, ӯ барқароршавии нитратҳоро то аммиак душвор мегардонад ва аз калсий сохтани қабатҳои ҳуҷайраҳои мӯътадил вобастагӣ дорад. Фарқияти калсий аз нитроген, фосфор ва калий дар он аст, ки ӯ одатан бо миқдори зиёд дар бофтаҳои кӯҳна вомехурад. Дар растаниҳо калсий дар намуди намакҳои кислотаи оксалат ва пектинӣ, карбонат, фосфат ва сулфати калсий дучормегардад. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар хок барзиёдии калсий дар об ҳалшаванда ба баъзе намуди растаниҳо аз қабили чой, зағир ва картошка таъсири манфӣ дорад. Растаниҳо одатан калсийро дар намуди бикарбонатиаш аз худ мекунанд.

Оҳанро растаниҳо нисбат ба дигар макроэлементҳо бо миқдори хело кам истифода мебаранд. Ӯ бо таркиби ферментҳое дохил мегардад, ки дар ҳосилшавии хлорофилл иштирок доранд. Оҳан гарчанде ба таркиби хлорофилл дохил нест, бе ӯ синтези хлорофилл номумкин аст. Норасогии оҳанро бештар

дарахтҳои мевадиҳанда ва ангур ҳис мекунанд. Агар ӯ нокифоя бошад, афзоиши растаниҳо суст мегардад. Баргҳояшон дар аввал ранги сабзи баланд, баъд сафедча мегарданд.

Мис ба таркиби микроэлементҳо дохил мегардад ва бо миқдори хело кам аз тарафи растаниҳо истифода мешавад. Ӯ дар протсессҳои оксидшавӣ ва барқароршавӣ роли калонро бозида, аз ҳолати яквалентагӣ ба ҳолати дувалентагӣ ва баръакс мегузарад. Мис ҷузъи як қатор ферментҳои оксидкунанда, буда протсесси нафасгириро метезонад, ба мубодилаи карбогидратҳо ва сафедаҳо таъсир мерасонад. Дар зери таъсири мис дар растанӣ миқдори хлорофилл баланд мегардад, протсесси фотосинтез пурқувват мегардад, устувории растаниҳо ба касалии бактериалӣ зиёд мегардад. Дар ҳолати норасогии ин элемент имконияти намнигоҳдорӣ ва обфурубарии растаниҳо суст мегардад.

Марганетс дар протсессҳои фотосинтез, нафаскашӣ ва мубодилаи карбогидратҳо ва сафедаҳо иштирок мекунад. Хусусияти хоси марганетс ин аст, ки дар вақти истифодабарии намуди нитратии нитроген ӯ ҳамчун барқароркунанда ва дар вақти истифодабари шакли аммиакии нитроген ин металл худро ҳамчун оксидкунанда мебарад. Марганетс дар синтези витамини С иштирок мекунад, ҷамъшавии қандро дар решаҳои лаблабуи қанд, ва маводҳои ғалладонагӣ пурқувват мегардонад. Норасогии марганетс ба сустшавии решаҳова афзоиши растаниҳо, инчунин ба пастшавии ҳосилнокӣ оварда мерасонад. Аз тарафи дигар миқдори барзиёди ин элемент, ки дар заминҳои туршиашон аз ҳад зиёд вомехуранд, ба растаниҳо таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст.



**Лоиков ПАРВИЗ**
*докторант (PhD) 2 курса Института экономики и демографии АН Республики Таджикистан Академии наук Республики Таджикистан*

# ОСОБЕННОСТИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Вопросы инновационной экономики в современных условиях рыночной экономики республики связаны с рыночными отношениями. Как практика показывает, инновации направлены на рынок и удовлетворение его потребностей. Процесс внедрения инноваций охватывает практически все стороны деятельности предприятия. Сам поиск эффективных организационных форм управления инновациями основывается на умелом сочетании научно-инновационных и рыночных факторов. Внедрение этих поисков в производство и есть инновационная деятельность. Настоящее время научно обоснованная концепция инновация разрабатывается ведущими местными специалистами и учеными в области инновации а именно: профессор Саидмурадов Л.Х., Рашидов К.Р., академик АН Республики Таджикистан, Махкамов Б. и ряд другие ученые.

Итак, инновационная деятельность — это практическое использование инновационно-научного и интеллектуального потенциала в массовом производстве с целью получения нового продукта, удовлетворяющего потребительский спрос в конкурентоспособных товарах и услугах. Инновационная деятельность предполагает целый комплекс научных, технических, организационных, финансовых и коммерческих мероприятий.[1]

Целесообразность выбора способа и варианта техноло-гического обновления зависит от конкретной ситуации, характера нововведения, его соответствия профилю, ресурсному

[1] Поляков С.Г., Степнов И.М. Модель инновационного развития предприятия // Инновации, 2003. - № 2-3(59-60). – С. 36-38.

и научно-техническому потенциалу предприятия, требованиям рынка, стадиям жизненного цикла техники и технологии, особенностям отраслевой принадлежности. Жизнециклическая концепция инноваций играет очень важную роль в определении как максимального объема выпуска, объема продаж и прибыли, так и продолжительности цикла жизни конкретного новшества.

Принципиальные отличия инновационной деятельности предприятия от текущего производства заключаются в том, что оценка текущего состояния предприятия, в том числе и техники и технологии, строится на выявлении условий успеха на основании прошлого опыта и сложившихся тенденций.[2]

Инновационная деятельность характеризуется ускорением темпов создания новшеств, их диффузии, что способствует углублению и расширению структурных сдвигов в экономике, увеличению размеров рынка и удовлетворению существующих и возникающих потребностей.

Перестройка экономики на рыночных принципах требует обеспечения мирового класса качества производимых товаров, своевременного обновления продукции предприятиями и максимальной заинтересованности внедрения нововведений; высокой инновационной активности на базе собственного развивающегося потенциала. Вместе с тем мировая практика показывает, что государственная поддержка инновационной деятельности объективно необходима.

В настоящее время эффективность инновационной деятельности предприятия определяется, прежде всего, наличием отлаженной системы инвестирования, кредитования, налогообложения, функционирующих применительно к инновационной сфере научных разработок.

Инновационная сфера представляет собой: 1) систему взаимодействия инноваторов, инвесторов, товаропроизводителей конкурентоспособной продукции, услуг и развитой инфраструктуры; 2) рынок новшеств (новаций), рынок капитала (инвестиций) и рынок чистой конкуренции нововведений. Поэтому управление инновационным процессом

[2] Иванова Н. И. Наука в национальных инновационных системах// Инновации. – 2005. – №4.

становится ключом современной организации инновационной деятельности на микро- и макроуровнях.

Таким образом, инновационная деятельность предприятия не сводится только к созданию и внедрению новшеств, но и включает также разработку соответствующих структур, организационных форм хозяйствования и управления на производственных предприятиях.

Как же осуществляется инновационная деятельность фирм и корпораций в развитых странах?

Для того, чтобы изучить динамику правовой науки в различные этапы общественного развития, от которой зависит содержание, характер и качество оперативной деятельности, автор рассматривает их через призму социального времени и пространства. При этом обращает внимание на состояние чувственного восприятия правовой и оперативной практики. Именно поэтому, автор монографии анализирует, даёт оценку теоретическим подходам различных школ, знаменитых учёных, а также мыслителей, которые имели непосредственное отношение к процессу формирования и принятия политических решений. Одновременно сверяет их с политической практикой настоящего времени.

Следует подчеркнуть, что Р.Х.Рахимзода при использовании исторического подхода прибегает к ретроспективному анализу. Независимо от того, что автор практически «не может быть свидетелем эпохи», которую исследует, однако считает себя обязанным дать объективную оценку того времени, согласно научной истине. Рассмотрение положений настоящей монографии указывает на то, что её автор в основном научным, реже научно-публицистическим стилем, в исключительных случаях – художественной фразеологией, добивается создания реалистичной картины прошедшего периода. Несомненно, это ему удаётся.

Известно, что настоящим критерием истины является практика. Выводы автора монографии относительно использования принципиальных элементов исторического метода исследования основываются на проблемах простого созерцания, анализе, обобщениях, соответствующих выводах и научно-обоснованных рекомендациях по совершенствованию оперативной деятельности в направлениях защиты экономики.

Р.Х.Рахимзода, используя теоретический и эмпирический анализ, проявляет эффективное стремление оказать влияние на сознание читателя. Его умозаключения направляются адресно той категории лиц, деятельность которых непосредственно связана с защитой экономических интересов государства. Но и не только им. **По нашему убеждению, научные трактовки основных положений исследовательских материалов играют огромную роль для всех тех, кто интересуется проблемами политической, экономической и других сфер жизненно важных**

**общественных отношений. Они изложены выразительно, ясно и конкретно.** Имеют практическое значение для формирования мировоззрения, исключают догматические суждения относительно примитивности представления о развитии «экономических клеток», их роста до состояния удовлетворения общественных потребностей, независимо от степени охранительных мер. Автор убеждён, что формирование мировоззрения в целях защиты экономики зависит не только от уровня экономического развития государства, но и от качества воспитания, образования и просвещения. Новейшая история Республики Таджикистан, период гражданского конфликта является явным свидетельством такого отношения, когда вооружённые преступные группы не только предпринимали террористические акции в отношении конкретных лиц, но и сознательно уничтожали основные средства производства и важнейшие объекты национальной экономики.

В заключение следует отметить, что методы исторического исследования, применяемые Р.Х.Рахимзода в его работе, предоставили возможность выявить реалистичность бытия в предмете исследования, выбрать **«ведущий к нему путь истины».**

Таким образом, **«правильный рассудок это тот, который блещет не столько обилием понятий, сколько их соответствием с познанием предмета, следовательно, обладает способностью и навыком к схватыванию истины»[16]**. Сущность научной работы Р.Х.Рахимзода **«Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ)»** всецело соответствует этим требованиям.

---

[16] И.Кант. Изречения. – Калининград, 2010. - С.16.

# АДАБИЁТИ НАФИСА ВА РАВАНДИ ДИАЛЕКТИКӢ

**Абдулҳай МАҲМАДАМИНОВ**
*доктори илми филология , профессори ДМТ*
**М.СОЛЕҲОВ**
*н.и.ф., дотсент ДМТ*

*(Андешаҳо роҷеъ ба мақолаи узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ятимов «Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт») // «Илм ва ҷомеа» (Маҷаллаи академии илмию оммавӣ). – 2018. – №4 (12). –С. 5-39.*

Инсоният мавҷуди ягонаест, ки ба оламу мавҷудияти дигар муносибати бошуурона мекунад ва шохистар агар матраҳ бикунем, ҳиссу ҳаяҷон, эҳсососту таассурот, дарку биниш ва маърифат дорад. Ӯ тавассути муносибати бошууронаи хеш шохис намуд, ки асоси ҳастӣ ва пешрафт дар заминаи аносири мутақобила сурат хоҳад гирифт, ки қонунияти зуҳуру ташаккул ва таҳаввулу рушди онро диалектика мушаххас хоҳад кард ва кашфи ин қонун ба донишмандони Юнони Қадим мансуб аст. Пас афкори фалсафӣ чӣ бархӯрде бо каломи ҳунарӣ-сухани образнок дорад? Адабиёт тасвир ё худ тақлиди ҳаёт аст ва маърифати он бо неруи тахайюл ва ҷаҳонбинии адиб иртибот мегирад ва гиреҳ мехӯрад. Беҳуда ҳам нест, ки каломи ҳунарии манзуму мансурро тасвири бадеии ҳаёт унвон кардаанд. Зиёда аз он, адибони хушқареҳаро муҳандисони рӯҳии одамизод маърифат кардаанд, ки масъулияти номутаноҳист. Дар иртибот ба ин нукта ва масъалаи бағоят муҳим «доҳии модарзод» (С.Айнӣ) Аҳмадмахдуми Дониш дар пайравӣ ба омӯзаҳои суханварону мутафаккирони бузург, чун устод Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Шайх Саъдӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Абулмаонӣ Бедил ва дигарон оид ба интихоби касбу пешаҳо барҳақ афзалияти каломи ҳунарӣ ва мақоми баланди суханварро, ки табиатан ва моҳиятан ҷавҳари ақл ва рӯҳро афзун мегардонад, таъкид карда гуфтааст, ки ***«пешаҳои аҳли қалам бар ҳама саноеъ***

***шараф доранд, чунки аҳли қалам ашрафи табақоти мардуманд».*** Албатта, муассирии тасвир тавассути каломи ҳунарӣ дар назму наср то андозае мутафарриқ аст ва он пеш аз ҳама, идроку маърифат, ҷаҳонбинӣ ба ҳунар ва неруи тахайюл сахт вобастагӣ дорад. Ба ин маънӣ Рашидӣ оид ба тарҷеҳи каломи ҳунарии манзум қиёсан ба шеър таъкид мекунад, ки:

*Сухан гарчи мансур неку бувад,*
*Чу манзум гардад, накутар шавад…*

Суханшиносону пажӯҳишгарон оид ба шинохти каломи ҳунарӣ дар асрҳои миёна роҳҳои гуногунро таъкид кардаанд. Фаразан, шеър аз диди ҳакимон – файласуфон, нигоҳи тазкиранигорон оид ба каломи ҳунарии манзум, асарҳои назарӣ-адабиётшиносӣ дар кайфияти шеър, осори марбут ба илми бадеъ ва шеър аз диди эшон ва мунтаҳо, маърифати шеър дар довариҳои шоироне, ки ниҳоят густарда ва оммавист, зеро шоире қариб нест, ки дар фахрияҳои хеш аз каломи мавзуни хеш ва афзалияташ бо дигарон баҳс ба миён наоварда бошад.

Яке аз чунин қазоватҳо дар як фармудаи шоир ва донишманди Эрон М.Баҳор хеле ҷолиб ва матлубу мақбул рӯйи кор омадааст, ки мегӯяд:

*Шеър донӣ чист? Марвориде аз дарёи ақл,*
*Шоир он афсунгаре, к-ин турфа марворид суфт.*
*В-аз барои он ки ин гавҳар фароҷанг оварад,*
*Моҳҳову солҳо шоир наёсуду нахуфт.*
*Санъату вазну қавофӣ ҳаст назму нест шеър,*
*Ай басо нозим, ки назмаш нест, илло ҳарфи муфт.*
*Шеър он бошад, ки хезад аз дилу ҷӯшад зи лаб,*
*Боз дар дилҳо нишонад ҳар куҷо гӯше шунуфт.*
*Ай басо шоир, ки ӯ дар умри худ назме насохт,*
*В-ай басо нозим, ки ӯ дар умри худ шеъре нагуфт.*

Ҳадаф аз қазоватҳои фавқуззикри мо бардоште аз як мақолаи донишманди назариётчӣ, доктори улуми сиёсӣ, профессор С. Ятимов таҳти унвони «Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт» мебошад, ки чанде пеш дар маҷаллаи «Илм ва ҷомеа» ба табъ расидааст.

Мақолаи мазкур муштамил бар ҳашт қисм ва хулоса буда, сирф назариявист. Бахши аввали он, ки унвони умумии мақола аст, ба масоили комилан назарии зинаҳои маърифат ва воқеияти ҳастӣ бахшида шудааст, ки аз ҳар ҷиҳат бағоят ҷолиб мебошад.

Муаллиф барҳақ таъкид мекунад, ки агар роҳи дониш «Аз муроқибаи зинда ба тафаккури абстрактӣ ва аз он ба амалия» бошад, таҷриба татбиқи он аст, ки созгории назария ва амалия маърифат мешавад. Ин қазоват комилан саҳеҳ аст, зеро ҳанӯз 1150 сол пеш бузургвор Рӯдакӣ онро «таҷрибаи рӯзгор» таъбир намуда гуфта буд:

*Бирав зи таҷриба рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаволдис туро ба кор ояд.*

Ин аз он сабаб аст, ки он маърифати волои субъектро тақозо мекунад. Агар субъект дорои маърифати воло бошад, он гоҳ ӯ назокати таҷориби ҳаётро бо ҷузъиёти он метавонад нек маърифат бикунад ва агар алорағми он сурат бигирад, пас ҳадаф дастнорас хоҳад буд. Ин аст, ки Одамушшуаро Рӯдакӣ бо манзури қазовати фавқ боз мегӯяд:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Ҳатто дар ин қазоват сабақи ҳаёт қиёсан ба таълими устод тарҷеҳ дода мешавад, ки агар панди ҳаёт боасар бошад, андарзи устод низ дар ҳамон поя муассир хоҳад буд.

Васоити сеюми таҳқиқ ва гиромидошти воқеиятро назарияи адабӣ – зебоишинохтӣ маърифат намуда, ҳамаи инҳо дар масоили идроки авомили онтологӣ сахт мусоидат хоҳанд кард. Мо ҷонибдори ақоиди муҳаққиқ дар маърифат ва баҳодиҳӣ бо масоили матраҳшаванда ҳастем, зеро ҳадафи ниҳоии профессор С.Ятимов дар ин бахш тавъам омадани ақоиди назарӣ ба амалия мебошад, ки муҳаққиқ дар маърифати воқеии он комилан муваффақ гардидааст.

Адабиёт фанни миллист, ки қавитарин оҳангҳои башардӯстона дорад. Адабиёт ва хосса шеър – шуур аст ва ба ин хотир сатҳи тафаккури миллат аст. Аз ин рӯ, адабиёт яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ низ маҳсуб мешавад.

Каломи ҳунарӣ дар амалияи таҷрибаи эҷодӣ натоиҷи ҳиссу эҳсосот, тасаввур ва дарку идрок ва маърифати воқеият аст, ки манзур шинохти ҳастист. Ана дар ин ҷода адабиёт афзалият дорад, зеро каломи ҳунарӣ аст, ки дар шаклҳои манзуму мансур арзи ҳастӣ кардааст. Масоили фавқ дар фасли дуюми мақола мавриди баҳс қарор дода шудааст, ки он «Илм ва адабиёт» унвонгузорӣ шудааст. Муҳтаво ин аст, ки илм асосан бо далоилу бурҳон, қиёс ва мантиқ сару кор дорад ва адабиёт ба бадеъ.

Ба ин маънӣ профессор С.Ятимов менависад, ки: «Ворид гаштан ба моҳияти масъала тавассути абзори бадеӣ, гоҳо авлотар аз илм аст. Зеро илм ҷаҳонбинии мутахассисони самти муайяни ҳаёти инсониро баррасӣ мекунанд. Адабиёт «дили васеъ», диди васеъ дорад. «Шеърро ошиқ мекунад», олами табиат, набotот, ҳайвонотро ба гап медарорад. «Бо санги мазор гуфтугӯ мекунад», рӯд ӯро қисса мегӯяд, «Чашма аз кӯзабарсар омадани модар ҳикоят мекунад ва хор бо гуноҳи худ аз тасодуф пойи модарро захмин кардан хиҷолат мекашад». Ҳолоти фавқ, ки тасвирҳои ниҳоят маҳсус ва воқеиянд, ба эҳсосоти хонанда сахт асар намуда, ҳатто қалби хонандаро реш-реш месозад, ки муассирии каломи ҳунарии манзум аст. Умуман, дар ин бахш диди муҳаққиқ бар он аст, ки адабиёти асил, каломи ҳунарии дорои асолати ҳунарии воло тафаккурсозу давронсоз аст. Аз ин рӯ, адабиёт арзиши беқиёс дошта, ғолибан он ниёз ба донишу маҳорат ва ҳунару ҷаҳонбинии адиб дорад. Беҳуда ҳам нест, ки «шоирро дар синаи миллат дил» таъбир кардаанд.

Адабиёт ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ дорои ғояи муайян эҷод мешавад ва бидуни он имкон надорад. Масоили «Адабиёт ва идея» дар бахши сеюми мақолаи С.Ятимов мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки ниҳоят муҳим, проблемавӣ ва ҳаматарафа арзишманд мебошад.

Идеяи олӣ маҳсули даҳои адиб аст, ки то кадомин поя таърихи миллат, фарҳанги миллӣ, адабиёт ва умуман, осори маънавии миллӣ, ҳикмати назарӣ ва амалӣ, мантиқ ва ғайраро хуб фаро гирифта бошад. Масалан, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар баробари фаро гирифтани урфу одат, орзуву омоли миллӣ, таърихи миллат, фарҳанги миллӣ, инчунин ҳушдорҳои ҷолиб дорад, ки барои огоҳии миллат дастури ҳаётист. Фаразан, падидаи фавқ зимни образҳои Рустаму Суҳроб боз ҳам хубтар ба тасвир омадааст. Асоси ғоявии аср танҳо хоси як давраи муайян

набуда, дастури ҳаётии ҳамешагии миллист. Яъне ҳушёрӣ ва зиракии сиёсӣ асоси ғоявӣ, бунёди аҳдофи эҷодкор аст. Шоир ҳушдор медиҳад, ки душманони миллат на танҳо миллатро ба гирдоби хунин мекашанд, балки падару фарзандро қотили якдигар мекунанд. Онҳо ба Суҳроб «панд» доданд, ки эҳтиёт кун, фирефта нашав, зеро ин гурги пир тамоми умр таҷриба ғун кардааст. Ба Рустам гуфтаанд, ки таҷориб ва маҳорате, ки ту дорӣ, нашавад, ки ҷавоне бо фиреб ба ту пирӯз шавад. Ин буд, ки онҳо чашми дидани якдигарро надоштанд. Дар натиҷа хунбортарин фоҷиа зуҳур кард.

Ғоя дар навбати худ ормонӣ, таманнои ва идеалӣ низ мешавад, ки ширинтарин тарзи рӯзгор дар он мавриди арзёбӣ қарор мегирад. Муаллифи мақола барҳақ таъкид менамояд, ки «Идея таҷассумгари ақл» хирад, илм, дониш ва маърифату ҷаҳонбинии инсонист».

Воқеан ғоя ду навъ аст: ғояи пешқадам, ки татбиқи он боиси пешрафту инкишоф хоҳад буд. Ғояи қафомонда ё иртиҷоӣ, ки ғолибан хоси афроди ҷудогона аст.

Ғоя тавассути каломи ҳунарӣ шакли воқеӣ касб мекунад ва он вобаста ба даҳои адиб арзиш пайдо намуда, дар шинохти он нақши ҷомеа меҳварист. Аз ин рӯ, дар фасли чаҳоруми мақола – «Диалектикаи воқеият ва диалектикаи идеяҳо» қонунияти зуҳуру ташаккул ва инкишофи идеяҳо (ғояҳо) ва таносуби онҳо ба қонунияти инкишофи воқеият таҳлил карда шудааст, ки басо ҷолиб ва арзишманд аст. Муҳим он аст, ки авомили ҷузъии илмситезӣ, донишситезӣ ва дурӣ аз ҳақиқати воқеӣ, тира сохтани ақли мардум аст. Дар ҳамин бахш нақши абарқудрати сиёсӣ, ки намояндаи миллат аст, нишон дода мешавад, ки то кадомин андоза дар камолоти миллат ва дифои он саҳмгузор аст.

Муҳаққиқ авзои сиёсӣ-таърихии миллатро дар солҳои 90-уми садаи XX таҳлил намуда, нақши симои абарқудрати сиёсӣ ва рисолатҳои таърихии баҷоовардаи онро ошкор месозад, ки ҷанбаи таърихии ин проблема дар давлатсозии миллӣ, тафаккурсозии миллӣ ва ваҳдати миллист.

Фасли панҷуми мақола «Адиб ва тафаккури бадеӣ» ном дошта, дар он таъкид мешавад, ки адиб ҳамчун субъекти эҷодкор вобаста ба донишу ҷаҳонбинӣ ва умуман тафаккури бадеии хеш эҷод мекунад. Агар эҷоди ӯ ухдабароёна бошад, иштиҳор пайдо хоҳад кард. Асолати ҳунари эҷоди эҷодкор маҳбубияти осори

офаридааст. Адиб ҳамчун олими рӯҳшинос бо эҷоди равонковонаи хеш дар қалби миллат ва одамон ҷой мегирад.

Фасли шашуми мақолаи С.Ятимов «Генезис ва адабиёти муосир» ном дошта, муҳаққиқ бузургтарин дастоварди миллат тӯли таърих адабиёти беқиёсу оламгири миллиро медонад, ки таърихи панҷҳазорсола дорад. Воқеан, донишманди шинохтаи Эрон Рукниддини Ҳумоюнфаррух бо номи «Таърихи 8-ҳазорсолаи шеъри форсӣ» муштамил ба ду муҷаллад китоб дорад, ки боз ҳам куҳантаърих будани каломи ҳунарии миллии мост.

Муҳаққиқ дар ин қисмат ба мақоми илм низ таваҷҷуҳи хос дорад, ки дар ин ҷода дар такя ба як қазовати Носири Хусрав илм – ҳастии инсон маърифат карда мешавад. Албатта, шинохту қадршиносии илм дар Ислом ва адабиёти тоҷик комилан хос аст. Фаразан, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар ин хусус басо ҷолиб қазоватҳо дорад, аз ҷумла:

*Хотами мулки Сулаймон аст илм,*
*Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.*

Ё худ:

*Хоб бедорист, чун бо дониш аст,*
*Войи бедоре, ки бо нодон нишаст.*

Муаллиф дар ин бахши мақолаи хеш роҷеъ ба моҳияти фалсафии илм баҳси бунёдӣ мекунад, ки ниҳоят пурарзишу пурманфиат аст.

Фасли охири мақола «Адабиёт ва принсипи таърихият» ном дошта, дар ин қисмат муҳаққиқ моҳияти созандагӣ, бунёдкорӣ, давронсозии каломи ҳунариро ошкоротару возеҳтар баён менамояд, ки басо ҷолиб аст. Ӯ менависад: ***«Омӯхтани таърихи халқ бе донистани таърихи адабиёт, ёдгориҳо ва равандҳои адабӣ ғайриимкон, ҳадди ақал номукаммал аст. Адабиёт худ таърих, тафсири ҳаёти фикрӣ ва ҷамъиятии миллат аст. Дар он воқеияти таърихӣ, шакл ва тарзи тафаккури ӯ бо ифодаи образҳо ва тасвирҳои бадеӣ сурат мегирад».***

Муҳаққиқ дар фуроварди мақола ба натиҷагириҳои боз ҳам шохистаре омада тавонистааст, ки чун инсон ашрафи махлуқот аст, бояд ҳама чиз дар олами мавҷуд барои инсон ва манфиати

он бошад. Ӯ қазовате аз Ҳаким Фирдавсиро тарҷеҳ медиҳад, ки гуфтааст: «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем» ва қазовати дигаре аз Арасту оварда, ки «Мақсадгузорӣ – воқеият аст. Тавассути амалӣ кардани он мақсад ба даст меояд».

Воқеан, каломи ҳунарии асил фарогири кулли ниёзҳо ва ҳадафҳои инсон аст. Зиёда аз ин, болоравии маънавияти ҷомеа маҳсуб мешавад.

Адабиёти миллӣ, пеш аз ҳама, сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии миллат аст. Тавъам бо он адабиёти миллӣ ормоннома, таманонома ва ҳадафномаи миллат буда, таърихи мукаммали миллат ва корномаи миллист. Аз ин хотир, мақолаи профессор С.Ятимов «Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт», хосса барои мутахассисони соҳаи филология асари рӯймизист, зеро он бисёр масоили фалсафӣ – назариявӣ ва эҷодӣ- татбиқии каломи ҳунариро бо ҷузъитарин аносири фарогир дар бар гирифтааст ва комилан илмию назариявист. Амалӣ гардидани андешаҳои судманди дар ин мақолаи бунёдӣ матраҳгардида дар оянда, албатта, ба рушду нумӯи адабиёти нафиса ва ғанӣ гардидану пешрафти маънавияти ҷомеа комилан мусоидат хоҳанд кард.

# МУШКИЛОТИ ТОҶИКОН ДАР МАСИРИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

**Назрӣ АСАДЗОДА**

*(таассурот аз мақолаи С.Ятимов “Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт”)*

Агар бигӯем, ки фақат омилҳои объективӣ сабабгори аслии зуҳури мушкилоти қабливу феълии миллии мост, ин дидгоҳи дуруст ва воқеъбинона нахоҳад буд. Чунин андеша дар бораи мушкилоти миллии гузашта ва шинохти ишколоти вазъи кунунии ҷомеаи мо на фақат воқеъбинона нест, балки ҳатто дар роҳи рушди мо ба сӯи оянда аз лиҳози зеҳнӣ монеа эҷод мекунад ва шонаҳои моро аз пазириши бори масъулият дар назди тамоми нокомиҳои гузаштаву ҳозираи ҷомеаи хеш то андозае сабукбор месозад. Ин гуна шинохт ва ҷаҳонбинӣ роҳро ба таври фарох ба сӯи фатализму тақдиргароӣ ва дар зимн бемасъулиятӣ боз хоҳад гузошт.

Бо чунин андеша ва шинохт мо ҳамеша тамоми мушкилоти қаблӣ ва феълии миллии хешро фақат ба вазъу шароити номусоиду душвори таърихӣ, "ҷабри таърих" ва ҳатто "сарнавишт"-у "қисмати талх"-и хеш марбут медонем ва худро миллати мазлуме тасвир мекунем, ки мудом ҷабру ҷафои таъриху тақдирро кашидааст. Дар чунин ҳол мо ҳамчун ҷабрдида ҳамеша интизор хоҳем буд, ки ҳамон Таърих ва ё Тақдир ба ҳайси додситони азалӣ кай аз рӯи адолат қарор хоҳад баровард ва вазъи мушкили моро осон хоҳад кард.

Чунин тафсир кардани воқеият ба мо имкон нахоҳад дод, ки ба неру ва тавоноии худ боварманд бошем ва мутмаин шавем, ки қудрати тағйир додани вазъи худ ва ҷомеаи худро дорем. Асли ин мушкилотро набояд ба печидагиҳои вазъи иқтисодиву сиёсии кунунии кишвар рабт дод. Решаи ин мушкилоти деринаро аз умқи зеҳн ва равони миллии мо ва ба таъбири маъмул аз шуури ҷамъиятии мо бояд ҷуст. Сарнавишти мо дар сиришти мост.

Рушди миллӣ ба сатҳи ташаккули тафаккури миллӣ робитаи мустақим дорад ва ҳамчунин маншаъи мушкилоти ҳар ҷомеае низ аслан дар шуури ҷамъиятии он аст. Мушкилоти ҷомеаи мо низ аз ин қоида мустасно нест. Лозими таъкид аст, ки дар масири шинохти мушкилоти миллӣ дар ҷомеаи мо давоми чанд соли охир пажуҳишҳои арзишманде сурат гирифтаанд, ки бештарини онҳо ба қалами узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ С. Ятимов мутааллиқ аст. Навиштаҳои ин донишманд таҳти унвонҳои "Идеологияи давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ" (соли 2014), «Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ»(соли 2014), «Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ»(соли 2015), «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ»(соли 2016), «Илм ва амният»(соли 2017), «И. Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ»(соли 2018), "Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ" (соли 2018) таҳаввулоти созандаеро дар афкор ва рафтори ватанпарастону миллатдӯстон эҷод кард. Боиси хушнудист, ки чанде пеш дар маҷаллаи академии илмию оммавии "Илм ва ҷомеа", ки таҳти сарпарастии Академияи илмҳои Тоҷикистон нашр мешавад, мақолаи дигари С.Ятимов таҳти унвони "Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт" интишор ёфт. Ин навишта идомаи мантиқии навиштаҳои қаблии муаллиф аст, ки дар ростои шинохти мушкилоти миллӣ эҷод шуда, роҳкорҳои ҳалли ин мушкилотро ироа медорад. Аз ин навиштаи муаллиф низ метавон натиҷагирӣ кард, ки худсозиву ҷомеасозӣ ва дар маҷмуъ ҷаҳонсозии миллатҳо аз сатҳи худшиносӣ ва ҷаҳоншиносии онҳо вобастааст.

Муаллиф пойдории истиқлолияти сиёсии миллатро бидуни истиқлолияти зеҳнии миллат номумкин медонад. Ӯ дар ин маънӣ мегӯяд: **"Идеяи марказии давлати миллӣ – истиқлолият аст. Он ҳамчун факти ҳуқуқӣ ва далели воқеӣ эълом ва таъмин гардидааст. Бо тамоми имконот, дар бадали ҷон ҳимоя карда мешавад. Аммо мақсади аслӣ – истиқлолияти зеҳнӣ, маънавӣ, идеявӣ, амалӣ гаштани ормонҳои давлати миллӣ, мувофиқ кунонидани тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинӣ ба ормонҳои миллӣ аст. Давлатҳое, ки дар онҳо мақсадҳои сохтмони давлати миллӣ тавъам бо ормонҳои аслии дар қонун эълонкардашуда ба**

**ҷаҳонбинии аксари аъзои ҷомеа мувофиқат намекунанд, наметавонанд босубот, пойдор, бегазанд ва бардавом монанд".**

Муаллиф шинохти дурусти воқеият ва манофеи миллиро аз тарафи миллат омили пойдории давлатдории миллӣ медонад. Ӯ дар ин бора таъкид доштааст, ки: **"Пойдории сохти давлатдорӣ – аз устувории сохти ҷаҳонбинии аъзои ҷомеа, дар вобастагӣ ба инъикоси воқеият ва манфиатҳои миллӣ, қарор дорад".**

Он чӣ дар ин росто муаллифро нигарон мекунад, кайфият ва чигунагии "ҷаҳонбинии имрӯзаи ҷомеа"-и мост. Ӯ бо таваҷҷуҳ ба муҳимияти ин масъала воқеъбинона мефармояд, ки: **"Ҷаҳонбинии имрӯзаи ҷомеа, ба ғайр аз ҷузъиёти мусбате, ки дорад, наметавонад ба пуррагӣ аз ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафаккури фалсафӣ-таърихии замони ҳадди ақал сад сол пеш фосилаи зиёд дошта бошад".**

## 1. Маншаъи мушкилоти миллии мо чист?

Дар воқеъ феълан дар ҷомеаи мо мушкилот хеле зиёд аст. Мавҷудияти ин мушкилотро, ки самтҳои муайяни ҷаҳонбинии моро фаро гирифтааст, набояд фақат марбут ба фаъолияти нокифояи насли имрӯзи ҷомеа донист, зеро онҳо решаҳои хеле амиқи таърихӣ доранд. Ин мушкилот дар байни гурӯҳи ҷавонони кишвар сардаргумиеро ба вуҷуд овардааст, ки роҳи берун рафтан аз ин он гоҳе баид ба назар мерасад. Ба хотири пойдориву мондагории давлатдории миллӣ, ки арзишмандтарин дастоварди миллати мо дар тӯли ҳазор соли охир аст, набояд гузошт, ки вазъияти мазкур беш аз пеш печидатару мураккабтар гардад. Пас дар шароити кунунӣ дарёфти роҳи берун шудан аз ин бунбасти маънавӣ тадбири бениҳоят муҳимест, ки анҷом додани он зарур аст. Барои ҳалли ин масъала бояд қаблан донист, ки ангезаву хостгоҳи аслӣ ва ба таъбири маҷозӣ "модар"-и мушкилоту заъфи миллии мо дар чист? Бо таҳқиқи заминаҳои заволи давлатдориҳои миллии мо дар тӯли ҳазор соли минбаъдаи бедавлатӣ, ҳамчунин таҳлили вазъи кунунии ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки асл ва хостгоҳи мушкилоту заъфи миллии моро аз равони миллӣ (*англ.* national psyche; *рус.* национальная психика)-и мо ҷустуҷӯ бояд

кард. Омили мушкилоти кори миллат аслан дар афкори миллат аст.

Баррасии ин масъала, яъне пажуҳиши шуури ҷамъиятӣ дар сатҳи миллати мо ниёз ба як таҳқиқоти академӣ дорад, ки баҳри таҳқиқи он равоншиносон ва ба вижа равоншиносони миллӣ (этнопсихологҳо), равоншиносони иҷтимоӣ, антропологҳо, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон ва дигар олимони соҳаҳои марбута бояд ҷалб карда шаванд.

Шарҳу баёни муҳимияти ин масъала вақти хеле зиёдеро тақозо мекунад, ки ба хотири тӯлонӣ нашудани ин навишта аз тавзеҳи он сарфи назар мекунем. Аммо бо вуҷуди худдорӣ кардан аз тавзеҳи муфассали ин масъала мебояд ба таври мухтасар ироа кард, ки чаро пажуҳиши масъалаи мазкур то ин ҳад муҳим ва зарур аст. Барои шинохти ҷойгоҳи омилҳои равонӣ ва умуман психикаи миллӣ дар ростои рушди миллӣ нигоҳи тезболу иҷмолие ба таърифҳои якчанд мафҳумҳои маълуме мекунем, ки марбут ба миллат ва муаррифи миллат аст. Қабл аз ҳама худи мафҳуми миллатро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Таҳқиқ мекунем, ки оё дар ин таъриф ба омилҳои равонӣ ишора шудааст ва агар ишора шудааст, пас онҳо дар ташаккули миллат чӣ ҷойгоҳе доранд?

Мафҳуми миллат ба гунаҳои мухталифе ташреҳ шудааст, ки таърифи тавассути мактаби фикрии марксистӣ ироашудаи он аз маъруфтарини онҳост. Дар ин таъриф доштани қаламрави ягона(1), забон(2), иқтисодиёт(3), мавҷудияти давлати миллӣ ва ё нияти доштани давлати миллӣ(4), ***анъанаҳову расму оину фарҳанг(5)*** *ва* ***ғояи миллӣ(6)*** нишонаҳои аслии миллат дониста шудааст.

Аз дидгоҳи мактаби конструктивизм (масалан, Эрнст Ренан) ***шуури миллӣ(1), хоҳиши ҳамзистӣ,*** *яъне* ***ҳамгироии иҷтимоӣ(2)*** аз умдатарин нишонаҳои миллат аст.

Реформистон ***умумият*** *(общность)* ***-и устувори гурӯҳи одамон(1),*** ***ориентатсияи миллӣ(2), хотира ва тақдири умумии таърихиро(3)*** шохиси аслии миллат донистаанд.

Бубинед, ки аз нишонаҳои номбаршуда бештаринашон ҷанбаи равониву зеҳнӣ доранд, аз ҷумла ғояи миллӣ, расму оину фарҳанг, шуури миллӣ, хоҳиши ҳамзистӣ(ҳамгироии

иҷтимоӣ), умумияти устувори гурӯҳи одамон, ориентатсияи миллӣ, хотира ва тақдири умумии таърихӣ.

Баррасии омилҳои қудрати миллӣ(национальная мощность) низ бозгӯи он аст, ки авомили равониву зеҳнӣ дар ин росто ҷойгоҳи хеле муҳим доранд. Масалан аз нигоҳи Ганс Моргентау қудрати миллӣ аз 8 омили зерин вобаста аст:

1) Мавқеи ҷуғрофӣ;
2) Аҳолӣ;
3) Иқтидори иқтисодиву саноатӣ;
4) Иқтидори низомӣ;
5) Сарватҳои табиӣ;
***6) Характери миллӣ;***
***7) Ахлоқи миллӣ;***
***8) Кайфияти умури дипломатӣ.***

Яъне 3 унсури муҳими қудрати миллӣ (характери миллӣ, ахлоқи миллӣ, кайфияти умури дипломатӣ) куллан падидаи равонӣ буда, ба шуури ҷамъиятӣ марбут аст ва илова ба ин падидаҳои боқимонда низ маҳз дар заминаи ташаккули тафаккури миллӣ метавонанд барои тақвияти қудрати миллӣ таъсиргузор бошанд.

Психологияи миллӣ, яъне равони милливу шуури ҷамъиятии мо, ки муҳимтарин қисматҳои таркибии он ё ба таъбире компонентҳои он характери миллӣ, ҳисси миллӣ, аҳдофи миллӣ, ориентатсияи миллӣ, худшиносии миллӣ, тафаккури миллӣ, ҳувийяти миллӣ, менталитети миллӣ, рӯҳияи миллӣ ва фарҳанги миллӣ аст, дар тӯли таърих ба деградатсия дучор шудааст.

Барои дарки ин масъала дар такя ба иттилооте, ки аз осори муаррихони Юнону Руми бостон, аз ҷумла Ҳеродот (484-425 пеш аз мелод), Ксенофонт (444-356 пеш аз мелод), Аммиан Марселлин (330-395 мелодӣ) ва ғайра ба даст омадааст, агар портрет ва ё симои психологии ориёиҳои пешин, яъне ниёгони худро тасвир кунем, чунин хоҳад буд: мардуме шуҷоъ, муҳорибу ғолиб, ҷавонмард, озода, қатъӣ, дорои рӯҳияи ҷангии баланд, муттаҳид ва артишдор.

Аммо бар асоси маълумоте, ки аз осори баъзе адибону муаррихони форсу тоҷик (аз ҷумла Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абулфазл Муҳаммад бинни Ҳусайни Байҳақӣ) ва муаррихону коршиносони хориҷӣ, минҷумла Е.К.Мейендорф (дар китоби «Саёҳат аз Оренбург ба Бухоро»), А. Д. Гребенкин (дар китоби «Тоҷикон») ва ғ. бармеояд, агар симои психологии аҷдоди худро дар асрҳои миёна тасвир кунем, ба тафовут аз портрети боло симои куллан мутафовите падид меояд, яъне мардуме нармхӯю муросокор, заиф, парокандаву номуттаҳид, мағлубу мазлум, ҷабрдида, таҳқиршуда ва мутеъ.

Ин симои ҳақиронаро дар пасманзараи ҷумлаи зерини С.Ятимов, ки ҳини арзёбии эҷодиёти С.Айнӣ баён доштаанд, метавон дид: **“Эҷодиёти устод Айнӣ, барҳақ, таҷассумгари як навъ давраи гузариш аз ҳаёти ҳазорсолаи истибдодӣ, ғуломӣ, «одинагӣ», ҷаллодии ғарқи матои хурофотӣ ва тафаккури ниҳоят қафомондаи асримиёнагӣ ба замони худшиносии миллӣ мебошад”.**

Бубинед, ки аз он рӯҳияи ҷавонмардонаву барозандаи “рустамона”-и замони ориёӣ то ин рӯҳияи залилу ҳақиронаи “одинагӣ”-и мардуми ориёнажоди кунунӣ, яъне мо фарқият ғайри қобили қиёс аст. Ин тағйироти ҷиддӣ бозтоби дегредатсия(таназзул)-и рӯҳияи миллии мост.

Дар ин муддати тӯлонии таърихӣ, яъне қариб ҳазор сол сатҳи худшиносии мардуми мо бо вуҷуди пешрафти тадриҷии ҷомеаи башарӣ на фақат рушд накард, балки ба тадриҷ таназзул ёфт. Дар асрҳои миёна ҳадафи эҳёи давлатдории миллӣ на фақат дар зеҳни омма, балки ҳатто дар зеҳни намояндагони равшанфикр ва олимону адибони мардуми мо вуҷуд надошт. Мубориза҆ову исёнҳо ва шӯришҳои мардумии истиқлолиятҷӯёнаи мо дар ин муддат қариб ба ҳадди нестӣ расиданд. Агар ин гуна шӯришҳо аҳёнан ҷое рӯй медоданд, онҳо хусусияти маҳаллӣ доштанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ фарогир набуданд ва ҳадафҳои сиёсиву истиқлолиятҷӯёнаро пайгирӣ намекарданд. Ин шӯришҳо аслан фарёди мардуми мазлуме буд, ки аз аҷнабиён на Ватан ва дастгоҳи давлатдорӣ, балки фақат кам кардани ҷабру зулмро талаб мекарданд. Барои мисол муқоиса кунед шӯриши Бобаки Хуррамдинро бо шӯриши Восеъ. Ҳадафҳои ин

шӯришгарон бозтоби чигунагии рӯҳияи миллӣ, худшиносии миллӣ, сатҳи тафаккури сиёсии аҷдоди мо дар он гузаштаҳои дур ва наздики таърихӣ аст. Афсӯс, ки дар ин марҳилаи тӯлонии замон ва фосилаи таърихӣ мо на такомули рӯҳияву худшиносии миллӣ, балки деградатсия ва таназзули онро мушоҳида мекунем.

Дар ин марҳила зиёиёни миллат "Искандарнома"–ву "Темурнома"–ҳо менавиштанд, зеро миллат дигар ориентатсияи миллии худро аз даст дода буд. Мавҷудияти чунин асарҳои бадеӣ дар адабиёти асримиёнагии миллати мо бозтоби рӯшани вазъи шуури ҷамъиятӣ ва тарзи тафаккури мардуми мо дар он замон аст. Дар бораи ин хусусияти асарҳои бадеӣ С.Ятимов барҳақ гуфтааст, ки: **"Адабиёт худ таърих, тафсири ҳаёти фикрӣ ва ҷамъиятии миллат аст. Дар он воқеияти таърихӣ, шакл ва тарзи тафаккури ӯ бо ифодаи образҳо ва тасвирҳои бадеӣ сурат мегирад. Маҳз ба ҳамин хотир, таърихшиносон тадқиқотчиёни методи таърихӣ, ҳамчун методи диалектикӣ омӯхтани ҷараёнҳои адабӣ, субъект ва объекти тасвири бадеиро шарти муҳимми таҳқиқоти илмӣ меҳисобанд. Онро ҳамчун падидаи самарабахши шинохти қонунмандиҳои зуҳур, рушд ва такмили тафаккури миллӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ, ҷиддан мадди назар мегиранд".**

Чигунагии рӯҳияву андеша ва сатҳи тафаккури миллатро дар тӯли таърих аз забони миллат низ метавон дарёфт. Забони ҷамъият на фақат василаи ифода ва таҷассуми андешаву шуури ҷамъиятӣ, балки воситаи инъикоси сатҳи рушди фикрӣ ва ориентатсияи миллӣ низ буда метавонад. Аз вожаҳову истилоҳоту мафҳумҳои роиҷи забон ва корбурди онҳо дар тӯли замонҳои муайян метавон пай бурд, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ нерӯҳои зеҳнии ҷомеа ба кадом самтҳо тамоил доштанд ва ориентатсияи миллӣ ба кадом самт нигаронида шуда буд. Масалан, мафҳумҳои ирфонӣ дар осори хаттӣ ва шифоҳии халқи мо дар асрҳои XIII-XIX бозтоби ба масоили абстрактиву метафизикӣ таваҷҷуҳи фавқулода ва бардавом доштани гузаштагони мо аст. Дар ин муддати тӯлонии таърихӣ нерӯҳои зеҳнии миллати мо аслан дарк ва шинохти воқеият ва ҳақиқати олами ҳастиро фақат аз тариқи басирату интуитсия имконпазир дониста ағлабан корбурди усулу услубҳои хирадгароёнаву истидлолҷӯёна ва таҷрибиро қобили қабул намедонистанд ва

ҳатто амале хато ва шаккокона меҳисобиданд. Аз ин буд, ки мо гӯё рӯ ба олами кубро ва ухро таваҷҷуҳе ба олами суғро ва дунё надоштем. Машғули кашфу шуҳуди руъёиву тахайюлӣ аз кашфи асрори табиӣ ва дунёи воқеие, ки дар он ба сар мебурдем, амдан ғафлат меварзидем. Аз ин рӯ тафаккури мантиқиву улуми табиӣ дар ҷомеаи асримиёнагии мо бар хилофи Аврупо чандон рушд накард ва мо бо ин сабаб аз масири рушду пешрафти илмиву технологӣ берун афтодем.

## 2. Бухрони ҳувийятӣ ва мушкилоти тоҷикон дар масири ҳувийятсозии миллӣ

Ҳеҷ ҷои инкор нест, ки тағйири шуури ҷамъиятӣ ва дар зимн ҳувийяту менталитети миллии мо дар паи адаптатсияву мутобиқшавии равон (психика)-и миллӣ ба таъсиргузориҳои носолими муҳити иҷтимоиву сиёсӣ ва таърихии пур аз мушкилоту фоҷеаи миллатамон ба вуҷуд омадааст. Дар ин маънӣ ҳақ ба ҷониби С. Ятимов аст, ки мегӯяд: **“Иқрор бояд гашт, аз маърифати дунявӣ, донишҳои илмӣ, ки тавассути он зиндагӣ пешрав мегардад, канораҷӯӣ кардан як навъ ҷаҳонбинии таърихан шаклгирифта мебошад. Миллат дар он гунаҳгор нест. Аҷнабиҳои манфиатдор бо зӯру истибдод асрҳо ин тарзи тафаккурро ба мардум бор кардаанд. Албатта, бо мақсади осудатар, самараноктар ҳукми ғуломдорӣ рондан”.**

Ҳувийяти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки дар тӯли таърих шакл мегирад ва унсурҳои таркибии он бо мурури замон ба қолабҳои фарогири фикрӣ ва меъёрҳои устувори рафторе табдил меёбанд, ки омма ба таври ғайриироди онҳоро риоят мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба таърифҳои мутааддиди мафҳуми “ҳувийяти миллӣ”, ки дар ҳавзаҳои илмии Ғарбу Шарқ мавриди пазириш қарор гирифтаанд, онҳоро метавон ба таври фишурда мазмунан дар ду шакл ва қолаби зерин баён дошт:

1) Ҳувийяти миллӣ эҳсоси мансубияти фард ба миллат ва пазириши масъулият дар назди он аст.

Ин таъриф комилан бо муҳтавои мафҳумҳои инглисии “national identity” ва русии “национальная идентичность” айният дорад.

2) Ҳувийяти миллӣ маҷмӯи хусусиятҳои равонии ба ҳам монанди намояндагони миллат ва ё гурӯҳи этникиест, ки дар робита ба шакли ҷаҳонбинӣ, муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсиву ҷуғрофӣ ба таври устувор ҳамчун қолаб ва меъёрҳои рафтор дар шуур ва зершуури ҳомили худ шакл гирифта, андеша ва амали ӯро танзим мекунад.

Дар робита ба моҳияти таърифи мазкур мафҳуми “ҳувийяти миллӣ”-ро метавон бо мафҳуми “менталитети миллӣ” (*англ.* “national mentality”; *рус.* “национальний менталитет”) муродиф донист.

Бо таваҷҷуҳ ба ҷавҳари маънии ҳар ду таъриф метавон пай бурд, ки бо вуҷуди ҳама тафовутҳо дар ҳар ду маврид ҳам мафҳуми “ҳувийяти миллӣ” фарогири хусусиятҳои равониву иҷтимоиест, ки иртиботи намояндагони миллатро ба миллат ифода ва инъикос мекунад.

Дар воқеъ ҳувийяти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки аз дидгоҳ ва фаъолияти амалии намояндаи миллат ошкор мешавад. Ин мафҳум бо мафҳуми “худшиносии миллӣ” иртиботи мустақим дорад.

Заиф ва ё қавӣ будани ҳувийяти миллии намояндагони миллат маҳаки асосии ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳост.

Омилҳое, ки боиси заиф шудани ҳувийяти миллӣ ва монеаи ташаккули он мешаванд, мутааддид аст. Истилои аҷнабиён ва қатлу тороҷгариҳои бардавоми онҳо, вазъи истеъмории беш аз ҳазорсола, таҳмили муқаддасоту арзишҳои бегона ва тарҷеҳ додани онҳо бар арзишҳои миллӣ, маҳалгароӣ ва ғ. аз қабили чунин омилҳост.

Яке аз муассиртарин омилҳои заъфи ҳувийяти миллии мо он буд, ки рӯҳониён тӯли асрҳои миёна ҳастии мардуми моро ба воситаи ислом табартақсим мекарданд ва исломро ба табари тезе табдил дода буданд, ки шоху навдаи дарахти барӯманди ҳастии миллати моро аз решаи таърихии даврони бостонии пурифтихори он ҷудо мекард. Мутаассифона, дар тӯли таърихи

беш аз 1400-солаи ҳамзистии арзишҳои исломӣ ва миллӣ ҳамеша вазъият чунин буду феълан низ чунин аст. Пешвоёни дин хоса дар қаламрави зисти мардумони форсизабон чӣ дар замони гузашта ва чӣ ҳозира ба шеваҳои мухталиф ҳамеша паи тардиди арзишҳои миллӣ талошҳои шадид доштанду доранд ва мутаассифона, аз эҳёи арзишҳои миллӣ ва таърихии бостонии тоисломии форсу тоҷикон меҳаросанд. Масалан, аз таҷлили рӯзи Куруш дар Посоргод ва ҳузури ҳаводорон дар оромгоҳи ӯ ҷилавгирӣ кардани ҶИЭ ҳатто бо корбурди нерӯи низомӣ ва артиш, ба вижа дар таърихи 28/29.10.2017 далели рӯшани ин иддаост. Ташвиқоти шадиди домуллоҳои шинохтаву ношинохтаи қаламрави Тоҷикистону Афғонистон дар бораи "савоб"-и гузоштани номҳои ба таъбире "исломӣ"(аслан арабиву ибрӣ) ва "гуноҳ"-и гузоштани номҳои "маҷусӣ", яъне миллӣ далели дигари ин гуфтаҳост.

Бидуни шак ҳувийяти омиёнаи тоҷикӣ (на миллӣ) таркибе омехта ва ҳатто мутаноқиз дорад. Феълан ба хотири ташхиси ин масъала ҳувийяти маъмулии воқеан вуҷуддоштаи аксарияти мардуми кишварро бо маҳаки ҳувийяти миллӣ ва ҳувийяти динӣ "бармекашем".

Барои дарки дурусти масъала дар таснифоти зерин таркиби якчанд ҳувийятҳои иҷтимоии маълум, аз ҷумла ҳувийяти миллӣ, ҳувийяти динӣ(исломӣ) ва ҳувийяти маргиналиро “мекушоем” ва онро бо ҳувийяти омиёнаи тоҷикӣ қиёс менамоем.

## I. Нишонаҳои ҳувийяти миллӣ:
(манзур ҳувийяти ормонӣ, идеалӣ ва боистаи миллӣ аст)

1) эҳсоси мансубият ба миллат ва пазириши масъулият дар назди он;

2) дар авлавият гузоштани манфиатҳо, муқаддасот, арзишҳои миллӣ ва саъй барои ҳифзи онҳо; (аз ҷумла барои ҳифзи Ватан, давлат, забон, ҷойгоҳи маънавии қаҳрамонҳо ва улгуҳои миллӣ ... )

3) доштани нангу номуси миллӣ, эҳсосу ифтихори миллӣ, ватанпарастиву миллатдӯстӣ, худшиносии миллӣ; худбаҳодии мусбат;

4) вокуниш дар баробари мавзеъгириҳое, ки манофеи миллиро ба хатар меандозанд ва арзишҳои миллиро хор мекунанд;

5) ҳифзи арзишҳои ҷомеаи дунявӣ, гуманизм, қонунсолорӣ, хирадгароӣ,

6) эҳтиром ба фарҳанг, анъанаву маросимҳо (ҷашнҳо) ва қолабҳои одобу ахлоқи миллӣ;

II. Нишонаҳои ҳувийяти динӣ:

1) эҳсоси мансубият ба миллати ислом ва гурӯҳи мазҳабии муайян (масалан, ҳанафӣ ё исмоилия) ва пазириши масъулият дар ин росто;

2) дар авлавият гузоштани манфиатҳо, муқаддасот ва арзишҳои диниву мазҳабӣ, саъй барои риоя ва ҳифзи онҳо, аз ҷумла саъй барои иҷрои муқарраროти диниву мазҳабӣ (намоз, рӯза, ҳаҷ ...), арҷгузорӣ ба маросимҳои исломӣ (иди фитр, қурбон ...) ва ҷойгоҳҳои муқаддаси динӣ (мазорҳо, мақбараҳо, масҷидҳо ...), ҳифзи мақоми маънавии ашхоси муътабари динӣ (аз ҷумла шайхону эшонҳову эмомҳо, рӯҳониён, муллоҳо ва ғ.)

3) ифтихор аз дину мазҳаби худ доштан;

4) Вокуниш дар баробари мавқеъгириҳое, ки бо муқаддасоту муқаррарот ва арзишҳои диниву мазҳабӣ дар таноқуз қарор доранд;

5) пойбандӣ ба қолабҳои одобу ахлоқи диниву мазҳабӣ;

6) ихтилофи назар доштан ва ё бетафовут будан нисбат ба арзишҳои миллӣ, ҷомеаи дунявӣ ва қонунҳову муқарраროти он, доштани ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи диниву мазҳабӣ(ортодоксалӣ) ва хурофотӣ; муқарраროти шаръиро бар муқарраროти қонунгузорӣ тарҷеҳ додан; тақдиргароӣ(фатализм);

III. Нишонаҳои ҳувийяти маргиналӣ:

1) адами эҳсоси мансубият ба миллат ва худро дар назди чунин гурӯҳи иҷтимоӣ масъулиятпазир надонистан;

2) худхоҳиву худпарастӣ ва худкомагӣ;

3) бетафовутӣ нисбат ба манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ;

4) аҳёнан хислату фитрати бегонагарой ва аҷнабипарастона доштан.

Новобаста ба он ки то ҳанӯз дар ростои шинохти ҳувийяти миллии тоҷикон ба таври ҳирфаӣ, мутаассифона, таҳқиқот ва пажуҳиши ҷиддие бо корбурди роҳкорҳои илмӣ сурат нагирифтааст, аммо дар истинод ба мушоҳидаҳои тӯлонии ҳамарӯзаи чандинсола, арзёбии сатҳи хештаншиносиву ҷаҳоншиносии атрофиён ва кунишҳову вокунишҳои онҳо бо камоли итминон ва ҳамзамон бо камоли таассуф метавон гуфт, ки дар ҷомеаи мо афроде, ки ҳувийяти миллии ташаккулёфта надоранд, кам нестанд. Дар таркиби ҳувийяти баъзе шаҳрвандони мо унсурҳову арзишҳои ғайримиллӣ мавқеи меҳварӣ доранд. Ин вазъи зеҳнӣ худ як нишонаи деградатсия ва бuҳрони ҳувийятӣ дар ҷомеаи мост, ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад.

Нишонаи дигари буҳрони ҳувийятӣ дар ҷомеаи мо он аст, ки компонентҳо ва аносири милливу динӣ дар таркиби ҳувийяти ҷамъиятии мо ҳамеша бо ҳам дар ҳолати таноқуз қарор доранд. Ин таноқуз на таноқузи зоҳирӣ, балки таноқузи моҳиятӣ аст.

Маҳз ҳамин вазъ, яъне аз унсурҳои мутаноқиз иборат будани ҳувийяти миллии тоҷикону форсҳо ва иртиботи механикӣ (на органикӣ) доштани онҳо чолиши зеҳниеро ба вуҷуд овардааст, ки он буҳрони ҳувийятӣ ном дорад.

Агар аз ин равзана ба таърихи гузаштаамон назар карда шавад, пас заъфи ҳувийяти миллиро дар сатҳҳои дигар, аз ҷумла дар сатҳҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабиёт, фолклор, анъанаву маросимҳои мардумӣ, мавзеъҳои барои омма муқаддас (м: масҷидҳо, мақбараҳову мазорҳо...), хислати миллӣ, ва ғ. мушоҳида хоҳем кард. Дар зер ба таври мухтасар ба баъзе аз ин ҷанбаҳо ё падидаҳо ишора мекунем.

**1) дар сиёсат:** а) надоштани давлати миллӣ ва ҳатто набудани талошҳо ва муборизаҳои муташаккилона барои эҳёи давлати миллӣ тӯли қариб ҳазор сол; б) надоштани чеҳраҳои бузурги сиёсии таърихӣ дар ин марҳила; в) надоштани мактаби сиёсӣ ва методологияи ҳифзи қудрати сиёсӣ;

**2) дар адабиёт:** кам будани асарҳои ватанпарастонае чун "Шоҳнома", ва хеле зиёд будани осоре чун "Искандарнома", "Умарнома", "Ҳамзанома" "Маҳмуднома", "Темурнома", "Бобурнома" ва амсоли инҳо;

**3) дар фалсафа:** дар ростои шинохти ҳақиқат ва дарки воқеият ба таври мутлақ афзалият доштани корбурди "роҳкорҳо"-и эҳсосгароёнаи интуитивӣ(ирратсионалӣ) нисбат ба роҳкорҳои хирадгароёна(ратсионалӣ) (масалан, ривоҷи густараи фалсафаи ишроқ, интишори фарогири маслаки аҳли тасаввуф ...)

**4) дар илм:** бар мабнои ҳақиқати қаблан муайяншуда мутобиқ ва мустанад кардани натиҷаҳои таҳқиқот ва пажуҳишҳои илмӣ;

**5) дар таърих:** а) беэътиноӣ ва ҳатто тавҳин бар гузашта ва гузаштагони таърихи пешазисломии худ ва мероси адабиву фалсафӣ, фарҳангиву меъмории он; б) бар мабнои ҷуғрофиёи сиёсии имрӯз ихтилоф гузоштан байни арзишҳо ва улгӯҳои миллӣ, масалан тавҳин бар Куруш, ки барои ваҳдати ориёиҳо талош меварзид ва тавсифи Томирис, ки ҷудоихоҳ ва ба таъбири имрӯза ҷонибдори сепаратизм буд; в) ассимилятсияи этникӣ, хоса баъди ҳуҷум ва қатли оми муғул, ки ҷуғрофиёи зисти мардуми форстабор ба қаламрави бедарвозае табдил ёфт ва аз шимолу ҷануб қабилаҳову ақвоми аҷнабӣ бидуни ҳеҷ мамониат дар сарзаминҳои аҷдодии мо маскун ва ватандор шуданд;

**6) дар умури иҷтимоӣ:** бар мабнои муқаррароти шаръӣ роҳандозӣ ва танзим кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ;

**7) дар анъанаву маросимҳо**: таҷлилу бузургдошти мунтазаму мутантани маросими диниву мазҳабӣ, парастиши мазорҳову ҷойҳои муқаддас, ки ҳама василаи арҷгузории шахсиятҳои динӣ буданду ҳастаанд. Дар ин росто ҳатто як намунаеро наметавон мисол зад, ки марқади ватанпарасте ва ё қаҳрамони миллие ба мазор табдил ёфта бошад.

Ниҳоят заиф будани ҳувийяти миллии моро аз худбаҳодиҳии манфии мо низ метавон ҳамарӯза дар ҳама сатҳҳо ва қишрҳои ҷомеа мушоҳида кард. Худбаҳодиҳӣ қисмати таркибии худшиносӣ аст, ки усулан се навъ дорад: худбаҳодиҳии манфӣ, худбаҳодиҳии муътадил ва худбаҳодиҳии ифротӣ ё худписандӣ.

Бо мушоҳидаи рафтор, вазъи равонӣ ва кунишҳову вокунишҳои шаҳрвандоне, ки ҳамарӯза дар маърази диди мост, метавон ҳатто бидуни тест ва корбурди пурсишномаҳои тадқиқотӣ ошкор кард, ки худбаҳодиҳии миллӣ

(*анг.* national self-assessments; *рус.* национальная самоотценка)-и мо дар маҷмуъ манфӣ аст. Ин ҳолати психикаи миллии мо ҳамарӯза дар сатҳи ҷомеа дар шаклҳои зерин ифода ва зоҳир мешавад:

- *худкамбинӣ* (масалан, худро қодир ба анҷом додани кори арзишманду муҳиме надонистан ва ба худ нисбат додани корҳои бесифат ва рафторҳои нохушоянд.
- *бечораноли* (бахши аъзами адабиёти шифоҳӣ ва хаттии мо моломол аз бечоранолист; жанри "фалак", ки аз номи он ҳам пайдост, авҷи бечоранолиҳои мост; қисме аз гуфтугузорҳои ҳамарӯзаи аҳли ҷомеаи моро низ бечоранолӣ "ташкил" медиҳад; ...)
- *худсафедкунӣ* (мушкилоти худро ба омилҳои берунӣ иртибот додан);
- *беэътимодӣ ба худ* (масалан, тарҷеҳ додани молу ашёи хориҷӣ бар ватанӣ);
- *худситезӣ* (норизоиятӣ аз худ);
- *яъсу ноумедӣ, тарс, писсимизм, фатализм.*

Ҷойгоҳи меҳварӣ надоштани арзишҳои миллӣ дар фазои ақидативу идеологӣ ва ҷаҳонбинии бахше аз мардуми мо яке аз омилҳои асоситарини заъфи рӯҳияи миллӣ ва худбохтагиву бегонагарой дар ҷомеаи мост, ки бояд ҳар чӣ зудтар паи ислоҳи он иқдом карда шавад.

**Посух ба як пурсиш**

Барои чӣ қабули ислом барои форстаборон ҳувийятшикан буду барои м: турку тотор на? Барои он ки ислом бо воруди худ ба Эрон (ҷуғрофиёи форсзабонон) ба таври куллӣ ва бунёдӣ шикананда буд. Он ба таври иҷборӣ ва ба якборагӣ аз бунёд ҳам сохтори қадими давлатдории форсиёнро шикасту ҳам қолабҳо(стереотипҳо)-и иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳам дини

бостонии зардуштиро. Тафаккуру андешаи ориёиро дар ростои сиёсиву иҷтимоӣ ва эътиқодиву фарҳангӣ, ки тӯли ҳазорсолаҳо шакл гирифта буд, аз бунёд мутазалзил ва дарҳаму барҳам кард. Аммо дар сатҳи ақвоми турку тотор интишори ислом куллан ба шакли дигар сурат гирифт. Он ҳеҷ яке аз ин унсурҳои ҷомеаи турку тоторро дар ростои сиёсиву иҷтимоӣ ва эътиқодиву фарҳангӣ ба таври шикананда ва якбораву иҷборӣ тағйир надод, чунки ин аносир дар ҷомеаҳои мазкур аслан вуҷуд надоштанд. Ин раванд дар байни ақвоми мазкур ба таври тадриҷӣ ва ихтиёрӣ сурат гирифт.

Худбохтагӣ ва парокандагии амалии мо аз худбохтагӣ ва парокандагии назарии мост. Аз ин рӯ мебояд, ки бо дарки ин паҳлӯи заъифи ҷомеаи худ ба мушкилоти мазкур аз дидгоҳи илмӣ назар андозем ва барои мудовои ҳар чӣ зудтари он талош варзем, вагарна такрори фоҷеаҳои таърихӣ бо таҳрики манфиатҷӯён ҳар лаҳза имкон дорад. Моя ва маншаъи аслии истиқлолияти сиёсии ҳар миллате маҳз истиқлолияти зеҳнии он аст. Бидуни истиқлолияти зеҳнии миллат истиқлолияти сиёсии он аслан ба даст нахоҳад омад ва агар ба таври истисно дар шароити хоси таърихӣ чунин истиқлоли сиёсӣ ба даст омада бошад ҳам, он дар мавриди пайдо накардани заминаи зеҳнии хеш, ҳамеша номукаммал, бебунёд ва осебпазиру зудшикан хоҳад буд. **“... Бидуни пирӯзии андешаи фарогири миллӣ истиқлолияти миллӣ пойдор нахоҳад монд”. (С.Ятимов, “Адабиёт ва диалектика ҳаёт”)**

Мутаассифона, дар ҷомеаи мо ҷаҳонбинии омма ва ҳатто зиёиён аслан ортодоксаливу хурофотист. Мавқеи меҳварӣ доштани арзишҳои ғайримиллӣ дар зеҳни мардуми мо далели рӯшани худбохтагиву бегонагароӣ ва набуди тафаккури миллӣ дар ҷомеаи мост. Дар бораи хатару зарари чунин вазъи ақидатии ҷомеа С.Ятимов дуруст таъкид кардаанд, ки: **“Ҳама гуна «ақидае, ки фарогири ҷаҳонбинии омма мешавад, ба қувваи материалӣ мубаддал мегардад». Мутаассифона, ақидаҳои зиддимиллӣ ҳам”.**

Бо назардошти мавҷудияти ин заъф, ки тӯли садсолаҳо мушоҳида мешавад ва мутаассифона, ҳатто ба як ҷузъи характери миллии мо табдил ёфтааст, баъзан бо андешаҳои

писсимистона ва навмедона низ бархурд мекунем, ки гӯё менталитети мо табиатан чунин аст ва дар робита ба табииву зотӣ будани ин хислат аслан тағйир додани он номумкин мебошад. Ин гуна пиндоштан ва тасаввур доштан ба куллӣ хатост.

### 3. Худситезиву худбаҳодиҳии манфӣ ва беэътимодии мо ба худ аз куҷо сарчашма мегирад?

Иддае аз этнопсихологҳо бар он назаранд, ки менталитети миллӣ ва ҳувийяти миллӣ падидаҳои устувори психологие мебошанд, ки ба таври интисобӣ аз насл ба насл интиқол меёбанд. Бовар кардан ба чунин фарзияи зоҳиран илмӣ маънои онро дорад, ки гӯё аз азал ё дар ҷараёни таҳаввулоти тӯлонии табииву таърихӣ дар зеҳни ҳар миллат ва гурӯҳи этникие барномаи вижае рехта шудааст, ки он ба таври ғайриирдӣ ва мустақим дар наслҳои баъдӣ такрор меёбад. Бояд ба эътибор гирифт, ки ин гуна андешаҳо, ки ҳатто дар шакли фарзияҳои илмӣ низ пешниҳод шуда ҷонибдорони худро низ доранд, бе таҳқурсии назарӣ пайдо нашудаанд. Ин фарзияҳо бар асоси он пайдо шудаанд, ки шуури инсон дар сатҳи аввал ба се бахши асосӣ тақсим мешавад, яъне шуур, зершуур ва фарошуур. Ҳар яке аз ин бахшҳои шуур амалҳои муайяни фаъолияти инсонҳоро танзим мекунад. Масалан, фаъолияти дастгоҳҳои нафаскашиву хунгард, узвҳои ҳозима ва талаботҳои аввалии инсонӣ аз ҷумла талабот ба ҳифзи бақо ва касби ғизо, эҳтиёҷоти физиологие чун шаҳват, хоб, тамоил ба лаззатгароӣ, ғаризаҳои табиӣ, инстинктҳо, рефлексҳо ва амсоли инҳо аслан на ба воситаи шуур, балки тавассути зершуур танзим мешаванд. Ба ғайр аз ин тавассути зершуур ҳамчунин амалҳои автоматизатсияшудаи худкори инсонҳо, меъёрҳои муайяни ахлоқу одоби миллӣ ва урфу одатҳои ҷамъиятӣ низ танзим мешаванд. Одобу ахлоқ ва одатҳову анъанаҳои мардумӣ ба мисли ҳаракатҳои автоматизатсияшудаи ронандагони собиқадору мусиқинавозони касбӣ, ки бинобар сабаби бардавом ва такрор ба такрор иҷро гардидан ба малака табдил ёфтаанд, дар ҳақиқат тавассути зершуур танзим мешаванд. Хусусияти амалҳову фаъолиятҳое, ки тавассути зершуур танзим мешаванд, дар он аст, ки ғайриирдӣ

ва ба таври табииву фитрӣ сурат мегиранд. Аксар ин амалҳо аз қабл ба таври табиӣ дар зеҳни инсон барномарезӣ шудаанд ва аз насл ба насл мегузаранд. Аз ин аст, ки мизоҷ, темперамент ва характер аз дидгоҳи илмҳои тиб ва равоншиносӣ дар маҷмуъ устувор ва ҳатто тағйирнаёбанда дониста шудаанд.

Аммо ба воситаи шуури инсон амалҳои ғайритабиӣ ва ғайрииқтисобии ӯ, яъне амалҳои иродӣ ва иктисобии вай танзим мегарданд. Амалҳои ироди амалҳоеянд, ки дар заминаи донишҳои омӯхта ва таҷрибаҳои андӯхта анҷом дода мешаванд.

Фарошуур низ хостгоҳи фаъолиятҳои ғайрииродиву ғайрииктисобӣ аст. Мисоли равшани ин гуна фаъолият илҳом ва ангезаҳои ботинӣ, яъне интуитсия аст, ки онро маҷозан ҳисси 6-ум низ мегӯянд.

Оид ба ин масъала бо ҳамин иктифо карда, бармегардем ба арзёбии мавзуъ. Суоли матраҳ ин аст, ки мафҳумҳое чун рӯҳияи миллӣ, андешаи миллӣ, худшиносии миллӣ, менталитети миллӣ, ҳувийяти миллӣ ба кадоме аз ин бахшҳои психика ва равону шуури миллӣ рабт доранд? Посух ба ин суол бисёр муҳим аст, зеро маълум кардани маншаъи ин падидаҳои психикиву равонии миллат, тағйирёбанда ва ё тағйирнаёбанда, иктисобӣ ва ё интисобӣ, ироди ва ё ғайриироди, ратсионалӣ ва ё ирратсионалӣ будани онҳоро тавзеҳ медиҳад. Доир ба ин масъала ҳатто этнопсихологҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд. Масалан, этнопсихологҳои ҳавзаи илмии Ғарб ба ин масъала нигоҳи ратсионаливу хирадгароёна доранд ва менталитети миллиро падидаи равонии тағйирёбанда медонанд. Аммо этнопсихологҳои ҳавзаи илмии Шарқ ва шарқи Аврупо, аз ҷумла русҳо дар ҷиноҳи ғайриратсионалистҳо қарор доранд ва бар он назаранд, ки менталитети миллӣ аслан тағйирнаёбанда аст. Доир ба ин масъала баъзе муҳаққиқони рус худ низ таъкид кардаанд. Аз ҷумла ба қавли онҳо: ”Ба хостагоҳи ратсионалӣ мансуб донистани мафҳуми ”менталитет” дар илми Ғарб пеш аз ҳама натиҷаи авлавияти мутлақ доштани хирадгарой дар фарҳанги ғарбист, ки таъсири худро ба усули пажуҳишҳои илмӣ, ба вижа пажуҳишҳои илмӣ дар сатҳи улуми иҷтимоӣ расонидааст. Аз ин рӯ табиист, ки дар илми Ғарб мафҳуми “менталитет” ҳамчун “воситаи дарки олами ҳастӣ” пеш аз ҳама ба хирадгароӣ

иртибот пайдо мекунад. Ва тасодуфӣ ҳам нест, ки мафҳуми “менталитет” бо интиқол ёфтан ба ҳавзаи илмии Россия ба сӯи қутби эҳсосгароӣ тамоил пайдо кардааст”. *(ниг. ба https: //studbooks. net/1348755 /psihologiya/natsionalnyy_ mentalitet_ predmet_sotsialno_ psihologicheskogo_ issledovaniya)*

Этнопсихологҳое, ки нақши омилҳои фитриву генетикиро дар ташаккули менталитети миллӣ ҳалкунанда тасвир кардаанд, маҳз бо назардошти тавассути зершуур ба таври худкору автоматикӣ танзим шудани иддае аз амалҳо ва фаъолиятҳои иҷтимоии одамон ба чунин хулоса омадаанд. Аммо хулосаи мазкур аз он ҷиҳат дуруст нест, ки онҳо одобу ахлоқи миллӣ, қоидаҳои рафтору муошırати ҷамъиятӣ, этикет, стереотипҳову архетипҳо, маданият ва фарҳанги миллиро ба мисли ғаризаҳои табииву инстинктҳо чун падидаҳои равоние донистаанд, ки аз азал ва ё дар раванди таҳаввулоти тӯлонии табиӣ дар зеҳни инсон барномарезӣ шудаанд. Маҳз бо назардошти фитрӣ ва табиӣ тасаввур ва талаққӣ шудани ин унсурҳо онҳо устувор ва қариб тағйирнопазир будани менталитети миллиро таъкид кардаанд. Ҳол он ки унсурҳои мазкур на ба таври фитрӣ, балки ба таври тарбиявию тақлидӣ ва умуман, ба таври иктисобӣ дар заминаи шуур ташаккул ёфта, баъдан бинобар сабаби такрор ба такрор иҷро шудан ба малака ва фаъолияти автоматизатсияшуда табдил мегарданд ва баъдан ба тадриҷ таҳти таъсири зершуур қарор мегиранд. Аз ин рӯ набояд тасаввур кард, ки менталитети миллӣ аслан ҷанбаҳои метафизикӣ ва ё фавқулодаи табиӣ дорад ва таъсири муҳити иҷтимоиву тарбия ва таълим дар ташаккули он кам асаргузор аст.

Одобу ахлоқи миллӣ, қоидаҳои рафтору муошırати ҷамъиятӣ, этикет, стереотипҳову архетипҳо, маданият ва фарҳанги миллӣ қаблан дар зери таъсири тақлиду талқин дар муҳити хонавода ва баъдан таҳти таъсири таълиму тарбия ва муҳити иҷтимоӣ дар зеҳни ҳар фарди миллат аз айёми хурдсоливу наврасӣ шакл гирифта ба қолабҳо(стереотипҳо)-и рафторе табдил меёбанд, ки минбаъд ба таври автоматикӣ бидуни мулоҳиза ва ихтиёр амалҳову ҳаракатҳои ӯро(шахсро) танзим мекунанд. Масалан, тасаввурот дар бораи амалҳои “убол”(шакли аслиаш вубол) ва “савоб”, ғизоҳои “ҳалол” ва

“ҳаром”, ки аз хурдӣ таҳти таъсири муҳити хонавода ва ҷомеа дар зеҳни шаҳрвандони мо ба вуҷуд омадаву шакл гирифтааст, ҳамчун меъёр ва қолаби устувори аз қабл тасдиқшуда *(стереотипу архетип)* тӯли умр ба таври ғайриихтиёр фаъолияту муносибати моро таҳти таъсир қарор медиҳад ва танзим мекунад. Афрод ҳатто баъди расидан ба синни камолот ҳам бидуни мутолиа ва таҳқиқ бар асолати ин мафҳумҳо бовар доранд ва муқаррароти марбут ба ин мафҳумҳоро ғайриихтиёр бо назардошти ангезаҳои ботинии худ ва афкори умум риоят мекунанд. Аммо риояти ғайриихтиёри ин меъёрҳои ахлоқӣ ё ба қавле стереотипҳо маънои онро надорад, ки ин мафҳумҳо дар зеҳни мардуми мо ба таври фитрӣ ва модарзодӣ барномарезӣ шуда бошанд.

Аз ин рӯ, дидгоҳҳои ратсионаливу хирадгароёнаи муҳаққиқони аврупоӣ назар ба дидгоҳҳои ирратсионаливу эҳсосгароёнаи муҳаққиқони рус дар бораи менталитети миллӣ ва вижагиҳои он воқеитар ва дурусттар ба назар мерасанд.

Меъёрҳои ахлоқӣ ва эътиқодии мо, ки аслан бар мабнои муқаррароти динӣ ташаккул ёфтаанд, беш аз андоза густараи озодии ихтиёри фардро маҳдуд карда, ӯро ба таҳаммул ва гузашта аз он ба таваккул ва ризо водор мекунанд. Сифатҳои психологие чун ҷуръатмандӣ, озодманишӣ, ҳақталошӣ, муқовимат, сахткӯшӣ ва қатъият дар тангнои меъёрҳои ахлоқи миллии мо намегунҷанд. Аз ин рӯ ин сифатҳо аз дидгоҳи ахлоқи мо ғайри қобили қабул ва нохушоянд дониста шуда, ба онҳо номҳое чун густохӣ, мағрурӣ, ситезаҳӯӣ ва якравӣ дода мешавад. Фалсафаи ахлоқи миллии моро аз мақолу масалҳои мардумии маъруфе чун “Сари хамро шамшер намебуррад”, “Даҳони пӯшида – сад танга”, “-Уштури сафедро дидӣ? –Надидам.”, “Забони сурх сари сабз медиҳад барбод” ва амсоли инҳо метавон ба осонӣ дарёфт. Ин чаҳорчӯби тарбиятӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ тӯли асрҳо кори завлонаву занҷирро мекарданд ва то ҳанӯз дасту пои зеҳни миллати моро бе банд бастаанд. Дар тақвияти ин сухан месазад, ки дигарбора аз қавли зерини С.Ятимов ёдовар шавем: **“Аҷнабиҳои манфиатдор бо зӯру истибдод асрҳо ин тарзи тафаккурро ба мардум бор кардаанд. Албатта, бо мақсади осудатар, самараноктар ҳукми ғуломдорӣ рондан”.**

Ин қолабҳои фикрӣ ва тарзи тафаккур бегумон навъе аз тафаккури истеъморист, ки дар ҷодаи миллатсозиву ҷомеасозӣ монеаҳои зеҳнӣ эҷод мекунанд.

Раванди табдили тафаккури истеъморӣ ба тафаккури миллӣ бисёр печида ва мураккаб аст, аммо онро метавон бо роҳкорҳову барномаҳои созандаи илмӣ ва амалӣ суръат бахшид. Набояд мафҳуми минталитети миллиро мафҳуми баста ва моҳиятан тағйирнопазиру ғайридиалектикӣ тасаввур кард.

Дар шароити кунунӣ бо назардошти мушкилоти мавҷуда хеле зарур аст, ки мо барои рақобатпазир кардани ҷомеаи худ дар арсаи пур аз муборизаҳои манфиатҷӯёнаву қудратталабонаи минтақа ва ҷаҳон ҳар чӣ зудтар технологияи хоси миллатсозӣ ва қудратсозии миллиро дарёфту коркард ва мавриди корбурд қарор диҳем.

## 4. Барои ҳамоҳанг кардани арзишҳои мутаноқизи таркиби ҳувийяти миллӣ чӣ бояд кард?

Бинобар он ки дигар ислом бо гузашти беш аз 1400 сол ва даргузашти беш аз 40 насл дар умқи зеҳну афкори мардумони форстабор ҷой гирифта ҳатто заминаи қавии тардиди арзишҳои пешазисломиро ба вуҷуд овардааст, талош барои сутурдани нақши ин арзишҳо аз зеҳни мардум на фақат бенатиҷа дар назар меояд, балки гумон меравад, ки барангезандаи аксуламалҳо низ бошад (Масалан, инқилоби исломӣ дар Эрон дар паи ислоҳоти миллигароии Р. Паҳлавӣ). Аз ин рӯ нахуст зарур аст, ки бо ҳифзи ин арзишҳо ҳамзамон арзишҳои миллиро дар зеҳни мардум тарзе ҷой дод, ки амалан онҳо дар таркиби ҳувийяти миллӣ мавқеи меҳварӣ дошта бошанд. Дар ин маврид бояд дар назар гирем, ки компонентҳо ва бахшҳои таркибии ҳувийяти миллӣ ҳамчун ҷузъиёти як куллиёт аслан бо ҳам иртиботи табиии органикӣ дошта бошанд, на механикӣ.

Аз ин рӯ, ҳангоми ҳувийятсозии миллӣ ба хотири он ки ҷузъиёти таркибии ҳувийяти миллӣ бо ҳам мутазоду мутаноқиз набошанд, мебояд, ки заминаҳои муносиби ҳамоҳангсозии арзишҳои миллӣ ва динӣ фароҳам оварда шаванд. Барои ин қаблан бояд муайян кард, ки кадом арзишҳои

миллӣ ва арзишҳои динии таркиби ҳувийяти миллӣ ва дар кадом росто бо ҳам мутаноқиз мебошанд. Манзури ин ҷониб аз таъкид рӯи ин масъала он аст, ки бо пажуҳиши амиқи масъалаи мазкур мо бояд роҳкорҳои тарбиятии худро тарзе созем, ки бидуни бархурди эътиқодӣ ва барангехтани эҳсосоти диниву мазҳабии омма арзишҳои миллиро дар зеҳни онҳо эҳё карда ба арзишҳои меҳварӣ ва авлавиятдошта табдил диҳем. Ба ҳам даромехтани арзишҳое, ки хостгоҳҳо ва махраҷи ягона надоранд, нуктасанҷӣ ва талоши бештареро тақозо дорад. Агар ба таъбири риёзӣ баён кунем, ин ду қутби арзишӣ махраҷи ягона надоранд ва аз ин рӯ ҷамъ кардан ва ба махраҷи ягона овардани онҳо кори чандон содае нест. Мӯшикофӣ ва диққати назарро мехоҳад.

Барои рафъи буҳрони ҳувийятӣ ҳамчунин эътибор ба масъалаҳои зерин низ муфид хоҳад буд:

1) эҳё ва таҷдиди арзишҳои сиёсии мардуми ориёитабор, хоса арзишҳои сиёсии замони пеш аз ислом, аз ҷумла давлатдориҳои муқтадири бостоние чун давлатҳои Ҳахоманишиён, Суғду Бохтар, Кӯшониён, Ашкониён, Сосониён, ва низоми сиёсиву оини давлатдории онҳо;

2) арҷгузорӣ ба шахсиятҳои таърихии мардуми ориёитабори замони пеш аз ислом ва аҳди интишори ислом (Зардушт, Борбад, намояндагони аҳли илму фарҳанги он даврон, шоҳону сарлашкарон ва сиёсатмадорони аҳди Ҳахоманишиён, Кӯшониён, Ашкониён, Сосониён ва муборизони роҳи истиқлоли сарзамини аҷдодӣ, амсоли Б.Хуррамдин) ;

3) эҳё ва интишори осори хаттии мардуми ориёитабор дар замони пеш аз ислом, аз ҷумла Авасто, Занд, Позанд, Шоҳномаҳои бостонӣ, сангнабиштаҳо, катибаҳои суғдӣ ва ғ.

4) арҷгузорӣ ба низоми сиёсиву оини давлатдории Саффориён, Тоҳириён, Сомониён, Ғуриён ва чеҳраҳои сиёсиву фарҳангӣ ва илмии мардуми тоҷик дар асрҳои миёна;

5) муаррифӣ ва арҷгузории осори меъмории бостонӣ, минҷумла Мақбара ва муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ, Тахти Ҷамшед, мақбараи Куруш, харобаҳои Мадоин(Кохи Хусрави Анушервон), Саразм, Ҳулбук, Қалъаҳои Муғ, Қаҳ-қаҳи ҷоду, Тахти Сангин, Карон, Шумон ва амсоли инҳо;

6) таҷлили бошукӯҳи ҷашнҳои миллӣ, ба вижа Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ғ. ; дар баробари таҷлили расмиву хиёбонии ин ҷашнҳо ҳамчунин мусоидат кардан барои хонаводагӣ шудани ҷашнҳои мазкур;

7) эътибори ҷиддӣ ба номгузории миллӣ;

8) ба тадриҷ даст кашидан аз таблиғи осори адибони ориф, кам кардани нуфуз ва таъсири ҷаҳонбинии ирфонӣ, ки дар воқеъ саробе дар паҳнои зеҳни миллати мост ва мо аз худбохтагӣ уқёнус номаш ниҳодаем.

**5. Буъди иқтисодии мушкилоти ҳувийятсозии миллӣ**

Чунонки дар боло ишора шуд, на ҳамаи фаъолиятҳои инсон ба воситаи шуури ӯ танзим мешаванд. Як идда аз фаъолиятҳои инсон ба таври ғайриirодӣ мустақиман тавассути зершуур, ки дар он барномаҳо ва дастурамалҳои фитрӣ аз тариқи генҳо сабт шудаанд, танзим мегарданд. Масалан фаъолияти дастгоҳи нафаскашӣ, низоми ҳаракати хун, инстинктҳову рефлексҳо, ниёзмандӣ ба хоб ва амсоли инҳо аз қабили фаъолиятҳои доимиву хеле муҳими ҳаётии инсон мебошанд, ки бидуни дахолати ақлу иродаи мо ба таври фитрӣ ва табиӣ мунтазам ва хеле дақиқ танзим мегарданд. Ин қабил фаъолиятҳои ба таври табиӣ барномарезишуда мутлақан таҳти таъсири омилҳои фитрӣ қарор дошта, дахолат дар танзими онҳо ба воситаи ирода аслан таъсири ҷиддӣ ва бунёдӣ наметавонад дошта бошад.

Ба иловаи ин фаъолиятҳо баъзе ангезаҳои фитрии дигар аз қабили ғаризаҳои табииву талаботи биологӣ, минҷумла эҳтиёҷот барои рафъи гуруснагиву ташнагӣ, талабот барои идома додани насл, ниёз ба доштани маҳалли зист, талош барои амнияту ҳифзи бақо ва ангезаҳои дигари ба инҳо монанде ҳастанд, ки дар зершуури инсон барномарезӣ шудаанд ва танзими онҳо ба воситаи ақлу ирода фақат ба таври ҷузъиву нисбӣ ва муваққатӣ имконпазир аст. Ин ангезаҳои табииву биологӣ, ки талаботу эҳтиёҷоти аввалии инсонӣ ном гирифтаанд, тамоми инсонҳоро дар тӯли умр ҳамеша таҳти таъсир қарор медиҳанд ва дунболагирӣ мекунанд. (Авраам Харолд Маслоу, ниг. ба китоби “Маслоу о менеджменте”, соли 2003)

Оре, инсон мавҷуди соҳибақл аст ва маънии зиндагии инсон дар қонеъ кардани ин ниёзҳо ва “хуру хобу хашму шаҳват” нест. Инсон бояд арзишҳои воло дошта бошад ва барои ҳадафҳои воло талош варзад. Аммо инсон дар сурате барои расидан ба ҳадафҳои воло имкон ва фурсати талош варзиданро пайдо мекунад, ки ҳадди ақал қудрати қонеъ кардани эҳтиёҷоту ангезаҳои сатҳи аввали биологии худ ва аҳли хонаводаи худро дошта бошад. Аз ин рӯ барои ҳифзи бақои давлат ва рушди ояндаи миллат бояд фазои мусоиди иқтисодиеро ба вуҷуд овард, ки шаҳрвандон бо истифода аз он на фақат имкони қонеъ кардани ниёзҳои аввалии худ, балки қудрати талош дар роҳи ҳадафҳои волоро низ дошта бошанд.

### 6. Мисолҳо оид ба заъфи рӯҳияи миллатҳои дигар ва раванди табдилу ташаккули он

Омӯзиши равандҳои ташаккулу таҳаввули ҷомеаҳо ва давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки ҳама гуна рушду пешрафт маҳз дар заминаи ташаккули тафаккури солиму созандаи ҷомеа ба вуҷуд меояд. Ояндасозии миллат аз муҳити фикрии ояндангаронаи он сарчашма мегирад.

Воқеияти таърихии на чандон дури баъзе миллатҳо ва ҳатто баъзе миллатҳои муқтадири муосир далели дигари рӯшани тағйирпазир будани падидаҳои равониву зеҳние чун ҳувийят, менталитет ва рӯҳияи миллист. Масалан, ташаккулу таҳаввули рӯҳияи мардуми рус аз замони князиҳои Киеву Новгород ва Суздал то ибтидои асри XIX бозтоби ин воқеият аст Бегонапарастиву бегонагароӣ тӯли асрҳои миёна одати маъмулии ин мардум рус ва ба вижа табақаи ашрофи он буд. Иддаи зиёде аз князҳову подшоҳони Русия дар асрҳои миёна аслан ҳатто рус набуданд. Масалан, асосгузори князии Новгород, ки қадимтарин сохтори давлатдории Рус буд, Варяг Рюрики даниягӣ маҳсуб мешавад. Баъд аз марги ӯ бародари ҳамсараш – Олег, ки аз Шведсия буд, ба тахти князии Рус нишаст. Аввалин императритсаи Рус - Екатеринаи I (Марта Скавронская) низ швед буд ва солҳои 1725-1727 дар Русия ҳукмронӣ кардааст. Солҳои 1740-1741 Иван(Иёҳан)-и IV

императори Русия буд, ки аслу насаби олмонӣ дошт. Пётри III (Питер Улрих), ки солҳои 1761-1762 ба маснади императории Русия такя зад, низ олмонӣ буд. Ӯ дар натиҷаи табаддулоти дарборие, ки бо кӯмаки молӣ ва амалии як қатор сафирони хориҷӣ ва баъзе ашрофи рус тавассути ҳамсараш - Екатеринаи II (Екатеринаи Бузург) ташкил шуда буд, сарнагун карда шуд. Ба ин восита Екатеринаи Бузург тахти императории Русияро соҳиб шуд. Аҷибии кор дар ин буд, ки ӯ низ аслу насаби тозаи олмонӣ дошт ва дар шаҳри Штеттини вилояти Пруссияи Олмон таваллуд шуда буд. Ному насаби аслии вай София Фредерика Августа Анхалт аст. Ин зани олмонӣ бо камоли шаҳомат ва шаҳватронӣ то дами марги худ, яъне то соли 1796 ба муҳлати 34 сол императритсаи Русия буд.

Элитаи сиёсии рус марҳила ба марҳила зери таъсири амиқи ақвоми румиву юнонӣ(Византия), скандинавӣ ва олмониву фаронсавӣ қарор доштанд. Ҳатто дар дарбори шоҳони рус ба забони русӣ ҳарф задан нишонаи фарҳехтагӣ builtin дониста намешуд, аз ин рӯ табақаи ашроф дар дарбори князҳову шоҳони рус кӯшиш мекарданд, ки ба забонҳои олмониву фаронсавӣ ҳарф зананд.

Петри Кабир бо мақсади рушди Русия тамоми қолабҳои фарҳанги аврупоӣ, ба вижа фарҳанги голландиву олмониву англисиро аз тарзи пӯшидани либосу ороишу ороиши зоҳирӣ то услуби пешбурди умури давлатдориву артишдорӣ ва баҳрнавардӣ ба таври иҷборӣ дар байни русҳо ҷорӣ кард. Холоп(барда)-дорӣ низ бо фармони ӯ дар Русия расман аз соли 1712 ва амалан аз асри XIX аз байн бурда шуд. Ишораи шоири шаҳири рус М.Лермонтов ба ин хусусияти ҷомеаи рус дар асри XIX аз абёти зерини ӯ, ки соли 1841 навиштааст, ҳувайдост:

*Прощай немытая Россия,*
*Страна рабов, страна господ.*
*И вы, мундири голубые,*
*И ты, послушный им народ.* *(Лермонтов М.Ю. Собрание сочинений в четырех томах, Л.: Наука, том I, стр. 472)*

Аммо ин миллат марҳила ба марҳила таҳаввул ёфта ба қудрати минтақавӣ ва баъдан ба қудрати ҷаҳонӣ мубаддал шуд. Симои психологии ин миллат дар тӯли чанд асри охир ба куллӣ тағйир ёфт. Аз он хулқу хӯи бардагии қаблӣ дигар дар характеру менталитети миллии русҳо чизеро наметавон дид. Таҳаввулоти зеҳнӣ ва шуури ҷамъиятии миллати рус аслан дар заминаи роҳкорҳои муассири давлатҳо ва давлатмардони рус сурат гирифтанд.

## ОХИРСУХАН

Дар воқеъ мо ба хотири дастёбӣ ба рушди миллат ниёз ба тағйироте бунёдӣ ва куллӣ дорем, ки он аслан бояд дар сатҳи ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷамъиятии мо ба вуҷуд ояд.

Барои пайдо кардани роҳи ҳалли ин мушкилот ва ташаккули тафаккуру ҳувийяти миллӣ феълан бисёр зарур аст, ки давлати миллии мо ташаббускор ва пешоҳанг бошад ва бо ҷалби ниҳодҳои илмии кишвар, хоса олимони соҳаи равоншиносии миллӣ ҷиҳати ба роҳ мондани тадқиқоту ташхисҳои ҷиддии илмӣ мусоидат кунад, то ба ин васила омилҳои заъфи ҳувийяти миллӣ дарёфт ва услубҳои тақвият додани он ба таври воқеъбинонаву илмӣ тавсия дода шаванд. Лозими таъкид аст, ки чунин тадқиқот ва пажӯҳишҳои ҳадафмандонаву оянданигарона, мутаассифона, то ҳол ба василаи ниҳодҳои илмии кишвар бо мақсади таҳияи заминаи рушди зеҳнӣ ва ташаккули тафаккури миллӣ анҷом дода нашудааст.

Бояд гуфт, ки дар ташаккули тафаккури миллӣ ва тақвияти худшиносии аҳли ҷомеа адабиёт низ метавонад ҳамчун абзори бисёр таъсиргузор хидмат кунад. Дар ин бора С. Ятимов дуруст таъкид доштааст, ки: **“... адабиёт беҳтарин, муҳимтарин воситаи шаклгирии ҷаҳонбинии воқей – илмӣ мебошад. Тавассути таҳлили таҷрибаи инсонӣ, каломи бадей аз илм дида, имкони бештари таъсиррасониро ба шуур дорад. Ба василаи як байт, шеър, суруд, достон, ҳикоя, повест, роман, ҳатто ҳар кадоми онон дар алоҳидагӣ, имкон ҳаст, ки диди инсон нисбат ба ҳодисоти олам, муносибати ӯ ба воқеоти муҳити атроф тағйир ёбад”.**

Адибон ва адабиёти миллӣ масъули ташаккули маънавиёту зеҳният ва худшиносиву ҳувийяти миллианд. С. Ятимов зиёиён ва ба вижа адибонро ҳамчун муҳандисони зеҳни ҷомеа дар амри ташаккули тафаккури миллӣ масъул дониста, хотиррасон мекунад: **“Ин ҷониб эътиқодманд аст, маҷмӯи масъалаҳое, ки давлати миллӣ онҳоро ҳаррӯза муҳим эълон мекунад, зиндагии осоишта ва рушди мамлакатро аз он омилҳо вобаста медонад, ҳамзамон бояд нақшаи рӯимизии адиб бошанд. То замоне ки он масъалаҳо ҳаллу фасли худро ёбанд”.**

Истиқлолияти зеҳнии миллат пойдевори истиқлолияти сиёсии миллат аст. Миллате, ки афроди он ҳувийяти миллии ташаккулёфта надорад, наметавонад такраҳбарӣ ва платформаи сиёсии устувор дошта бошад. Мавҷудияти платформаи устувори сиёсии миллӣ кафолати мунҳариф нашудани маъмурияти миллат аз масири рушди миллӣ аст.

Истиқлолияти сиёсӣ дастоварди бузургест, ки миллати мо ба он ноил шуд, аммо бақои истиқлолияти сиёсӣ ва давлати миллӣ заҳматҳои ҳамешагиро тақозо дорад.  Ба таъбири образнок метавон гуфт, ки баъд аз соҳибдавлат шудан рӯҳи миллии мо имкони дар қолаби тоза ҷилва карданро ба даст овард. Мафҳуми шаклу мазмун ва зуҳуроту моҳият ба ҳам робитаи мустақим ва мутақобила доранд. Бақои шакл ба кайфияти мазмун ва ҷилваҳои зуҳурот ба ангезаву таҳрик, яъне нерӯи мутаҳаррикаи моҳият вобаста аст. Зуҳурот то вақте бармало хоҳад буд, ки моҳият омили ангезиши он бошад. Аз ин рӯ бидуни бедории фикрӣ ва истиқлолияти зеҳнии миллат ҳифзи истиқлолияти сиёсии он амре мушкил ва ҳатто муҳол аст. Ин пойдеворро бояд устувор гузошт, то бинои ҳастии миллати мо аз газанди рӯзафзуни рӯзгор ҳамеша эмин бошад. С.Ятимов бо назардошти муҳимияти ин масъала бисёр воқеъбинона гуфтааст, ки: **“Муҳити ҷамъиятӣ офаранда ва нигаҳдорандаи афкори ҷомеа аст. Мавҷудияти инсон омили беохири таъсиррасонӣ, шаклгирии мундариҷа ва тарзи тафаккур мебошад. Барои сохтан, қувват бахшидан ва ба давомнокии давлатдории миллӣ умед бастан, захираи иҷтимоии ба чунин сохти давлатдорӣ муътақид, ҳифзкунанда бояд офарид, ба воя расонд”.**

# ИБНИ СИНО ВА ФАЛСАФАИ ИНСОН

**Муродова ТОҶИНИСО**
*номзади илмҳои фалсафа*

## ТАҚРИЗ
## БА КИТОБИ М.РАҲИМОВ «АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО. ФАЛСАФАИ ИНСОН» (Душанбе, 2018)

Масъалаи фалсафаи инсон ва мақоми вай дар ҷаҳони ҳасту буд аз масоили муҳиме буд, ки диққати аҳли илму адабро аз қадимулайём то имрӯз ба худ ҷалб намудааст. Мутафаккирони бузурги Шарқи асрҳои миёнаи форсу тоҷик рӯи ин масъала таваҷҷуҳи хоссе намудаанд. Онҳо, хоҳ дар шакли китоби алоҳида ва хоҳ дар баробари ақоиди фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, табиӣ, ирфонӣ ва тиббии хеш дар бораи инсон ва мақоми вай дар табиату ҷамъият баҳсу мунозираҳои зиёде намудаанд.

Махсусан, таърихи фалсафа, ки мавзӯи марказии он муносибати Худо ба табиат ва инсон буд ва ҳаст, мавриди муҳокимаву баҳси мутафаккирон қарор гирифтааст.

Абӯалӣ Ибни Сино дар таърихи тамаддун ва фарҳанги инсонӣ як шахсияти нобиғае буд, ки қариб дар тамоми соҳаҳои илмҳои замонааш, махсусан фалсафа, мантиқ, нуҷум, тибб, табиатшиносӣ, иҷтимоиёт, адабиёт, ахлоқ, ирфон, мусиқӣ ва ғайра саҳми бузург дошт. Дар баробари ин донандаи таърихи адён, фарҳангу фалсафаи Юнони қадим буд ва ба ҷараёну равияҳои он замон ошноии хуб дошт.

Дар бораи осору фаъолият, таълимоти фалсафӣ, мантиқӣ, ахлоқӣ, тиббӣ ва иҷтимоии Абӯалӣ Ибни Сино аз тарафи муҳаққиқони тоҷик, махсусан Болтаев М.Н., Баҳоваддинов А., Диноршоев М., Султонов У., Султонов М.,Сироҷов Ф., Раҳматуллоев Н. ва дигарон, ҳамчунин муҳаққиқони берун аз кишвар корҳои зиёде анҷом дода шудааст. Аммо масъалаи фалсафаи инсон ва мақоми вай дар олами ҳастӣ ҳанӯз ба таври пурраву комил омӯхта нашудааст ва аз ин ҷиҳат китоби муҳаққиқи таърихи фалсафа Муҳсин Раҳимов «Абӯалӣ Ибни Сино. Фалсафаи инсон» яке аз тадқиқотҳое мебошад, ки аввалин

бор ин масъалаи муҳим-фалсафаи инсон ва мақоми онро дар ҷаҳони ҳастӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз аҳамият холӣ нест ва актуалӣ мебошад.

Монографияи мазкур аз муқаддима, 6 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёту сарчашмаҳо иборат аст, ки масъалаҳои асосии дар бар гирифтаи он: "Симои равонии Абӯалӣ Ибни Сино", "Мақоми инсоншиносӣ дар системаи илмҳо", "Таълимот дар бораи ҳастии инсон", "Хосиятҳои равонӣ-ҷисмонии инсон", "Мизоҷ ва ҳолатҳои равонии инсон", "Ҳастии маънавӣ-ахлоқии инсон", "Инсон ҳамчун ҳастии иҷтимоӣ", "Фалсафаи «некӣ ва бадӣ»", "Ақлу ва эътиқод", "Зебоӣ ва зебошиносӣ", "Инсон ҳамчун субъекти сиёсат", "Оила ва шахсият" ва ғайраҳо мебошад. Номгӯи мавзӯҳои номбурда нишонгари он аст, ки муҳаққиқ дар атрофи мавзӯи интихобнамудаи хеш-фалсафаи инсон кори муҳим ва сахтеро анҷом додаанд, ки қобили аҳсан аст.

Муҳаққиқ саъй намудааст, ки инсону инсониятро дар ибтидо дар шахси худи Ибни Сино дида барояд, чунки аз ҳаёту фаъолият ва осори мутафаккир хуб ба назар мерасад, ки ӯ, пеш аз ҳама, инсон ва инсониятро дар худ ҷустуҷӯ намудааст ва ҳадаф гузоштааст, ки худаш бояд намунаи инсони комил бошад. Махсусан, пас аз оне, ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба сари қудрат меояд, Абӯалӣ Ибни Сино тарки ёру диёр менамояду рӯ ба сафарҳои бебаргашт меорад, зеро ки ӯ намехост худро побанди дарбору дарбориён кунад. Аз ин ҷо беҳтар медонад, ки тарки диёр намуда, дар давоми сафарҳои хеш ба навиштани ашъору хидмати мардум, аз он ҷумла дардмандон бошад.

Китоби муҳаққиқ М. Раҳимов тамоми ҳаёту фаъолият ва саргузашти сахту заҳматҳои Абӯалӣ Ибни Синоро дар оворагиҳо ба таври васеъ ба хонанда муаррифӣ мекунад. Муҳаққиқ менависад, ки Абӯалӣ Ибни Сино дар синни 18-19-солагӣ қариб тамоми донишҳо ва илмҳои замонашро омӯхта, ҳамчун як олими комил буд, ки гувоҳи ин фикр як қатор асарҳои навиштаи ӯ мебошад. «Китоб-ал-маҷмӯъ», «Ал-арузия», «Ал-ҳосил вал-маҳсул» дар 20 ҷилд, ки ба шарҳи мазмуни осори фалсафӣ ва ахлоқии олими Хоразмӣ Абубакри Бароқӣ бахшида шуда буд(-С.25-26).

Чунонки дар боло қайд намудем, муҳаққиқ дар асари худ масъалаҳои инсон, моҳияту хусусият, табиат, ҳолатҳои биологию

физиологӣ, равонӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, маънавии инсонро аз нигоҳи Абӯалӣ Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор додааст, ки арзишҳои худро то имрӯз гум накардааст.

Муаллиф тавассути таҳлили таълимоти фалсафии Абӯалӣ Ибни Сино таносуби ҷисму рӯҳ, моддаву сурат, нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ва нафси нотиқа, ки моҳияти ҳастии инсон аст, мақому зиндагии ӯро дар иҷтимоъ ва ҳаёти фарҳангиву маънавӣ баррасӣ намудааст. Зеро ки инсон қодир аст маърифатпазирии дунёро дарк кунад ва онро пеш барад ва ё онро нобуд созад.

Муаллиф дар монографияи хеш ба масъалаи инсон аз нигоҳи таърихӣ наздик шуда, ҷараёни ташаккулу такомули онро то Абӯалӣ Ибни Сино ба таври васеъ баррасӣ намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқи осори Ибни Сино муаллиф хидмати бузурги ӯро ба хонанда манзур сохта, дар ташаккули идеяҳои таҳаммулпазирӣ ҳамчун парадигмаи ахлоқӣ тамоми системаи фалсафии мутафаккирро баён ва асоснок намудааст (-С.10).

Оштӣ додани ақлу имон, илму дин, ҳамоҳангии фалсафаву илоҳиёт на он қадар кори саҳлу осон аст, аммо Абӯалӣ Ибни Сино ин корро ба хубӣ анҷом додааст.

Муаллиф дар монографияи худ дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи фалсафаи инсон ва осори илмӣ-табиии Абӯалӣ Ибни Сино саъй намудааст аз нигоҳи равоншиносӣ, махсусан ақоиди мутафаккирро дар бораи хоб ва хоббинӣ, озодии иродаи инсон, ҳамчунин андешаҳои ӯро дар бораи рӯҳ дар асоси ақидаҳои ахлоқӣ-эстетикӣ, тиббӣ таҳлилу баррасӣ намояд.

Китоби М.Раҳимов на танҳо барои аҳли илму адаб муфиду қобили истифода аст, балки як асари хубест барои донишҷӯёну магистрҳо, бобати омӯзиши Ибни Сино ҳаёту фаъолият, замони зиндагӣ ва таълимоти дар бораи масъалаҳои муҳими фалсафӣ ва мақому ҷойгоҳи инсон. Аз тарафи дигар, шахсияти Абӯалӣ Ибни Сино як намунае аст, ки симои маънавӣ, ахлоқӣ ва донишмандии мутафаккири бузургро ба насли муосир муаррифӣ менамояд. Абӯалӣ Ибни Сино бо шахсият ва осори нотакрори хеш ифтихори миллат аст, ки омӯзишу қадрдонии ӯ вазифаи ҳар нафаре аз насли ҷавону бузурги миллати мо мебошад. Умедворем, ки аҳли илму адаб ин навиштаи мухтасарро доир ба китоби М.Раҳимов «Абӯалӣ Ибни Сино. Фалсафаи инсон» қобили қабул медонанд.

# ГАНҶИНАДОРИ ТАЪРИХИ МИЛЛАТ

**Саидов Саидумрон**
*н.и.ф., дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Назаре ба китоби Усмонҷон Ғаффоров "Алломаи замон"
*(аз рӯзгор ва корномаи илмии академик Бобоҷон Ғафуров)* -
*Хуҷанд, 1998 с.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1998 дар муқаддимаи китоби «Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров оид ба муҳимияти омӯзиши таърихи миллат ва арзиши ин китоб чунин менигоранд: " Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне миллат бояд аз гузаштаи худ сабақ бигирад ва дурнамоиояндаашро муайян бисозад. Академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳамин хотир умри худро ба таҳқиқ ва эҷоди таърихи миллаташ бахшид ва хушбахтона ба мурод расид. Вай бо чопи шоҳасари бузурги худ – «Тоҷикон» на танҳо миллати тоҷик, балки тамоми форсизабонони олам, мухлисону ҳаводорони тамаддуни Шарқ ва сокинони Осиёи Марказиро бо як сарчашмаи нерубахшу пурбаҳо шодком сохт." Аз ин чашмандоз хидмати академик Бобоҷон Ғафуров дар бедор намудани эҳсоси худшиносии миллӣ, эҳтиром ба дастовардҳои маънавии халқ, муҳаббат ба Ватан бениҳоят бузург аст.

Зиндагӣ, фаъолият, корномаҳо ва осори илмии Бобоҷон Ғафуров ҳануз аз замони зиндагиаш мавриди омузиш қарор гирифта, муҳаққиқон дар нигоштаҳояшон ӯро ҳамчун сиёсатмадор, раҳбар, олим ваташкилотҷии беҳамтог муаррифӣ кардаанд. Таърих гувоҳӣ медиҳад,ки Бобоҷон Ғафуров дар тӯли умри бобаракаташ дар баробари таҳқиқоти будёдии илми таъриху ховаршиносии тоҷик дар мавриди баргузор намудани бузургтарин ҳамоишҳои илмӣ дар перомуни таърихи тамаддуни

кишварҳои Осиёи Марказӣ,  Ховару Мағриб талошҳо карда ҳамчун роҳбари ғамхори халқ, сиёсатмадори фардобин ва ботаҳаммул ном баровардааст.

Боиси масаррат ва қаноаатмандист,ки то имрӯз садҳо китобу мақола,рисолаи илмӣ, асари адабӣ ва монанди инҳо дар бораи академик Бобоҷон Ғафуров ва фаъолияти илмиву сиёсии ӯ рӯи кор омадааст. Даҳҳо ҳамоишҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ паҳлӯҳои ҳаёти ин абарманди миллатро мавриди омӯзиш қарор дода ба он баҳои арзанда додаанд.

Дар радифи даҳҳо нафар муҳаққиқони номвари ватаниву хориҷӣ дар шинохти шахсият, бузургӣ ва ҳуввияти Бобоҷон Ғафуров муаррихи номвари тоҷик профессор Усмонҷон Ғаффоров нақши бориз дорад. Метавон гуфт,ки таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти академик  Бобоҷон Ғафуров  дар осори  Усмонҷон Ғаффоров ҷойгоҳи хоса дорад ва омӯзиши  феҳрасти осори муаррихи номвар,ки  аз  мақолаҳо, ёдномаҳо ва китобҳое иборат аст ин нуқтаро собит мекунад. Ин осор дар баробари дорои арзиши баланди таърихию илмӣ доштанаш муҳаббатномаи бепоёни Усмонҷон Ғаффоровро нисбати академик Бобоҷон Ғафуров ифода мекунад. Ҷолиб ин аст, ки аввалин намунаи кори Усмонҷон Ғаффоров дар шакли плакат бахшида ба 75-солагии Бобоҷон Ғафуров таҳти унвони “Алломаи илму маърифат” соли 1984 рӯйи чопро дида буд. Оғоз аз ин кори шогирдона то бузургтарин китобҳои илмию таърихӣ мавсуф тавонист дар нигоштаҳояш тамоми паҳлӯҳои ҳаёт ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуровро инъикос намояд. Соли 1972 бошад аввалин  мақолаи ӯ таҳти унвони “Рӯзгори шоиста” дар ҳаммуаллифӣ бо гурӯҳи олимон дар газетаи “Маориф ва маданият” чоп шуд, ки муаррифномаи шахсияти нотакрори  Бобоҷон Ғафуров барои сокиони кишвар маҳсуб мешуд. Сипас ӯ пайваста силсилаи мақолаҳои худро давоми қариб панҷоҳ соли охир  ҳамасола бахшида ба солгарди мавлуди академик Бобоҷон Ғафуров дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик нашр менамояд.  Аз зумраи мақолаҳои муаррих бо номи “Роҳи комуннист” (Маҷаллаи “Агитатори Тоҷикистон”.соли 1979). “Шӯҳрати ҷаҳонии олим” ва “Ифтихори халқи мо” ( газетаҳои “Маҳорати педогогӣ” ва “Ҳақиқати Ленинобод”.соли 1979), “Асарҳои Бобоҷон Ғафуров

дар китобхонаи ман”, “Эҷодиёти Бобоҷон Ғафуров дар ашъори шоирон”, “Зи ному кори некаш ҷовидон ёд аст” “Алломаи илму маърифат”( “Ҳақиқати Ленинобод”.”Маҳорати педагогӣ”.соли 1984) таълиф ва чоп шуданд,ки дар онҳо молики арзиши баланди илмӣ,таърихӣ ва сиёсӣ буд. Ҳамин тариқ дар тӯли фаъолияти худ Усмонҷон Ғаффоров даҳҳо мақолаҳо аз қабили “Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров”, “Олим ва инсони комил”, “Умри абад” , “Бобоҷон Ғафуров ва Камоли Хуҷандӣ”, “Дар ситоиши Бобоҷон Ғафуров”, “Бобоҷон Ғафуров фарзанди арзандаи миллат ” ва даҳҳои дигарро иншо кардааст,ки ҳар яке дар заминаи асноди мӯътамади таърихӣ ри кор омадааст.

Аввалин китоби Усмонҷон Ғаффоров, ки дар бораи фаъолияти илмӣ ва меҳнатии Бобоҷон Ғафуров ҳикоят мекунад, “Равшангари таърих”(соли 1990) ном дошта, он хусусияти ҷамъбастии тадқиқоти муаррихро то он замон фаро гирифтааст. Баъди чанде китоби дигари муаллиф бо номи “Бобоҷон Ғафуров – фарзанди фарзонаи миллат” (соли 1996) интишор гардид,ки он як қатор маводҳои тозаро аз рӯзгор ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуров инъикос кардааст. Соли 1998 бошад якбора се китоби пурарзиши устод Ғаффоров аз ҷумла “Марди накӯном”, “Алломаи замон”, “Ситораи Шарқ” (бо забони англисӣ) интишор гардид, ки ба иншои он Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи додани унвони “Қаҳрамони Тоҷикистон” ба Бобоҷон Ғафуров” мебошад.

Китоби “Алломаи замон”, ки мавзӯи меҳварии ин мақола аст ва за муқаддимаву охирсухан ва 24 фасл иборат аст, аз зумраи асари ҷамъбастии Усмонҷон Ғаффоров дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки то имрӯз аз беҳтарин асарҳо аз лиҳози фарогирии маводҳои мустанади таърихӣ маҳсуб меёбад. Ин китоб дар заминаи ҳуҷҷату сарҷашмаҳои нодири таърихӣ, воқеаву ҳодисаҳои муҳим,ки худи маллиф шоҳиди он буд навишта шудааст. Муаллиф дар пешгуфтори сухани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи ду рукни миллати тоҷик Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба қалам медиҳад: “Бояд донем, ки

Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров барин фарзандони сарсупурдаи миллатамон барои зинда кардани таъриху фарҳанги халқи худ ба чӣ азобҳо, тӯҳматҳо ва мушкилоти дигар рӯ ба рӯ нашуда буданд. Вале онҳо аз ҳеҷ сиз наҳаросиданд, зеро нангу номуси ватандориашон аз манфиатҳои шахсӣ ва маҳаллӣ хеле болотар буд”.

Муаллифи китоби “Алломаи замон” рӯзгор ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуровро аз даврони наврасӣ сар карда, то дами маргаш ба риштаи таҳқиқ мекашад, санадҳои таърихиро баён мекунад, нуқтаи назари муҳаққиқонро сари ин ё он масъала зикр намуда, дар заминаи муқоисаву муқобала, андешаи худро баён месозад. Ҷолиб ин аст, ки сарчашмаи китоби “Алломаи замон” на танҳо маводи бойгонӣ ва санадҳои китобатӣ аст, балки муаллиф аз хотироти ашхоси наздик, ҳамкорон ва пайвандон низ фаровон истифода мебарад.  Масалан дар мавриди мушаххас ва муайян намудани шахсият, афкор ва андешаҳои модари олим Розия Озод нуқтаи назари хоҳари Бобоҷон Ғафуров Тоҷинисо Ғафуроваро қайд месозад, ки ниҳоят ҷолиб аст. Хотироти зерини Тоҷинисо Ғафурова муҳити тарбияи академик Бобоҷон Ғафуров дар даврони кӯдакивк наврасӣ пешиназар меорад: «Ман доимо ба ҳайрат мемондам, ки модарам чӣ қадар шеърҳои шоиронро аз ёд медонад. Мазмуни чанде аз достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Саодатнома”- и Носири Хисрав, “Баҳористон”- и Ҷомӣ, “Сад панд”- и Убайди Зоконӣ, “Пандномa”- и Аттор, “Бӯстон”-у “Гулистон”- и Саъдӣ, “Ахлоқи Мӯҳсини”-ӣ Ҳусайн Воизи Кошифро батафсил нақл менамуд. Чӣ қадар афсонаҳои аҷоибу ғароиби халқиро медонист».

Мусаллам аст,ки  академик Бобоҷон Ғафуров маҳз  туфайли чунин муҳити илмиву адабӣ, ахлоқи ҳамидаву муносибати неки оилавӣ, рӯй ба илм овардааст. Нигоштаи Бобоҷон Ғафуров дар бораи модараш Розия Озод ва муаллимони мактабиаш андешаи болиро собит менамояд:“Он муваффақиятҳои калони назаррас, ки ман шарафманд шудам, натиҷаи таълиму тарбияи омузгоронам ва модарам буд”.

Муаллифи китоб тамоми паҳлӯҳои ҳаёти наврасии Бобоҷон Ғафуровро бо ҷузъиёташ мавриди омузиш қарор дода, онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Махусусан дар давраи наврасӣ ҳам

бо таҳсил ва ҳам бо корҳои вазнини хоҷагидории оила машғул будани Бобоҷон Ғафуров, ки сарчашмаҳои мустанад исбот кардаанд, ҷолиби диққат аст. Муаллиф дар ин маврид на танҳосаҳифаҳои зиндагии алломаро ба қалам медиҳад балки онро ҳамчун ибрати имрӯзиён хоса мактаби адабу таҷриба барои ҷавонон баррасӣ менамояд.

Дар китоби "Алломаи замон" Усмонҷон Ғаффоров боберо таҳти унвони "Рӯзноманигор ва публисисти шӯълавар" нақши академик Бобоҷон Ғафуровро дар инкишофи матбуоти тоҷик инъикос мекунад. Ба андешаи Усмонҷон Ғаффоров аллома Ғафуров ва шахсиятҳои ҳамзамонаш чун Мирзо Турсунзода, Абдуғанӣ Мирзоев, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ фаъолияти хешро чун рузноманигор ва мухбири ҷамоатӣ сар кардаанд ва дар ташаккул ва густариш матботи тоҷик нақши бориз доранд. Ӯ дар заминаи санадҳои таърихӣ, хотираҳо ва тадқиқоти олимону адибони номвар чеҳраи Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун рӯзноманигори соҳибқалам инъикос карда, бештарини мақолаҳои Бобоҷон Ғафуровро, ки дар матбуот нашр шудаанд таҳлилу баррасӣ менамояд. Муаллиф дуруст зикр мекунад дар ин гуна осор Бобоҷон Ғафуров ба масъалаҳои мухталифи рӯзмарраи ҳаёти мардуми Шӯравӣ ва тоҷик даст зада, тавонистааст дар вазифаҳои мухталифи соҳа аз ҷумла муҳаррири маҷаллаи "Коркунони партиявӣ",баъдтар "Коммунистони Тоҷикистон" хидмати содиқонаеро барои халқу ватан адо намояд. Як саҳифаи фархунда ва ифтихоромези рӯзгори аллома марбут корҳои тарғиботу ташвиқоти омма бар зидди фашистони немис маҳсуб мешавад. Дар он рӯзгор аз шахсиятҳое чун Бобоҷон Ғафуров донишу фаросати баланд, ҷасорату матонат, ва ҷоннисориву заҳмат тақозо мешуд то дар рушди руҳияи ватандӯстонаи мардум таъсири нек расонанд. Аз ин рӯ дар китоби "Алломаи замон" қайд мешавад, ки Бобоҷон Ғафуров на танҳо худ мақолаву асарҳои муфид меофарид, балки бо дарки қувваву тавоноии қаламы аҳли адабиёт , адибонро дар навиштани асар ташвиқ мекард. Чунончи устод Садриддин Айнӣ китоби "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" ва "Исёни Муқаннаъ" – ро маҳз бо ташвиқоти Бобоҷон Ғафуров иншо намуда буд. Дар ин самт Усмонҷон Ғаффоров асари Бобоҷон

Ғафуров “Муборизаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарон ва асоратгарони аҷнабӣ” – ро мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳад. Махсусан дар мавриди қаҳрамонони халқ Шерак, Спитамен, Муқаннаъ, Темурмалик нақлҳои ҷолиби алломаро тавзеҳ медиҳад. Чунончи ин гуфтаи Бобоҷон Ғафуровро дар бораи Спитамен иқтибос меорад: “Спитамен як рӯз ҳам осоиш надошт. Ӯ бо дастаҳои “савораи парвозкунанда”-и Суғдиён ба сари истилогарон ҳуҷум оварда, ба онҳо зарбаҳои ҳалокатовар мезад. Вай дар таърихи халқи мо ҳамчун муборизи роҳи истиқлолияти ватан мондааст”.

Ҳамчунин дар ин боби “Алломаи замон” китоби дигари Бобоҷон Ғафуров “Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ” ба тафсил ташреҳ ёфтааст. Дар ин китоб баробари аз корномаҳои қаҳрамонии гузаштагон ҳикоят кардан дар як боби алоҳида аз шуҷоату мардонагии силаҳшӯрони тоҷик дар майдони Ҷанги бузурги ватанӣ нақл мекунад. Дар ҳамин боб Усмонҷон Ғаффоров фаъолияти гуногунҷабҳаи Бобоҷон Ғафуровро дар солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ инъикос карда, дар шаш банд хулосаҳои илмии худро баён месозад, ки ҷавҳари онро донишмандӣ, заҳматписандӣ, ватандӯстӣ ва дурбинии Бобоҷон Ғафуров ташкил медиҳад. Дар китоби “Алломаи замон” муаллиф боберо бон номи “Сарвари хирадманд” ҷудо кардааст, ки якчанд бобҳои дигари китоб марбут ба фаъолияти роҳбарии аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад. Бобоҷон Ғафуров ҳамчун котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон даҳ сол фаъолият намуда, дар ин муддат бо қобилияти баланди роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, ҷасорат дар байни хосу ом маҳбубият пайдо карда буд. Аз назари Усмонҷон Ғаффоров яке аз фазилатҳои зубдаи Бобоҷон Ғафуров ҳамчун роҳбар дар атрофи худ ҷамъ кардани аҳли фазлу дониш буд. Шахсиятҳое монанди устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Зариф Раҷаб, Солеҳ Раҷаб, Султон Умаров, Турсунб Ӯлҷабоев, Абдулаҳад Қаҳҳоров, Назаршоҳ Додхудоев, Иосиф Брагинский ва дигарон ба ӯ маслиҳатгару мададгор буданд. Дар ин боб низ Усмонҷон Ғаффоров ба санадҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳо, хотираҳои ҳамзамонон ва нигоштаҳои худи Бобоҷон Ғафуров такя мекунад.

Дар китоб фишурдаи сӯҳбати таърихии Бобоҷон Ғафуров бо сарвари мамлакати бузурги онвақтаи СССР Иосиф Сталин зикр ёфтааст, ки ба хонандаи имрӯза бисёр масъалаҳои мубҳами таърихро ифшо мекунад. Усмонҷон Ғаффоров фишурдаи сӯҳбатро ҳамчун муаррихи дақиқназар шарҳ медиҳад. Махсусан хулосаҳои муаллиф дар бораи баъзе аз шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла Абдулло Раҳимбоев ҷолиби диққат мебошад. Усмонҷон Ғаффоров бар он аст,ки яке аз сабабҳои навишта шудани китоби "Тоҷикон" дар собит кардани дорои таърихи бузург будани тоҷикон ва худогоҳии миллӣ бархурдор будани халқи тоҷик марбут аст. Дар китоб мавзӯи муносибати Бобоҷон Ғафуров бо Никита Хрушёв ниҳоят ҷолиб буда, дар асоси маълумотҳои бойгонӣ ва китобҳои илмиву таърихӣ воқеаҳои зиёдеро ба қалам меорад ва онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Махсусан қазияи гӯсфандҳои ҳисорӣ, ки Никита Хрушёв барои барҳам додани он супориш дода буд ва Бобоҷон Ғафуров бо усули қобили қабул онро сарфи назар намуд, ҷолиби диққат аст. Чун дар ҳамаи асарҳои дигари Усмонҷон Ғаффоров китоби Бобоҷон Ғафуров "Таърихи мухтасари халқи тоҷик" ва "Тоҷикон" мақоми меҳварӣ дорад. Дар китоб омилҳо ва сарчашмаҳои ба вуҷуд омадани китоби "Тоҷикон"- и Бобоҷон Ғафуров баён шудааст,ки дар меҳвари он дониши баланд ва огоҳ будан аз сарчашмаву манбаъҳо, ҳамчунин меҳнати фидокоронаи Бобоҷон Ғафуров қарор дорад. Дар мавриди мақому манзалати китоби "Тоҷикон " назари олимону донишмандонро қайд намуда ба хонанда афкору андешаи беҳтарини онҳоро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла сухани зерини файласуфи маъруфи тоҷик Акбар Турсунов дар бораи китоби "Тоҷикон" мояи ифтихори ҳар як нафар тоҷик мебошад: "Асари академик Бобоҷон Ғафуровро мутолиа намуда,ба камоли масъулият гуфтан мумкин аст,ки имрӯз тоҷикшиносӣ дар арсаи илми ҷаҳонӣ вуҷуд пазируфта,ба як соҳаи комилҳуқуқи илми таърих мубаддал шуд"

Дар китоби "Алломаи замон" ғафуровшиноси тоҷик Усмонҷон Ғаффоров оид ба саҳми Бобоҷон Ғафуров дар инкишофи илми таърихшиносии тоҷик ба тафсил сухан кардааст. Дар ин самт хидмати Бобоҷон Ғафуров дар таълифи силсилаи зиёди асарҳои пурарзиши илмиву таърихӣ ва адабӣ,

ташкили марказҳои бонуфузи илмӣ, тарбияи кадрҳои соҳибтахассус,барқарор намудани иртиботи байналмилалии илмӣ, ташкили ҳамоишҳои бонуфузи илмӣ муайян мегардад.

Усмонҷон Ғаффоров дар мавриди муносибати Аллома Ғафуров ба таърих ва шахсиятҳои таърихӣ аз ҷумла ба Исмоили Сомонӣ, Аблқосим Фирдавсӣ,Абдураҳмони Ҷомӣ, Садриддин Айнӣ руҷӯъ намуда,онро як бахши муҳими кори тадқиқотии олим маҳсуб медонад. Қисмати муҳими китоби "Алломаи замон ба шахсият, ҷаҳонбинӣ, хусусиятҳои фардии академик Бобоҷон Ғафуров бахшида шудааст.Муаллиф дар ин бахш аз санаду ҳуҷатҳои бойгонӣ,китобҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ, хотираҳои дӯстону шогирдон ва пайвандони аллома ва ғайра истифода карда бори дигар собит мекунад,ки Аллома Бобоҷон Ғафуров ифтихори миллати тоҷик ва эҳёгари таърихи кишвар тавассути китоби "Тоҷикон" мебоашад". Дар бораи арзиши илмиву таъгихии китоби "Алломаи замон" сухан карда, қабл аз ҳама ба истеъдоди баланд, ҷаҳоншиносӣ, дониши фаровон ва дорои бойгонии бузурги илмӣ будани муаррихи номвар Усмонҷон Ғаффоров муҳим аст. Ин ҷо месазад сухани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи профессор Усмонҷон Ғаффоров ин ҷо қайд намоем: "Ҳар чи ки устоди мӯҳтарам дар бораи аллома Бобоҷон Ғафуров мегӯянд ва менависанд бо як муҳаббат, садоқат ва меҳру самимияти гарму бепоён мегуянд. Ман гуфтаву навиштаҳои ин устодро ҳамеша бо завқу таваҷҷуҳ мешунавам ва мутолиа мекунам ва ҳаловат мебарам". Ҳамин тариқ, муаррихи номвар, донишманди тавоно, Усмонҷон Ғаффоров дар ғафуровшиносии муосир аз пештозони соҳа маҳсуб шуда, бо осори гаронбаҳояшон дар муаррифии акадеик Бобоҷон Ғафуров хидмати шоистаро анҷом додаанд,ки "Алломаи замон" яке аз намунаҳои заҳмати устод маҳсуб мешавад. Муҳимтар аз ҳама осори ин муаррихи номвар, бойгонии ғании ӯ ҳамчун ганҷинаи бебаҳо барои муҳаққиқони минбаъда дар шинохти Аллома Бобоҷон Ғафуров ва умуман, таърихи миллати мо сарчашмаи мӯътамад ва файёз маҳсуб мешавад ,ки метавонад ба саҳифаҳои ҳанӯз ноомӯхтаи таърихи ватан рӯшанӣ бахшад.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 93-526-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 28.02.2019*
*Барои нашр имзо шуд 1.03.2019*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 23,4. Андоза 70x108 1/8.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №23.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”-и АИҶТ*
*ш. Душанбе, 734063 кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**______________________________________________